# ГУЛРУХСОР

# ДЕВОН

## ( ДЕВОНИ ИШҚУ АШКУ ХАНДА )

**ГУЛРУХСОР**

# ДЕВОН

## ( Девони Ишқу Ашку Ханда )

**Интишороти Пайванд.**

***ДУШАНБЕ*. 2004**

Девони худро, дар қавс **«Девони Ишқу Ашку Ханда»** ном гузоштани Шоири Миллии Тоҷикистон **Гулрухсор** баёнгари он аст, ки шеър дар ҳама давру замон бозгӯӣ, балки шарҳу баёни мавзуну маҳзуни ишқу ашку хандаи зиндагист, зиндагии дӯстдоштанӣ, хандиданӣ, гиристанӣ…

**Девони Гулрухсор** аз намунаи ашъори солҳои гуногун эҷод гардидаи шоир гулчин шуда, бо таҳрири ҷиддии муаллиф ба чоп расидааст.

**Девони Гулрухсор** ҳадяест арзанда барои ошиқони шеъри шоири сарсупурдаи миллат.

**ГУЛРУХСОР, ( Г. Сафӣ ) ДЕВОН. ( Девони Ишқу Ашку Ханда )**
Душанбе. **2004**. … саҳ.

*Ҳуқуқи муаллиф маҳфуз аст.*

***Муаллиф аз Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар нашри ин ДЕВОН сидқан сипосгузор аст.***

**Унвони китоб:…………….. Девон. ( Девони Ишқу Ашку Ханда)**
**Муаллиф: ………………………………………Гулрухсор. ( Г. Сафӣ )**
**Муҳаррир:……………………………………… Саидалӣ Маъмур**
**Наққош: ………………………………………Азизи Раҷабиён**
**Тарроҳии компютерӣ……………………… Фирӯзи Набизода**
**Интишорот …………………………………… Пайванд**
**Замони чоп: ………………………….. ……………. 2004**
**Макони чоп: …………………………………… ш. Душанбе**
**Шумора: ……………………………………………… 1 000.**
**Саҳифа ………………………………………………..??**

**Акси муаллиф.**

## САДОИ НАФАСИ ЛАҲЗА

***( Ба ҷойи пешгуфтор )***

Шеър ҳолат аст!
Шеър ҳолати ҳол аст!
Ҳолати сӯхтан, сохтан, хурӯшидан, ҷӯшидану сар рафтан.
Ҳолати дар найчаи шарён нагунҷидани хун, бидуни хоҳишу имкон.
Ҳолати бидуни ихтиёру интизор, дар лаҳзаи дарду шодӣ, хушбахтиву нокомӣ, тавоноӣ ё нотавонӣ, будани набудан, дар лаҳзаи инсонсоз ё инсонкуш.
Оре, шеър ҳолат аст, ҳолати зодаи лаҳза, лаҳзае, ки дар найчаи нафас зиндааст ва мо низ зиндаем дар нафаси нафаси худ, дар лаҳзаи лаҳза.
Дар чанд соли охир, дар ин чанд лаҳзаи инсонкуши тоқати таҳқир, ки бояст нафасаш номид, он қадар рӯзро шаб, он қадар сафедро сиёҳ, он қадар хайрро шарр, он қадар оташгоҳро сард, он қадар офтобро бенур, он қадар шодиро дард, он қадар пиронро беимон, он қадар бонувонро бепардаи шарму ҳаё, он қадар тифлонро мушкилкушо, он қадар занонро гурду паҳлавон, он қадар мардонро тарсуву ҳақиру нотавон.., дидаву дарёфтам, ки дигар мантиқу фалсафаи ҳастиву нестӣ, неку бад, нуру зулмат, ҷаҳлу хирад, тавоноиву нотавонӣ, мардиву номардӣ… бароям қиммату маънии худро куллан дигар карда.
Лоҷарам дигар танҳо як дарсро боядам эътироф кард: дарси инсонсоз ё инсонкуши Лаҳзаро дар ҳолати ҳол. Дарси Лаҳза, дарси бенафасӣ устод надорад.
Лаҳза умри ҷовидона мехоҳад. Ин Лаҳза, ин дами дамро, ки буданаш ҳастӣ, набуданаш нестист, танҳо сухан, сухани манзуму мавзун ба абадият метавон роҳат дод.
Китобе, ки алъон дар танҳоии бо ҳама ҳамрози шумост, садои таппиши дили чанд лаҳзаи нотакрори инсонест, зодаи лаҳзаи ошиқи зиндагӣ.
Садои нафаси бенафасӣ, садои кӯргиреҳи фоҷиа, садои таркандаи тоқати таҳқир, садои дар гулӯ печидаи зиндонии ҷаҳли мураккаб, садои нолиши рӯҳу ҷон, садои нозишу ниёишу нолиши ишқи эҳсос шуда, аммо ба камоли ҷамоли шукуфоӣ нарасидаи чун меваи бодрезак аз дарахти умед ба хоки ноумедӣ уфтода…
Садои як суол, суоли аввалину охирини як соил, як мусофир, садои сояи як хандаи талх ба ҳоли худ, дар бечорагиву нотавонӣ, садои кафшҳои пора- пораи як раҳгузари муштипари дар роҳи зиндагӣ беҳамсафару бемутакко, садои бегувоҳи як шоҳиди музтар, садои як ошиқи танҳо…
Садои нафаси Лаҳзаро мешунавед?!

***Гулрухсори САФӢ.***
**Охири тобистони соли 1997.**
**Москва. Пуштаҳои Крилатск.***

---

* ***Пешгуфтор аз китоби « Дар паноҳи сояи худ…», ( Москва. Нашриёти « ACADEMIA » 1998 ) истифода шуд.***

## 1. ШЕЪРҲО

### СӢ ҚАРН ТО БА ХУД

Барои сӣ нафас то пас хазидан,
Барои сӣ ҳавас дар худ тапидан,
Барои сӣ қафас дар худ шикастан,
Бубояд аз дили Лайлӣ шукуфтан,
Бубояд аз гили Маҷнун дамидан.
***
Магӯ, ки дер шуд хушбахт будан,

Ману ту лаҳзае  дар лаҳза дорем.
Биё, он лаҳзаро бо ҳам шуморем.
Биё, тақдирро таҳрир созем,
Бинои ишқро таъмир созем!..
***
Ба каф паймонаи бишкастаи ишқ,
Ба по завлонаи таҳсину  таҳқир,
Ду бадному ду нокому ду ошиқ,
Ба ҳам оем дар ойинаи вақт,

---

Зулайхои ҷавону Юсуфи пир!
*Душанбе.*
*2003*

**БАҲОРОНА**

***Ишқ дар олам ҳазорон олам аст,***
***Бегуноҳии Ҳавову Одам аст!***

Кӣ ёдам кард?
Кӣ бо ёди мани аз ёд рафта
дар  мазори дил
чароғи хотира афрӯхт,
Ки набзи хастаам рақсид,
Ки хуни сарди шарёнам
шарар бардошт,
ширин сӯхт?

Кӣ меояд, ки дар  пойи садои  омаданҳояш
дилам уфтод,
Шарори ларза дар обу гилам уфтод?!
***
Кӣ меояд, ки чашми интизориям
Парад андар паранди мижжаҳоям нарму беово?
Мани афсурдаро аз дарди ман duздад,
Мани гумгаштаро аз ман кунад пайдо?!
***
Кӣ меояд, ки ҳойи шарфаи ёдаш
Ба тифли гушнаи хобам асал  бахшад?
Гуле андар гиле хандад,
Ғаме дар шодие рахшад?
***
Кӣ меояд, ки дар пайки таманнояш
Чакома мезанад чак-чак,
Фасона меравад арғушт?!
Кӣ меояд, ки илҳоми тасаллояш,
Ғами садсоларо
дар  шеъри хунам кушт?!
***
Кӣ меояд, ки сози нағмапардозаш,
Паёми ҷуфт орад
аз барои тоқ
аз мағриби ховарҳо?
Кӣ меояд, ки аз сози таманнояш,
Салои ишқ бархезад зи набзи хок,
Хурӯши шӯъла омезад
ба  рақси хуни озарҳо?!
***
Умеди ноумеди  интизорӣ,

бехуди дархуд,
Ба хоки раҳ баробар мекунад маъшуқи танҳоро.
***
Туро, эй пайки инсонофарин,
эй ишқ,
Чунонат интизорастам,
ки насронӣ
Зуҳури охируламри Масеҳоро!
*Душанбе.*
*2003*

**ҶИЛВАИ РАНГИ САРОБ**

Зиндагӣ омаду рафт!
Ҷилваи ранги сароб
дар ҳубобе нашикасту нанамуд,
Дуда аз ойинаи машъала занге назудуд,
Зи ҳаюло шараре
дар гили озар нанамуд,
Рафта аз н-омада сирре насуруд…

Ҳаваси умри абад,
Миннати ҳарзаи мову ман монд,
Зиннати будану бинмудани як дам,
оввах,
Мӯй дар гулхан монд,
Шиша дар ҳован монд,
Бод дар доман монд,
Умр дар пардаи ин омадану рафтан монд.
*Душанбе.*
*2003*

**БОҒИ МОТАМДОР**

Ғунчаҳоро куштам,
Мани дар боғи ҳавас қотили дил.
Дили ман себи гунаҳ мехоҳад,
Зи табаркундаи беҳосили дил.

Сояи кист паси деворам,
Ки ба ранги сияҳу сурхи гунох,
Дили гумроҳи маро вола кунад?!
Кист оне, ки сари турбати ёд,
Мурдаи ишқи маро нола кунад?
Ғунчаҳоро куштам,
Боғ мотам дорад.
Нафаси сӯзонам,
Ҳаваси оташи урёнии Одам дорад.
*Душанбе.*
*2003*

**ЭРОН**

Эй меҳани сабзи меҳр,
эй шаҳраги набзи шеър,
Эй дури ба ҷон наздик,

эй нури дилу дида,
Дар ҳар вараќи сангат
шеърест аҳурой̣,
Аз ҳар ваҷаби хокат
як нобиға рӯйида,
Эрони азизи ман,
эй ҷони азизи ман!

Коруни ту иншо кард
қонуни саодатро,
Ҷамшеди ту бино кард
кохи фари миллатро,
Мансури ту боло кард
қадри сари бемаргӣ,
Хайёми ту ифшо кард
асрори муҳаббатро,
Эрони азизи ман,
эй ҷони азизи ман!

Тири назари Ораш
дар сина ниҳон дорам,
« Шаҳнома»- и оламсоз
аз фазли каён дорам,
Бар қасди камонбозон,
бар рағми камонсозон,
Чун моҳи нави Теҳрон
абрӯйи камон дорам,
Эрони азизи ман,
эй ҷони азизи ман!

Бо ишқи худододат
паймони вафо боқист,
Аз духти Сафӣ баҳрат
пайке зи сафо боқист,
Аз мири бухорой̣ *
нодории дорой̣,
Аз пири самарқандӣ **
пайғоми саховат боқист,
Эрони азизи ман,
эй ҷони азизи ман!

Моро, ба дили тангат, эй ёр,
баҳам овар,
Садбор туро мирам,
як бор баҳам овар.
Бар гулшани гулхандат,
бар фарқи Дамовандат,
Гулхор намезебад,
гулнор баҳам овар,
Эрони азизи ман,
эй ҷони азизи ман!

Пайванди ниёконӣ,
пайванди дилу ҷонӣ,
Парвардаи шири шер,
парвардаи ирфонӣ,
Эй ишқи фалакпечам,
баҳри ту гарам ҳечам
Баҳри мани ноқобил

ҷойизаи яздонӣ,
Эрони азизи ман,
эй ҷони азизи ман!
------------------------------------------------------
**** Амири Сомонӣ.***
***** Устод Рӯдакӣ.***
*Душанбе.*
*2003*

## ХУМОРИ ИШҚ

Муборак моҳи нав
дар осмони куҳнаи дунё,
Муборак сӯзи растохези сози шаҳраги ҳастӣ.
Муборак ҳусни дидоре,
ки умре хоб медидам ба бедорӣ,
Муборак зиннати ҳушёрии зебои сармастӣ.

Ҳамехоҳам бидонам номи ин эҳсоси зеборо,
Ки ояд аз садояш ояи гардун.
Ҳамехоҳам бибӯсам гунаи он қосиди гулгун,
Ки орад муждаи ҷоду зи роҳи хун.

Дар ин ҳангомаву афсонаи як фасли беноме,
Ки ҳар гулғунча
номи ишқро
чун шӯъла
бар нӯги забон дорад,
Ки ҳар санге диле,
ҳар ранг Аржанги баён дорад,

Зи фасли панҷуми будан,
тапидан,
нозанин мурдан,
Вуҷудамро ҷунуни оташи хунам диҳад пайғом.
Сурӯши интизориям,
зи сабри беқарориям,
Ба рӯям сад дари накшода бикшояд,
Зи як анҷоми беоғозу сад оғози беанҷом...

Дар ин фасле,ки ҳар гул
дар ҷилои ҷилваи зебои худ
хандида мемирад,
Дар ин фасле,
ки аз оташнами дам медамад ахгар,
Дилам дар чашми шабнам метапад,
ҷонам парафшон аст.
Хумори ишқи новарзидаам
чун дарди дандон аст.
Худои ман,
дубора чун Зулайхои Азизи Миср
сарсабзу ҷавонам кун,
Ки лутфи ишқ арзон аст,
Ки дунё Юсуфистон аст!

Муборак рӯзи нав бар рӯзгори кӯҳнаи дунё!

*Душанбе.*

*2002*

**ОЙИНАДОРИ ХУРШЕД**

Дар ин зулмат,
дар ин тармаргии нур,
Дар ин узлат,
дар ин бебаргии нур,
Ту дар чашмони худ хуршед дорӣ,
Ба марги зулмату бемаргии нур.

Дар ин чашмон
равони ҳуру шайтон,
Равад ҷононаву девона арғушт.
Дар ин чашмон
худоро метавон дид,
Ба ин чашмон
аҷалро метавон кушт!

*Душанбе.*
*2002*

**АНДЕШАИ АНДЕША**

*Аз рафта чӣ хоҳад монд?*
Асрори намуданҳо,
Озори фишурданҳо,
Андӯҳи фусурданҳо.

*Аз ишқ чӣ мемонад?*
Ёди хуши маҳзунҳо.
Ашки ғами Маҷнунҳо,
Бар дидаи ҳомунҳо.

*Имрӯз чиҳо дорад?*
Марги худу мо дорад,
Занҷири заволи ҳақ,
Бар гардану по дорад.

*Оянда чӣ хоҳад дошт?*
Як даҳр наоянда,
Як заҳраи пур аз заҳр
Аз гиряву аз ханда.

*Душанбе.*
*2002*

**ШИШАИ НАФАС**

Тамом шуд
фасонаи намудану набудани дурӯғи ростӣ,
Тапидани ҷудо-ҷудои як тани ду тан тамом шуд.

Танидани нигоҳи дидани надиданӣ,
Тавони тоби зиста- назистан тамом шуд,
Ҳамосаи фиғони бесухан тамом шуд.

Шикаст  шишаи нафас,
Шароби васл интизори ҷом монд.
Парид мурғи ҷони хаста аз қафас,
Китоби ҳарза нотамом монд.

Ҳаёт аз пайи мамот сӯйи ҳеч рафт,
Гуноҳи бегуноҳ  носавоб монд.
Суоли ташнасӯзии ду ҷони  ташна
бечавоб монд,
Ба чашми ишқ об монд...

Ҳулуи бахт аз дарахти вақт хом рехт,
Таби ду лаб
зи сӯзи ҳаҷр сард шуд.
Шароби васл дар шикасти ҷом рехт,
Ғами фироқ дард шуд...

Дигар на ман туам,
на ту манӣ.
Дигар на ишқ зинда аст,
на мурданӣ.

Дар ин ҷаҳони холӣ аз набуд-буд,
Ба зери боли  хастагӣ
кашида қолаби вуҷуд,
Зи шарми умри бе туам
дар остин гиристам,
Зи марги ишқи нозанин гиристам,

Хамӯшу ҳамсадои худ  гиристам,
Барои ту, валек аз барои худ гиристам.
Барои ту, валек  дар азои худ гиристам,
Ки бе ту зиста,
назистам, назистам…
*Душанбе.*
*2002*

**БАҲОРИ БЕ ЛОИҚ!..**

***« Баҳор мерасад, эй дӯстон,***
***баҳор кунед!..”***
***Лоиқ.***

Эй баҳори бе Лоиқ,
рози марг ифшо кун,
Бо таронаи борон
ёди шоири мо кун.
Асру лаҳза яксон аст
дар радифи бемаргӣ,
Эй ҳарифи бемаргӣ,
лаҳзаро таманно кун,
Эй баҳори бе Лоиқ,
гулнисори бе Лоиқ!

Ояи азал  дар лаб

аз адам чӣ овардӣ?
Аз найи фироқи дӯст
чуз қалам чӣ овардӣ?
Мӯҳраи қалам бишкаст,
эй қаламкаши Монӣ,
Аз қаламрави Лучоб*
чуз алам чӣ овардӣ?
Эй баҳори бе Лоиқ,
гулнигори бе Лоиқ!

Аз фасонаи ҳастӣ
сеҳр монду соҳир рафт,
Зиндадори сармастӣ
ток монду шоир рафт.
Рӯйи дафтару мистар
монда гарди хокистар,
Хок бар сари афлок,
хок монду шоир рафт,
Эй баҳори бе Лоиқ,
баргубори бе Лоиқ!

Дар каронаи беишқ
лола ашки Маҷнун аст,
Хандаи гули бодом
рӯйи пушта маҳзун аст.
Шоири мазори худ,
шеъри зиндадори худ,
Дар диёри хомӯшон
ҳоли шоирон чун аст?
Эй баҳори бе Лоиқ,
эй хумори бе Лоиқ!
-------------------------
** Оромгоҳи шоир дар Лучоб.*
*Душанбе.*
*2001*

**ЭРОНУ ТУРОН**

Дуруд, эй ҳамнафас,
эй довари эҳёгари торих,
Фуруд о, аз ниҳони тираи Миррих
Ва чашмеро тамошо кун,
Ки андар гавҳараш
гардуни гардонро бичархонад,
Вале худро зи роҳи дида нашносад.
Дуруд, эй ошно, эй ҳамсадо,
эй ровии дилҳо,
Дилеро бар тамошои ту бигзорам,
Ки андар шаҳраги эъҷози худ
дунёи дунёро бигунҷонад,
Вале худро, дареғо,
бо гуноҳи дида нашносад.

Ало, Эрон! Ало, Турон,
Шумо монанди ду чашмед -
ҳичрон дар миёна-
Чун димоғе, ки зи нақши носавобаш
шарм бодаш, шарм!

Суруди аввалину охирини ин муҳаббатрову нафратро,
Ту гӯйӣ номаи ишқи Фаридунро,-
Бихонад бо забони безабонӣ
Мавҷи Корун,  вориси маҳзун,
Гаҳе бо наъра,
гоҳе бо ситеза,
гоҳ бо озарм.

Ало, Эрон! Ало, Турон!
Шумо як баҳру ду соҳил,
Шумо ду дидаву як дил,
Шумо якҷону якрӯҳед,
Шумо аз ҳаҷр маҷрӯҳед.

Шумо ҳамқофия,
ҳамқофила,
ҳамзоду бунёдед,
Шумо маҳзунтарин ёдед,
Ёди коҳили торих,
ёди хастаи ҳиҷрон,
Ало, Эрон! Ало, Турон!

Шумо ҳам дида
ҳам диди Фаридунед,
Шумо пайванди ҷовиди Фаридунед.
Шумо аз хуну аз ҷони Фаридунед,
Шумо Эрону Турони Фаридунед! -
Ало, Эрон! Ало, Турон!
*Теҳрон. Душанбе.*
*2001*

**БЕҲИНИ БЕБАҲО**

Эй дери дер омада
то сардии  ҳавас,
Эй дар шумори лаҳзаҳо
эҳсони як  нафас,
Мурғи қафасшикастаро озодии қафас,
Эй  орзӯи ман,
Дар рӯбарӯи ман
Дил мешавад лиқойи ту,
сар то ба пойи ту.
Дар рӯбарӯи ту,
Ҳузни нигоҳи ташнаам фарёд мекунад,
Дар шевани хамӯшии  авҷи садойи ту.

Эй вопасин  фасонаи танҳойи бо ҳама,
Эй  дар ҷаҳони бе ҳама,
дунёйи бо ҳама,
Эй аз  шумори будаҳо
яктойи бо ҳама,

Сад чашм сӯйи ту бувад,
сад чашм сӯйи ман,
То бинаму набинамат
дар байни анҷуман.
То бишнавиву нашнавӣ
шеъри нигоҳи ман.

Ҷоизаву ҷазои ман аз ҳиммати қазо,
Эй нусхаи асорат аз озодии гуноҳ,
Эй аз ҳама баҳонаҳо
бехини бебаҳо!-

Ман аз пайи нигоҳи ту
пар боз мекунам,
Сӯйи фазои бетуӣ
парвоз мекунам,
Шеъри намози ишқро
оғоз мекунам,
Дар ҷоҳу гоҳи ошиқон-
дар маҳзари худо.
*Душанбе.*
*2001*

**ХАЗОНСӮЗӢ**

Зиндагӣ холист аз ишқи намурдан,
Аз пари парвоз,
аз фари будан,
Дар лаби хушки хазонбарг
зузаи хамёзаи ҳазён ҳамесӯзад,
Аз пушаймонии будан
дар набудан,
Дар хумори гулшукуфт,
аз азоби худфушурдан.

Косаи лабрези шири шаб
ба тоқи орзуҳо
Сояи хобест
аз муроди зист.
Дар ду чашмам
пайкари фарёди хомӯшист.
Бо нигоҳи холии бечорагиям
бар ҷилои сиккаи ях
гап надорам,
Ҳосили ҷонкандани будан,
намудан,
зистанро,
Оқибат гар як кафи хокистар аст,
Алҳақ, андар маънии ҳастии ҳастӣ
ҳеч маънӣ нест!
*Душанбе.*
*2001*

**БА НОМИ ИШҚ**

Баҳор рафт!
Баҳор рафту ғунчае
Ҳанӯз дар ҳарими гул арӯсак аст,
Арӯсаке, ки бӯсаи муҳаббати сабо
ба накҳати шукуфтанаш намерасад,
Насим нест,
ғунча нест!

Шитоби вақт
 аз савоби нақд орияст,
Ба боғи пажмурида ёси орзу
 нумӯ намекунад.
Чароғи заъфарони моҳтобро,
Нигоҳи ҳола ҷустуҷӯ намекунад,
Чароғ нест,
 боғ нест!

Сафири нур
 аз диёри дур,
Зи номи ишқ
 ё ба номи ишқ,
Чӣ барқсо расидаӣ
 барои озмуданам.
Ту хуштарин чарақсаӣ
 барои хушҷило намуданам,
Ту беҳтарин ҷавонаӣ
 барои дар хазон шукуфтанам,
Ту охирин баҳонаӣ
 барои буданам!

*Душанбе.*
*2001*

**ГУЛДАСТАИ АЛАМ**

Тирамоҳам аз нигоҳам
 фасли зебои гулафшон қарздор аст,
Баргҳои зардро
 бо ёди гулҳойи баҳори то мани шаҳинтизоре
 норасида,
Бо алам гулдаста мебандам.
То нагирям дар хумори рӯзҳои барҳадар,
 бе ишқ,
 бе хуршед,
Сӯйи дунёи ҳавасҳо
 хаставу ошуфта механдам.

Хандаам пур аз хумор аст,
Ҳастиям аз ларзаи талхи таманно
 бемадор аст,
Зиндагии лухту урёнам
Пур зи озори ҳаёи номуродист,
 номуродии назист.

*Душанбе.*
*2000*

**ЛАҲЗАИ ҶОВИД**

Ишқ, эй ойинадори лаҳзаи ҷовид,
Дар ҳавасгоҳи вуҷуди як нафас,
 як ох,
Хуни ман сози туро
 ифшо намуда
 садзабон шуд.
Шеъри ман рози туро
 иншо намуда

ҷовидон шуд,
Дидаи ман ҳусни яктои туро
дар гавҳари худ ҷо намуда
гулфишон шуд...

Ишқ, эй фасли баҳори як ҳавас,
як роз,
як парвоз,
Эй нами андар лаби хуршеди дам
шероз баста,
То сукути худшикасте,
то мазори худпарасте ,
Пайки одамофарат бодо хуҷаста!
*Душанбе.*
*2000*

**ЗАБОНАИ НОР**

Дар ин баҳори хазонрасида,
ниҳолаки пур аз ҷавонае,
Шукуфтанист дар хумори зистанам
чун забонаи нор.
Дар ин мазори ғариб,
Чароғи лолаи гӯре,
ба нури мастуре,
Марги зиндагонии маро
ҳамекунад инкор.
Дар ин диёри ҷангзада,
Фасонаи оштии нигоҳе
ишқи хуфтаи маро
ҳамекунад бедор.
Худои ишқ,
расули ин нигоҳи пур аз таронаро,
Ба рағми сад хазону як баҳор,
Зинда дор,
зинда дор,
зинда дор!
*Душанбе.*
*2000*

**ДУРУД! ПАДРУД!**

Эй ишқи дер расида,
эй қисмати бегона,
дуруд, падруд,
Китоби нигоҳи туро
Дар зулмати гуноҳи ҳавасҳо
наметавонам хонд.
Суруди носурудаи ғунчаҳои сарбуридаро
Аз фиғони андалеби қафасҳо
наметавонам хонд.

Дуруд, эй сафири ҳаваси хаста
дар изтироби ҷарас,
Дуруд, эй дами нақди нася
дар шитоби нафас.

Падруд, эй табиби захми кӯҳнаи интизории беҳосил,
Ба вақту соати ҷон нарасидӣ,
Ки дар қадами осмонии ту
ситорабоғ кунам.
Мане, ки дар ҳарами булӯрии умед зистам танҳо,
Бигӯй, дар дами сакароти орзуҳоям,
Зи чашмаи хушки чашмҳои чӣ касе
қатрае суроғ кунам?!

*Душанбе.*
*2000*

**ЛОЛАИ АШКИ ХАЗОН**

Ман ки умре
ҳури ишқи хешро,
аз гуноҳи бегуноҳӣ
Дар паноҳи деви танҳоӣ
ниҳон медоштам,
Ман ки з- андӯҳи фирори умр
дар баҳори болини худ
Лолаи ашки хазон мекошам,
Нак- нак андар рӯбарӯи як худову як ҳақиқат,
Қисматамро -
гӯйӣ Иброҳими пайғамбар
ҷигарбанди азизашро,
Баҳри қурбонӣ
ба пойи иззати худ мегузорам.
Дасти аз хок бурунамро фишоред
ошиқони носазоворам,
Ман дигар андар мақоми нафрати худ,
душманамро дӯст медорам!

*Душанбе.*
*2000*

**КӮЧАИ ХОТИРА**

Шаҳри ман як кӯча дорад:
Кӯчаи хотираҳои ту.
Шаҳри ман як хона дорад:
Хонае дар чорсӯ.
Хонае, ки бо манат
дар он нагунҷидӣ,
Дар канори орзӯ.
Шаҳри ман як чашма дорад-
чашмаи чашмони ман-

Чашмае, ки дар сари рухсораам
ҷӯ мекашад,
Чашмае, ки ёси рухсори маро
бӯ мекашад,

Чашмае, ки медавад
чун кӯдаки нозодаи мо,
аз пайи ту ҷӯбаҷӯ.

*Душанбе.*
*2000*

**ДАРБАСТА**

Ишқи нозу нозанинам,
Ман сазоворат набудам,
Узри бадтар аз гуноҳ
Ҷуз гунаҳ чизе намезояд.
Он ки шоме дар нигоҳаш
Пораи хуршед дидам,
Дар қадамгоҳи муродаш
Сабз гаштам,
                    қад кашидам,
Он ки бо уммеди ишқи бебақояш,
Дар ба рӯйи сад ҷаҳон бастам,
Баъд аз як умр,
                    як умри дарози интизорӣ
Ҳукми қатламро нигоҳаш гуфт:
К -ӯ зи бахтистон
                    ба дардистон намеояд.
*Душанбе.*
*2000*

**ШӮЪЛАВУ ДУД**

Ба ишқи ту,
                    ба рашки ту,
Ҳанӯз, баъди сад ҳазор ҳанӯз,
                         эҳтиёҷи ман боқист,
Ба ишқеву ба рашке,
                         ки ҳамекунад урён,
Сиришти меҳрташнаи маро
                                   аз ниҳонаи ғурур.
Ба ишқи ман,
                    ба рашки ман,
                         ниёзи туро низ имтиёз хоҳад буд,
Ба ишқеву ба рашке,
                         ки ҳаҷри садҳазорсолаи моро
                                             забона мебахшад,
Зи ҳузни хандаҳои фиғону гиряҳои сурур.

Хаёли ту чарақсаи нур аст,
                    дар бомдоди сафеду сиёҳ.
Аз чаҳор гӯшаи набудани будан,
Зи дидгоҳи бепаноҳи хотираҳо,
Ба ҷойи ту,
                    хаёли ту
                         сӯйи мани интизор
                                   мекунад пургуноҳ нигоҳ.

Равост бо ҳама бениёзиву беқиёсӣ
Ба сони рӯзу шабон
                    аз вуҷуди ҳам шавем оғоз.
Равост сад дари розро боз бинмоем,
Зи интиҳову ибтидои шебу фароз.

Қиёми шӯълаву дуд зиндагист-
Зиндагии марг
                    аз раҳи оташу об,

Равост дар дами дам
шарорасон бимирем,
Лаҳзаи Шамсро дидани Мавлоно,
Лаҳзаи офтоб зодани Офтоб.
*Душанбе.*
*1999*

**ҚАРНИ БИСТ**

Ман ин ҷоме, ки менӯшам
Барои ҳеч кас
дар ошёни ғурбату ҳиҷрон,
Ба ҳар як қатраи талхаш
хумори лаззати заҳр аст.
Ва ин соле,
ки ҳамчун сайди захмин
метапад дар панҷаи торих хунолуд,
Шаҳиди охирини иззати Моро
Ягона шоҳиди даҳр аст.

Ва ин қарне,
ки вақти кандани ҷон
Бар мани сарсону гирён
менамояд панҷаи падруд,
Ҳамедонам, ҳамедонад,
ки қарни марги сад хуршед
Ки қарни марги сад насли ба хун оғуштаи тоҷик
ҳасту буд.
*Москва.*
*1999*

**ДЕВОРИ ФАРДО**

Фиғонам дар хамӯшии нигоҳам
мезанад қаҳ-қаҳ,
Дилам метаркад аз урёнии озор.
Хумори ҳасратамро меравам арғушт,
Ғубори хотирамро тунд афшонам,
Зи дил, аз равзани дида,
Ба рӯйи лӯъбатакҳои тиҳиосор.

Ман аз ин маҳфили манфур,
Ман аз ин чоҳи Юсуфдаркашида,
Зи шарми нур
мехоҳам гурезам
То даҳони гурги иззат,
то ниҳони гӯр.
***
Зи ганҷи ранчу ихлосам,
Диёре ҳаст меросам,
Диёри нотавонии тавоноӣ.
Барои мурдаи дар зиндагӣ
гумному танҳоям,
Мазоре ҳаст
дар марзи ҳақири бетаманноӣ.

Ба пушти маркаби бечорагӣ зине,
Барои шаҳсаворе ҳаст.
Барои як ваҷаб боло шудан

Аз хоки пасти тоқати таҳқир,
дорe ҳаст…
***
Худоро, бо мани афсурдаи бечон,
Фитода оламе дар пойи худ
аз ҳойи худ
имдод мехоҳад,
Зи нерӯи ғурури бесарии як сари бетан,
Ҳазорон чону бечон дод мехоҳад...
***
Фиғони бекасӣ
маҳзунтарин ёсини танҳоист,
Паси девори фардо
сояи шабзиндадори кист?!
*Душанбе.*
*1999*

**КАФТАРУ КАФТОР**

Рақиби рӯсияҳ,
тимсоли бадрӯйиву бадбахтӣ,
Ту бо ҳамранги худ
пархош кун,
орой сангарҳо,
Ки хушрӯён намеразманд
бо хуршеду бо охуву бо дарё.
Ҳасуди беҳунар,
бебаҳраи эъчози халлоқӣ,
Бигир аз дидаи аҳли ҳунар
тиру камонатро,
Ки кафтарҳо намечанганд
бо кафтори кайфарҳо.
*Душанбе.*
*1999*

**ҲИЗБИ ГУЛИ ЁС**

Зиндагӣ сиёсат аст,
мазҳаб аст,
Ва кулли башар
узви сарбадори ин мазҳаб.
Ҳар кучо мазҳабест маҳбасест,
Мурдадори мояи субҳ,
зиндадори сояи шаб.

Оре, зиндагӣ сиёсат аст,
мазҳаб аст,
Мане, ки аз табори занбӯри асалам
Узви сарсупурдаи ҳизби гули ёсам.
Навиди набзи субҳро мепарастам,
Навои сабзи сапедаро мешиносам.

Оре, ман узви ҳизби гули ёсам,
Ки чодаи масти хеш буданро
мисли ток мекунам кӯтоҳ.
То зи ҳар чавонаи лабфурӯбаста,
Рози накҳати ноз бикшоям,

дар фасонаи нигоҳ.

Оре, ман узви ҳизби гули ёсам,
Узви ҳизби бериёву бесиёсат,
Ки ҷодаи ирсии хешро
Ҳар баҳор
гулнисор мекунам такрор.
Агарчи дар дифои ҳусни оҳариям,
силоҳ надорам,
Валек сиёҳии сиёсати башарро,
Бо сафедии хандаи худ
мекунам маҳкум,
Бо таронаи накҳати худ
мекунам инкор.
Ман узви сарсупурдаи ҳизби гули ёсам!

***Душанбе.***
***1999***

**АФСОНАИ ГУЛ**

Наврӯз расиду нест як донаи гул,
Дар хонаи Гул.
Дар боғи дигар гули ҳавас коштааст,
Бегонаи Гул.
Хандида ба танҳоии худ гирён аст,
Ҷононаи гул.
Бӯйи гули нозро сабо ғорат кард,
Бо донаи гул.
Дар оташи ҳусни хеш худсӯзӣ кард,
Парвонаи гул.
Дар пойи ҳақиқати хазон хоҳад рехт,
Афсонаи гул.
Тобути хазон бори гарон хоҳад буд,
Бар шонаи гул...
*Душанбе.*
*1999*

**ДАР ПАНОҲИ ТАРОНА**

Рашк пайванди зиндагӣ бигсаст?
Ишқ бо ҷони зиндагӣ пайваст!
Беҳтарин мард ошиқи ман буд,
Беҳтарин мард ошиқи ман ҳаст!

Ҳеч занро чу ман наафсурда,
Хандаи хузну ҳусни маҳбубӣ.
Ҳеч танро чу ман наозурда,
Зиндагӣ дар таносуби хубӣ.

Бар сари нангу ори ман бишкаст,
Санги тақдир бо ҳама сахтӣ.
Бо таби тавба муждагонӣ дод,
Ғурбатамро диёри хушбахтӣ.

Беҳтарин гул зи маҳшари сармо,
Манзиламро баҳор оварда,
Қотиламро ҳақиқати мутлақ,

Доварона  ба дор оварда.

Ман ҳамонам, дигар нахоҳам шуд,
Зиштро хушназар нахоҳам шуд.
Рушдаму бесамар нахоҳам буд,
Муштаму мушти пар нахоҳам шуд.

Ҳамчунон худпарасту худхорам,
Ҳамчунон рӯйи сахра   гулкорам.
Як ҳабиб,
Як рақиби арзанда,
Ҳамчунон аз худо  талабгорам.

Ҳамчунон ошиқона  хоҳам зист,
Орифу осиёна  хоҳам зист,
Аз ҳама  тиру тираву тазвир,
Дар паноҳи тарона хоҳам зист.

Тӯбатӯ ҳамчу ғунчаи ҷоду,
Дар ниҳони аёнӣ бишкуфта,
Беҳтарин шеъри хешро, алҳақ,
То ҳанӯз,
То ҳанӯз
ногуфта:

Аз ҳама,
то ҳама,
зи ҳич ба ҳеч,
Меравам ҳосили дил андар даст.
Беҳтарин мард ошиқи ман буд,
Беҳтарин мард ошиқи ман ҳаст!
*Москва.*
*1999*

**ТАБИ  ШАБ**

Шоми холии пур аз ту
Паҳн карда чодари сарду сиёҳашро
Бар сари бехобии ман.
Бе ту хандон асту гирён
Дар лаби танҳоии рӯд
Ғуссаи маҳтобии ман.

Боз омад шоми шайтонофари ҳуру малаккуш,
Рӯзи шаб
андар тамузи таб намегунҷад.
Гуфтаи ногуфтаҳоям
аз худои ишқу эъҷозаш,
Дар низоми мисраву қолаб намегунҷад.

Дар ҳисори шоми таболуди  танҳоӣ,
Хобҳоям дар хуморат хуфта бедоранд.
Зиндагиям аз ту холӣ,
Хобҳоям аз ту саршоранд.
*Бишкек.*
*1999*

## БЕПАРВО

Шаҳсаворе бигзарад аз роҳи дунё
асп дар пушт,
Зиндагӣ парво надорад.
Ҷоҳилеро оқиле зод,
фозилеро қотиле кушт,
Зиндагӣ парво надорад.
Муштзӯре
Навҳаи бечорагияшро
фишорад
нотавон дар мушт,
Зиндагӣ парво надорад.
Сабзае бо азму разми рустамона
Аз ниҳоди санги хоро
мезанад неш,
мекунад рушт,
Зиндагӣ парво надорад.
Мӯри раҳ
бори гарони зиндагиро
Бо таноби ҷонакаш бардошта,
Меравад дар зери бори нафси худ арғушт,
Зиндагӣ парво надорад...

Зиндагӣ парво надорад,
Ё фиғони бандагӣ
ово надорад?!

*Душанбе.*
*1999*

## ОЙИНАИ САДПОРА

Дар ин марзе,
ки ҳар раҳмонда
раҳомӯзи шайтон аст,
Дар ин марзе,
ки ҳар қотил
мидоди ташнаашро тар кунад
дар хуни фозилҳо,
Ва ҳар раҳзан бувад
маҳбубтар,
маъруфтар
аз Мониву Сино,
Маро, эй ёр, нашносанд,
Маро бигзор, нашносанд!

Маро даҳчашма бинанду набинанд,
Бо дили бенури худ,
Бо чашми кӯри худ.
Бароям ҷой нагзоранд,
Андар маҷлиси зулматпарасту бешуури худ.
Бароям ҷом нагзоранд,
Андар базми хунини сурури худ.
Дар ин шаҳре, ки ишқи ман
Зи ҳар ойинаи садпора сӯям
дар булӯри ашк механдад,
Ба ёд оранд рӯзе
байти шеъри нотамомамро,

Барои санги гӯри худ.
*Душанбе.*
*1998*

**БЕПАНОҲ**

Ҳаво торику боронист,
Хуршеди нигоҳе нест,
Намедонам куҷо бигрезам
аз кошонаи сарду сиёҳи худ.
Маро, з-ойина,
бе ман
нусхагирӣ мекунад
чашми ҳазорон чашм,
Маро ҳар панҷара
гургона хоҳад хӯрд,
Бо тасвири холии нигоҳи худ.

Фазои ҳузнро
дар батни хотир
тифли тӯфон аст,
Шабе, ки мерасад
аз пушти ин рӯзи сиёҳ
асрори зулмонист.
Чӣ сон буда намои рӯшаноиву ҷилои нур?
Дигар дар найчаи набзи сияҳхунам
Зи ишқи зиндагиву зиндаҳо
оҳанги оҳе нест.

Ҳаво торику боронист,
Хуршеди нигоҳе нест.
Ва дар ин субҳи обистан,
Ки хоҳад зод охир
кӯдаки зангӣ,
Маро аз худ
дигар дар худ
дигар бо худ
паноҳе нест!
*Душанбе.*
*1998*

**ИНТИЗОРОБОД**

Меҳмоне мерасад аз интизоробод,
аз диёри ёд.
Меҳмоне, ки набуду ҳаст,
Дилтиҳӣ меояду ҳангомапур,
Аз маҳшари обод
нообод.

Меҳмоне, ки замоне
мизбони ҳастии ман буд.
Бодаи ангури чашмаш,
хуни сармастии ман буд.

Меҳмоне аз гузашта
ногузашта мерасад.
Шеъри ишқашро

ба оби дидаи ман
нонавишта мерасад.
Ёси меҳрашро
ба боғи хушки ҷони ман
накишта мерасад.
Девзоде чун фаришта мерасад.

Меҳмоне мерасад,
лоли фиғоне мерасад.
Аз ҷаноза,
то ҷаноза,
ҷони ҷоне мерасад.

*Душанбе.*
*1998*

**БА ДӮСТОНИ ЗАБОНӢ**

Хонаам хонаи ору буду дар боғи вафо,
Ҳама орупарвар.
Хонаам хонаи андӯҳу сукут аст, вале,
Зи шумо нест хабар.

Бе шумо
бо қафаси бекасӣ одат кардам,
Бе шумо
аз гили худсозӣ иморат кардам.
Бо шумо
байни ҳама
бекасу танҳо будам,
Бе шумо
бо карами хасм муҳаббат кардам.

Бо дурӯғе,
ки фурӯғи дили шабгуни шумост,
Шод монед,
аё ҷамъияти ҷамъи пареш.
Зи шумо раста
ба нуру фари худ пайвастам,
Зи шумо дур шудам,
то шавам як нафаси сӯхта
наздик ба хеш.
*Душанбе.*
*1998*

**ПАНҶАҲОИ ТОФТА**

Панҷаҳоямро матобед,
панҷаҳои ноқиламро,
Ки фиғони ахтаронро
аз фазои бекарон
То гӯши хушам зинда меоранд.
Панҷаҳоямро матобед,
панҷаҳои оташинамро,
Ки аз ҳузну сурури зиндагӣ,
Дар замини зарраҳои хуни сардам
шӯъла мекоранд.

Панҷаҳоямро матобед,
Ки ба лаҳни панҷаҳои хеш
Ман зи шарёни сукути наслҳои лол,
сози бедорӣ талабгорам.
Панҷаҳоямро матобед,
Ки ба ҳар тори хамӯши арғануни шедҳои хуфта
Бо мизроби хуни панҷаҳои хеш
гап дорам.
*Москва.*
*1998*

**ИНСОНИ ТАНҲО**

Ҳар гаҳе, к –аз анҷуманҳои дурӯғу ҳарза
Сӯйи ошиёни бекасии хеш баргардам,
чашмаи чашмам,
Тӯнги танги рӯзгори холиямро
З-ашки андӯҳу маломат мекунад саршор.
Ҳар гаҳе, ки мурғакони масту ошиқ,
Дар баландии мақоми ростӣ, тахти дарахтон,
Ошиқона
оташи минқор бар минқор месованд,
Ман лабони ташна-хушкамро
Дар хумори бӯсаҳои бегуноҳӣ
зери дандон
мекунам хуншор.
Хуни ман
ғамномаи танҳоии инсони танҳоро
кунад эҷод,
Аз барои шаҳкитоби ёд.
*Душанбе.*
*1998*

**ЖАКОНИ ҲАВВО**

Зи ошёни баланд,
Савори саманди ишқи баланд,
Ба хоки пасти ғамхушон
гурехтам.
Барои як ҳавас
Зи осмони бемаргӣ,
Ба кишвари аҷал
Зи умри ҷовидон
гурехтам.

Зи сӯзи лаззати гуноҳи ишқ,
Фалак- фалак шарар гиристам.
Зи дарки иштибоҳи худ,
ки ақл номадаш заминие,
Ба дӯши Оҳарман,
Малак-малак шарар гиристам.

Суруди гиря
ибтидои сози ғурбати ман аст,
Фиғони ман,
дареғ аз дурӯғи рости қиёмати зан аст.
*Душанбе.*
*1998*

**ЗИНДАДОРИ ЧАНД ҲАСТӢ**

Чанд анҳор аст
андар набзи ман
омодаи тӯфон,
Чанд хуршед аст
андар хуни ман
рахшандаву сӯзон,
Чанд шайтон аст дар ман
раҳнамои ҳилаву фанн,
Чанд ҳури бегунаҳ
дар ҳабси тори ман бувад гирён...

Дар дили ман
чанд танҳо
талху беовоз менолад,
Дар талоши худхалосӣ
чанд осӣ
Дар мани ман мекунад исён.
Дар тавони нотавониям,
чанд банда,
Меканад завлонаҳои дасту пойи хешро
бо мижжаву дандон.
Бо сари ман
чанд бесар мекунад бозӣ,
Дар тани ман
чанд беҷон меканад ҷон…

Ман наям танҳои танҳо,
Ман шумор андар шуморам,
бешуморам.
Ман наям яктои якто,
ман ҳазор андар ҳазорам.

Ҳой мардум, дар таги чархе,
ки аз бӯзина инсон сохтаст,
Буди нобуди маро
осон нагиред!
Ҳастии ман ҳаст, алҳақ,
зиндадори чанд ҳастӣ,
Ман набошам,
нестед,
Ман бимирам,
бо ману бе ман бимиред!

*Москва.*
*1997*

**«ШОҲНОМА»**

Шоҳнома сухан аст,
сухани бемаргӣ.
Шоҳнома рӯҳ аст,
ба тани бемаргӣ.
Шоҳнома Ватан аст,
Ватани бемаргӣ.

Оре,оре, Шоҳнома Ватан аст!
Ватане, к- аз ману ту,

Натавонанд ба шамшеру ба тазвир рабудан.
Шоҳнома хирад аст,
Хираде, ки ба ҷаҳон омӯзад,
Ҳунари аз аҷали ҷаҳл намурдан.

Шоҳнома адаб аст,
Адабе, к-аз самари сабздарахташ,
Ҷовидон баҳра бигирем.
Шоҳнома нафас аст,
Нафасе, к-аз ману ту гар бирабоянд,
Бимирем,
бимирем,
бимирем!

*Душанбе.*
*1997*

## ШОИРИ АНБОРИ ГИЛ

***Шоир андар синаи миллат чу дил,***
***Миллати бешоире анбори гил.***
***Муҳаммадиқболи Лоҳурӣ.***

Кистӣ, шоир?!
Бо чӣ боре
аз дари дарбор меойӣ?
Бо чӣ коре
роҳи дунёдор мепойӣ?
Бо чӣ созе
дар ҳузури шаҳриёрон нағмапардозӣ,
Бо чӣ нозе
ҳарзаи ҳирсу тамаъро
сар диҳӣ монанди каргас
дар фазои тираи толор?!
Бо чӣ хорӣ,
бо чӣ зорӣ
рӯзии худро ситонӣ,
аз даҳони кафтару кафтор?!

Вой бар ҳоли сухан,
тавбафармоён агар
андар азои куштаҳои худ,
Бодаи арзони ашъори туро нӯшанд!
Вой бар ҳоли суханвар,
гар,
Ҷисми хуншори ватандорони маҳруми Ватанро,
Бо варақҳои китоби ту бипӯшанд!

Эй забони сифлапарварҳои дилхуш,
Безабон дар мотами як қавми худкуш
то куҷо,
то чанд хомӯшӣ?
Дар сари тобути сарсони ватандорони маҳруми Ватан,
Мо сияҳпӯшем,
Ту сияҳнӯшӣ!

*Москва.*
*1997*

**ТУ КУҶОӢ?!**

Фасли гулбезии боғ аст,
Нафасам товаи доғ аст,
Ҳавасам ишқсуроғ аст,
Ту куҷоӣ?!

Фасли бедории хун аст,
Фасли гулкории хун аст,
Фасли эъҷози ҷунун аст,
Ту куҷоӣ?!

На аёне зи ниҳонат,
На баёне зи нишонат,
На баҳоре зи хазонат,
Ту куҷоӣ?!

Сеҳру афсона пур аз ту,
Хешу бегона пур аз ту,
Бе ту, як хона пур аз ту,
Ту куҷоӣ?!

*Душанбе.*
*1997*

**САДОИ БЕСАДОӢ**

Ман шоири акси садои бесадоиям,
Ки аз хитобу китобҳои хеш
як сухан надорам ёд.
Ман чашмаи ашкҳои ногиристаам,
Чу ҳамзабони дард надорам,
зи ҳамзамони дард,
Ба гӯши сангҳо
бо хурӯши рангҳо
ҳамекашам фарёд.
***
Ман шоири орам,
Ба мадҳиясароёни даргаҳу дарбор
кор надорам.
Ман зомини зодагони банду зиндонам,
Ман ворисн мурдаҳои зиндаунвонам,
Зи ҳалқаи дор,
то дари кирдгор
бешумор роҳ паймудам,
Валек дар ин ҷодаи бекарона,
ба ҷуз сояи сояи худ
Шабаҳи ҳамсафареро надидаам.
Агарчи бо таронаҳои ошиқонаам
Зи доғҳо
ба боғҳо
ситора кишт кардаам,
Валек ҷуз ситораҳои ашки худ
шарорае начидаам.
***
Ман меҳҳои тафсидаро
кашидаам,
Зи ҷони тобноки Писархудой *,

Зи ҷисми чаҳормехи тоқати таҳқир,
Бо анбӯри заррaҳои хуни хаставу сӯзон.
Таронаҳои ман
фиғони лолии Марями қудсиянд,
Дар сари гоҳвораву тобут,
Дар азову сури ҳазрати Инсон.
***
Ман аз саховати қисмат,
Хунбаҳои сурури ваҳшиёнаи ҳастӣ -
Гиряи хандаро писандидаам.
Ман аз ҳақорати нур
Дар канори сиёҳии кӯр
оҷизона тапидаам.
Мане, ки бо шири субҳ
рӯй мешустам,
Зи ҷурми содагӣ
гунаи сапедамро,
Ба сиёҳии ҷаҳли омиёна олудаам,
Манам, ки зи равзанаи зулмат
Бо чашми севуми худ
дидаи офтобро дидаам...

***
Манам , ки ҷойи пойи зиндагии фирориямро
Дар кафи пойи бод дида механдам,
Бар шитоби нафасам,
Ба умри беҳавову ҳавасам,
Ки дар талоши шаҳоб
маҳви ҷилваи сароб шуд.
Ман харобаҳои дар худ фурӯ рафтаи ҷаҳонам,
Харобаҳои ҷаҳоне,
ки ободии рӯҳи маро надида
хароб шуд!
--------------------
* *Ҳазрати Исои Масеҳ.*
*Москва.*
*1997*

**ОЛАМИ АСРОР**

Ман андар олами асрори худ
Дилдори худ,
безори худ
раҳдору раҳгумам.
Асири маҳбаси андешаҳо,
аз партави нуру зиё,
Аз хандаи хуршед маҳрумам.

Даме к- андар ғурури бехудиҳо,
аз самоъи шавқ
Раҳи чашми диламро
панҷаи андеша мебандад.
Ман андар пораи бишкастаи ойинаи танҳоӣ
мебинам,
Чӣ сон ними ҷаҳон
Бар ҳоли ман-
бар ҳоли худ-
Аз равзани яздониву шайтонии андеша механдад.
*Москва.*

*1997*

**БО ЗАБОНИ МУРҒОН**

Он ки дар хонаи худ меҳмон аст,
меҳмони сарсон,
Ишқи сарсони маро медонад.
Он ки аз умри намудан будан,
Сер аз ҷони ҳазорон ҷон аст,
Ҷони беҷони маро медонад.
Андар ин боғи хазонафсурда,
Мурғаке тар шуда зери борон,
бо забони мурғон,
Шеъри гирёни маро мехонад.
Андар ин маҳбаси беравзану дар,
Шоире ҳаст, самандар номаш,
ки шарори хунаш,
Нафаси бенафасӣ,
ҳаваси беқафасӣ,
Ишқи сӯзони маро медонад.
*Душанбе.*
*1997*

**БӮЙИ ГУЛИ ХОРУ АСАЛ**

Ҳаво бӯйи гули хору асал дорад,
Наво хезад
зи хомӯшии беовойи шарёнам.
Зи ранги арғавонии таманно,
дар ҷилои нур,
Бубинад сеҳри " Аржанг"-и туро,
Монии чашмонам.

Ту кайҳо шедро ҷо кардаӣ
Бо пайки хуршедии худ
дар ҷони ҷони ман.
Ту кайҳо хукми соҳибхона дорӣ
Дар дилу дар ошёни ман.

Агар ман зиндагии нозанинамро
Ба бенозиву берозиву танҳоӣ
ба сар бурдам,
Гунохи бегуноҳии туро, ёро,
худои ишқ медонад.
Ало, эй арғанунии навои офаринишҳо,
Фиғони ларзаи набзи маро боре,
Чаро хунат намебинад,
чаро набзат намехонад?!

Ту шояд охирин ҷоизаи ҷоизи яздонӣ,
Ки з -эъҷози вуҷудат
муждагонӣ дод
Хуни сарди ман
бар оташи ҷонам.
Ту андар остон истодаӣ
байни дари тақдиру тақсирам,
Туро бо пар-пари мижгон
ба сӯйи хеш мехонам,
Туро аз даргаҳи танҳоиям

танҳо намеронам!

Ҳаво бӯйи гули хору асал дорад!
*Москва.*
*1997*

## МАЪНИИ НИГОҲ

Маънии маънии нигоҳи нигоҳатро
Ба ҳуши маънии маънии нигоҳи нигоҳам
мешунавам,
Дер шуд,
дертар зи дерии дер,
Хонаи нав сохтан барои ишқи куҳан.
Дар чаҳор каронаи дидаву дил
чаҳор ойина бояд сохт,
Барои лонасозии парастувону рақси шаҳпаракони
ошиқро,
Ба зери бому саҳнаи чаман
Надидани ту,
надидани ман.

Фалсафаи лолии шонаҳои равандаатро
Зи қадамҳои заминрӯби ту мехонам,
Хумори ношикаста дорӣ
зи гунаҳои набӯсидаи ман.
Хоб дар кадом дидаи бедор
ҷилва намуда?
Об дар кадом ҷӯй ба ақиб
роҳ кушуда?
Ба симхори гулситонат,
ки накҳати ёсуминашро
Зи атри сад чаман
бехато мешинохтам,
Дуруд зи бӯсаҳои начидайи ту,
Дуруд зи ғунчаҳои набӯйидаи ман!
*Москва.*
*1997*

## МИЛЛАТИ ХУРШЕД

Миллати ман,
миллати борон,
Чашми ҳузни сарнавиштат
Он қадар аз гиря саршор аст,
Ки дар олам чанд анҳори дигар
туфонӣ хоҳад шуд.
Миллати ман,
миллати хокӣ,
Меҳрабони дард,
ҳамзабони дард,
боғбони дард,
Мазраъи андӯҳи худро
кишт манмо,
кишт манмо,
Ки дар олам тухми ғам
арзонӣ хоҳад шуд.

Миллати ман,
миллати андарз,
Устоди ношиноси ҳикматистони ҷаҳон,
Ҳар қадар ҷоҳу ҷалолатро
ба хоки раҳ кашиданд,
Он қадар дар шишаи нилобии ашкам,
Фазлу фарҳанги туро
рахшанда мебинам.
Гарчи дирӯзи туро
бо насли худсӯзи ту куштанд,
Нури эҳёи туро
дар дидаи оянда мебинам.

Миллати ман,
миллати ойинадори сирати худро надида,
Аз дилу аз дидаву хунат
сели ҷаҳлу фитна бигзашт,
Навбати рахшидани нуру сафои  чашмасорон аст.
Миллати ман,
миллати хуршед,
Қисмати ту аз азал
худсӯзиву  зулматфурӯзист,
Размი ту бо деви зулмат
амри яздон аст!

Миллати ман,
Миллати борон,
Миллати ман,
Миллати андӯҳ,
Миллати ман,
Миллати андарз…
*Москва.*
*1997*

**САНГАР**

Ман зи сангар омадам,
Аз сангари марги ҷавонмардӣ,
Бод аз хокистари сарди набард
Ахгари  сӯзони фар мечуст.
Шаҳраги Таҳмина
мезад барқ,
Сӯзи хунаш
з - оташи  фоҷиа
ҷонашро хабар мекард,
Рустами  фарзандкушта -
худкуши  шаҳзиндадор,
Захми  Сӯҳроби азизашро
ба  хуноби ҷигар  мешуст...

Ман зи сангар омадам,
Аз сангаре, ки деви  ваҳшат,
Миллати хуршедро
дар чашми зулмат гӯр мекард.
Арғавонӣ буд аз хуни ҷавонӣ
Чашмаи ашк,
парчами ишқ,
Хок бӯйи оташу ангур мекард...

*Москва.*
*1997*

**СИТОРАШУКУФ**

Баҳор омадаст,
остона бе баҳона механдад.
Зи хонаи худой
офтоби ҷовидона
Ошиқона механдад.

Баҳор омадаст,
Кӯҳи тарма ашкбемор аст.
Ба роҳи парандаҳои ғариб
гули барфак
Чашми бедор аст.

Баҳор омадаст,
Ишқи пиру хастаи ман,
Ту ҳанӯз дар хобӣ?
Ситора мешукуфад,
Орзуи паршикастаи ман,
Ту ҳанӯз нусхагири маҳтобӣ?

Басо парандаҳои ғариб,
Зи боғи хазонрасидаи ман
суроғ гирифтанд,
Дар осмони интизории ман,
Парастуи зиндадории ман,
Ту чаро намерақсӣ,
Ту чаро наметобӣ?!-
Баҳор омадаст!
*Москва.*
*1997*

**ХУДСОЗ**

Дӯстон, ҳамқадаҳон,
ҳамқадамон, ҳамнафасон,
Эй пайи дона ҳама
бандаи банду қафасон,

Бе шумо будани ман
иззати худсозист,
Бо шумо будани ман
миннати худбозист.
Бо шумо дидаи ман
дидание дошт агар,
Дидаи кӯри шумо буд.
Бе шумо,
бо ҳама,
бинои ҷаҳон хоҳам зист.

Бо шумо маҳзунам,
Бе шумо дилшодам.
Бо шумо зиндонӣ,
Бе шумо озодам!
*Душанбе.*

*1997*

**ЗАБОНАИ ОТАШ**

Ман аз диёри машъаласарди хотираҳо омадам,
Аз диёре, ки сокинонаш
гӯрҳои холии хешро
Барои мурда-зиндаҳо
ба иҷора гузоштаанд.
Ман аз Ватани самумрасидаи ғурур омадам,
Аз Ватане, ки зодагони ҳақирӣ
Дар забонаи оташи намудан,
Хокистари забунии буда набуданро коштаанд.
Ман аз мазори ёд
савори аспи бод расидам,
Аз мазоре, ки ворисони нотавоно
Ҷанозаи ишқу армонро,
Байни замину осмон,
Барои мазоҳи тамошо,
Лухту урён гузоштаанд.
*Москва.*
*1997*

**ЗИМИСТОН**

Баргҳои заъфаронӣ
бо ҳавои нағмаи сантӯри борон,
Дар ҳалоки хеш мерақсанду механданд,
бар мазоҳи боғи урён.
Хуни сабзидан намесӯзад дигар
дар шаҳраги сарди дарахтон.
Тирамоҳи пир
бо сахои ҳузни дороии нодорӣ,
Мегушояд хони иззат
аз барои меҳмонони зимистон.

Гулситонҳо дар ба рӯйи ошиқон бастанд,
Мурғакон аз лонаҳои хеш
бор барбастанд,
Тоқҳоро монда танҳо
ҷуфтҳо рафтанд…

Боз ҳам ман мондаму дарди Ватан
Дар хуҷраи ҳиҷрон,
бо зимистон.
Бо зимистоне, ки аз сардии номаш,
Медамад андар лабам табхоли сӯзон.
Ҳой, сарҷамъони беғам, ҳой,
Ман сари танҳои худро
ин зимистон,
Дар куҷои олами ғурбат кунам пинҳон?!
*Москва.*
*1997*

**ЗАНГӮЛАИ БАҲОР**

Садои зангӯлаи баҳорро интизорам,

Зи паёми рақси парасту,
Зи алвидоъи ашки шӯшаи гӯшаи бом.
Садои зангӯлаи баҳорро интизорам,
Зи гиряи сӯфиёнаи мурғи ҳақ ,
Зи хандаи кӯдакони сабзпаём.

Садои арғануни ишқро
Зи пардаҳои тармаоб шунидам,
Баҳор дар роҳ аст.
Гилам ҳавасхез аст,
Дилам гунаҳхоҳ аст.

Таронаи нафаси набзам
Ояи офтобро монад.
Ҷилои нур
дар сафои булӯр
Хандаи шаробро монад.
Зиндагӣ хобро монад.

Садои занги баҳорро интизорам,
вале, оввах,
Баҳор шеъри ошиқонаи маро намехонад,
Баҳор сози интизории маро намешунавад,
Баҳор нишонаи хонаи маро намедонад.
*Москва.*
*1997*

**ҒУРУБИ ШАФАҚ**

Ту ки ҳанӯз н-омадаӣ,
Чӣ гуна хоҳӣ рафт
Аз дилу манзили ман?
Фасонаи чаману атри ёсаману ҳузни ғунчаро
чӣ сон донӣ,
Туе, ки зи оби дидаи ишқ,
сабзае сабз накардаӣ
Дар дили худ,
дар гили ман?!

Ту ки ҳанӯз н-омадаӣ,
Рафтанат чӣ осон аст,
Ба хонае, ки учоқаш,
Оташи дастҳои маро надорад ёд.
Зи пайкарае,
ки дар хаёлгоҳи ту
гоҳе ҳамезанад ҷавлон,
Дуруд аз ғуруби ишқ,
Дуруд аз зуғоли ёд!

Ту ки ҳанӯз н-омадаӣ,
Чаро таронаи рӯд
Зи ҳузни рафтани ту ғамгин аст?
Зи қарни санг,
Дар китоби сахра
ёдгорие дорам,
Ки ишқ аввалин мазҳаб асту охирин дин аст.

Ту ки ҳанӯз н-омадаӣ,
чаро осмони пири ҳазин,

Ба шонаҳои хастаи замин
оҷизона мегиряд?
Чаро фиғони лахчарези панҷаҳои шафақро
Хуни сарди ғуруб мекунад такрор,
К-ишқ мурд,
к- офтоб мемирад?!

*Москва.*
*1997*

## СУКУТ

Аз ҳама баркандаам,
то бар канам,
Бандҳоро оқибат дар банди худ.
Аз ҳама бигсастаам,
бигсастаам,
То биёбам оқибат
Дар гиреҳи ҳар ҳуҷайра
решаву пайванди худ.

Ман ба ин дунёву ин мардум
дигар ҳарфе надорам,
Ҷуз ба ҳоли ҳолатам
андар сукути бекасиҳо.
Таркиши вулқонӣ дорад
Лолии дар худ фурӯ рафтан,
Шевани бархудрасиҳо.

Қобҳо бишкастаам,
Аз қафасҳо растаам,
Аз ҳама бигсастаам,
Бо хештан пайвастаам.
Бо худи худ оламам,
Бо оламе танҳои танҳо!
*Москва.*
*1997*

## БАРОИ ЯК ОМӢ

Ман он таронаи носурудаам,
Ки дар гулӯи замона таркидам,
валек ту
Барои шунидани фиғони пораҳои ман,
ҳуши илтифот надорӣ.
Ман он фасонаи маҳзунам,
Ки қанди фанди кӯдаки туст,
валек ту
Аз фиреби фасона
шавқи нишот надорӣ.
Ман он китоби нахондаам,
ки тундбоди ҳаводис
То охирин саҳифа боз бинмудаст,
валек ту,
Забони бодро ёд надорӣ.
Ман он Шаҳрзоди ҷовидона ошиқи бадномам,
Ки аз барои хондани Девони Ишқу Ашку Хандаи ман,

Ту низ,
ту низ,
ту низ
савод надорӣ!

*Москва.*
*1996*

## ХОТИРИ ХОТИРА

Дареғи дастҳои шикастаи ман,
ки мисли ток дигар
Ба гардани баланди ту намепечанд.
Ва шайпури нигоҳи ту низ
зи дурии дур,
Маро ба базми таманно
намекунад даъват.
Барои як ҷанозаи дигар
Дар мазори дилам ҷой надорам,
Мане, ки ҷовидона ба мотам нишастаам
Дар сари тобути муҳаббат.

***

Дар ин сарои гунох,
Дар ин мурдахонаи ишқ,
Барои мани бе ту
сафеду сиёҳ яксон аст.
Зи хотироти хотири хеш
садои навҳаи ёдро мешунавӣ?-
Ҷавонии ману туст,
ки дар сари ҷанозаи ишқ гирён аст...

***

Дигар садои хотири хотираҳо
Зи фосилаи як умри хато
Шишаи дили маро
нахоҳад куфт.
Ва осие, ки аз ҷунуни ишқ
сӯфиёна мерақсид,
Ба хоки бениёзии набудан
ҷовидона хоҳад хуфт...

***

Уқоби дастпарвари тамаъ,
Мурғи хонагии парбаста,
Даме ки зи хони фитнаайши рақиб
оҷизона дона мечинӣ,
Зи лонаи хароби хеш
Дар дили барқсӯхтаи кӯҳ
ёд меорӣ?
Шабе, ки раъд
табл мезанаду наъра мекашад тундар,
Зи паршикаста ҳампари хеш
Зери бори ҳасрату андӯҳ
ёд меорӣ ?!

*Москва.*
*1996*

## ВАЪДАИ ДИДОР

Барои ту ба ҷаҳон омадам, ҷаҳон шоҳид,
Валек як нишони туро

дар ҳама чаҳон намебинам.
Зи ишқи ту китоб навиштам -
китоби номаҳои бечавоби танҳоӣ,
Валек сояи қосиди туро
миннати остон намебинам.

Ба гӯри сад баҳор
санги ҳузн биниҳодам,
Ба рӯйи сад хазонрез
чашми гиря бикшодам,
Зи лӯлиёни бахтфурӯш
фоли васл харидам,
Зи боғи ту,
ба роғи худ
дареғ, дареғ,
Парандаеро парфишон намебинам.

Туро намеёбам,
намеёбам,
намеёбам,
Зи ҳеч Ватан,
зи ҳеч чаман,
зи ҳич бахтистон.
Дуои васли ту дар лаб
суроғ хоҳам кард,
Туро дар ҳама ҷо,
туро аз ҳама кас,
То вопасин дами дам,
то муҳоҷирати ҷон.

Чароғи ишқи ту дар каф,
Чанги ҳаҷр дар гиребонам,
Зи рӯдбор ваъдаи дидори ту мехоҳам,
Ба ашки зулоли фаришта-
ба об –
менигарам,
Валек мӯъҷизаеро намебинам,
Ба ҷуз ойинаи шикастаи чашмонам.
*Москва.*
*1996*

## ҚОСИДИ АҲУРОӢ

Офтоби муҳаббати ман,
Вопасин қосиди аҳуроии қисмати ман,
Ба ҳузни пур аз зиёи ҳаё,
ба сӯйи панҷараҳои сарду сиёҳ,
Хандае намуду пинҳон шуд.
Ҷавонае, ки дар хазони муродам,
Миннати шукуфтан дошт,
Фишурда хешро дар кафи хор,
Дар хумори бӯсаҳои сабзи баҳор
гирён шуд…

Дилам анори фишурдаст,
Марги ишқ бехун нест.
Барои қотилони ишқ чаро,
Дар китоби адл қонун нест?!

*Чолпон- Ота.*
*1996*

## ҚАФАС

Қафасам дар мани ман менолад,
Дар фишори қафасам,
зиндадори нафасам.
Хешу бегона ҳама
Зи ҳавасхонаи дил
бо кафи гил бигзаштанд,
Дар ҷазохонаи танҳоии худ,
Қарздорам зи ҳавову ҳавасам.

Барқ рахшиду гузашт,
Ғарқ шуд шед
ба ашки шафақу хуни ғуруб,
Маҳшари ҳодисаро
торику танҳо дидам.
Ахгаре аз назаре
ҷониби ман тоза нашуд,
Ҳамаро бо ҳама
бегонаи дунё дидам.

Нур дар зулмати девофари айём шикаст,
Шаби ториктаре,
шаби беимдоде,
Омад аз пушти шаби фоҷиа фарёдрасам…
Ҳамаро санҷидам,
Ҳамаро бахшидам,
Ҳамаро кардам гум,
К-оқибат аз раҳи танги нафасам,
Бе ҳама,
бо ҳамаи худ бирасам.

*Москва.*
*1996*

## АХТАРИ ГУМНОМ

***Барои Абдулҳамиди Самад***

Чун ҳазорон сол аз ин пеш,
Наштари фӯлодии бехобӣ
Кӯр созад чашми хобамро.
Чун ҳазорон сол аз ин пеш,
Аз барои ахтари маснуие,
К- аз пардаи абри сиёҳ
рахшиду бигзашт,
Хунбаҳо додам офтобамро.

***

Чун ҳазорон сол аз ин пеш
Орзуи зиндагиро
Мурда -мурда,
зинда медорам,
Дар дилу дар дидаи худ.
Чун ҳазорон сол аз ин пеш,
Пора-пора ҷамъ хоҳам кард
аз хоки ҳақирӣ,
Ахтари гумноми озодӣ-

дили таркидаи худ.

***

Ман ҳамон худофари танҳои танҳоям,
Ман ҳамон нодори дороям,
Ки ҳазорон сол аз ин пеш
Аз ганҷи сухан
дарёфтам перояи худ.
Ман ҳамон ҳушёри мастам,
Ман ҳамон ойинадори зишту зебоипарастам,
Ки ҳазорон сол аз ин пешу баъд аз ин,
Дар шаби девофару ғамзои бехобӣ,
Дар хумори рӯзҳои офтобӣ,
Шеър мегирям,
Шеър механдам,
Шеър мерақсам..,
барои сояи худ.

*Москва.*
*1996*

**РАГИ ОТАШ**

Дар Ватан аз доғи ман
дар боғи ман
гулҳо шукуфта,
Як чаман дар марги худ
хандону гулафзо шукуфта.
Дар гиреҳи ҳар ҷавона
накҳати хуршед мирад,
Шеъри ишқи номуродон
дар лаби ҷонон нагуфта;

Дӯстони нонӣ рафтанд
аз раҳи ноошноӣ,
Дӯстони ҷонӣ мурданд
аз вафои бевафоӣ.
Ман ба рӯйи субҳи гирён
пардаи ҷон мегушоям,
Эй ки муштоқат бимирам,
зиндаӣ гар дар куҷоӣ?!

***

Зодаҳои қуллаҳои мардпарвар,
Беш аз ин бахши тамаъ
маҳкуми пастиҳо набошед.
Хӯсаҳои хӯсапарвар,
Беш аз ин шармандаи лӯъбатпарастиҳо набошед,
Сарварони миллатеро карда бесармояву бесар,
Беш аз ин андар гулӯи зиндагӣ
ханҷар набошед.
Беҳунарҳои ҳунаркуш,
Беш аз ин дар хукми эъҷози хунар
довар набошед.
Ҷоҳилони миллатеро дар нигоҳи оламу одам
ба хоки раҳ кашида,
Беш аз ин бунёдсӯзи решаи модар набошед!

Дӯстони хасмёвар,
ман зи хасми пастхокам,
Дар баландии мақому ҷоҳи худ бегилаам,

Дар таҳи чоҳи сиёҳи фитнаву макри шумо ,
Шамъи сӯзон дар кафи ларзон
ҳанӯзам қосиди нурам.
Ман агар афтодаам,
Аз кундаи пӯсидаи чаҳли шумо афтодаам,
Ман агар кӯрам,
Зи дуди талхи аъмоли шумо кӯрам!..
***
Дар Ватан аз доғи ман
дар боғи ман
гулҳо шукуфта,
Хуни ишқи номуродон
дар раги оташ нуҳуфта.
*Москва.*
*1996*

**ЗАБОНАИ БЕЗАБОНӢ**

*Барои Фурӯғи Замон*
Хандазанон ба риши замонаам,
равонаам,
Зи ҷодаи ҳеҷ кас,
То ба водии ҳич куҷо.
Дарахти фасли панҷуми умрам
бори эч оварда,
Ба боғи эчии ишқу таманно.

Кафшҳои пора-пораам
баланд механданд,
Ба нози оҷизонаи пойҳои роҳкӯфтаи ман,
Дар хиёбони танҳоӣ.
Ба хонаи нарӯфтаи ман,
ҳамеша меҳмони нахонда меояд,
Аз осмони танҳоӣ.
***
Ман пайкараи беназири ҳунарам,
Ки аз фиғони дар остин,
Ки аз хурӯши дар мушт,
Ки аз сукути фоҷиа,
Хешро бегазанд кардаам бунёд.
Ман аз қаҳ-қаҳаи раъд,
Аз шитоби бод,
Аз фиғони турнаҳои фироқ,
«Дардномa» кардаам эҷод…
***
Гӯшҳои ман
аз шунидани ношуниданиҳо,
Бар замини хотира
сурби пумба мекоранд.
Чашмҳои ман
аз дидани надиданҳо,
в- аз надидани диданҳо
Ба ҷилваи сароб
эътиқод надоранд.

Дастҳои ман
аз фишори танобҳои ҳақирӣ,
Чу шохаҳои дарахти пир
шикастаанд.

Забони ман,
аз безабонии ман,
Чу паррандаи оташхор
ба оташ нишастааст,
Ба оташи безабонаи хамӯшбуданҳо,
Ба оташе, ки то ману зи баъди ман,
Зи хокистари сардаш
Пар кашанду шӯъла фишонанд
селаи самандарҳо.
***
Зиҳӣ, сангари доғ
аз барои ҳеч!
Адӯй дар ҳама давру замона,
На шонаҳои нозуки занонаро,
Шарори чашми ориёнаро
ёд хоҳад дошт,
Дар баҳои ҳич,
аз ҷазои ҳеч!
***
Садои гурзу сипар
аз паси кӯҳи Қоф
мерасад ба гӯш,
Марг аз зиндагонӣ
хунбаҳо ҳамехоҳад,
Хунбаҳои ҳич,
дар баҳои ҳеч.
Хамӯш, осмон сияҳпӯш аст,
Хамӯш, Таҳмина менолад,
Аз бақои ҳеч,
аз вафои ҳеч.
Хамӯш, сози ишқ мемирад,
Ва деви риё
бо панҷаҳои сиёҳ
Арғануни набзи зиндагониро
ҳамекунад дамкоҳ,
Аз навои ҳеч!
***
Ман арӯси бевамондаи қарни ноҷавонмардам,
Зи тахти баланди ғурур,
нотавони зӯр,
Ба сурати осмони ситоракуш,
мезанам бӯсаи мушт,
Бар сияҳсӯзии Офтоб механдам.
Ман Гурдофариди ношинохтаи замонаам,
Ки лаҷоми аспи саркаши ғururамро,
Ба риши кӯсаи замона мебандам!
Чуҳ! Чуҳ!Чуҳ!
*Теҳрон.*
*1996*

## САРВИ УРЁН

Меҳаросам аз садои шумпайғоми калоғон,
Меҳаросам аз ҷазои имтиҳони дигаре
баъди ҳама шармандагии нотавоноӣ.
Меҳаросам з- иштиҳои қотили дигар,
Ки ҳавои барраи қурбоние
дар деги сар дорад,
З- аҳли фарҳангу зиёӣ.

Меҳаросам аз ҳаросонии худ,
Аз навҳаи хомӯши худ,
В-аз шикасти ҳечнопайванди фасли ношикебоӣ.
Ларза меафтад ба ҷонам,
мефитад дар бистарам оташ,
Ҳар гаҳе ки боди саркаш,
Мекашад бар вартаи оғӯши сард,
Сарви урёни маро
дар боғи танҳоӣ.

*Москва.*
*1996*

**ҲАВАС**

Нигоҳ макун,
бо ҳавас нигоҳ макун
Сӯйи орзуманди нигоҳи ҳавас,
Ки дар суоли нигоҳи туву ҷавоби гуноҳи ман,
Ҳазор қиссаи гуфта
нагуфта аст,
Зи доми ҳавас,
зи мурғи қафас.

Нигоҳ макун,
бо нигоҳ гуноҳ макун,
Ало, раҳгузари шарораназари рози дигар.
Дар ин як дами дам,
ахгари чашми ту чӣ хоҳад гуфт,
Ба барфи ҳазорсолаи дидаи ман,
Зи ашку рашку нозу ниёзи дигар?!

Нигоҳ макун ба мани хаста шӯху пурасрор.
Фариштаи гуноҳи маро,
Зи хоби тавбазо макун бедор.
Ту кистӣ,
дар фасонаи нигоҳи ту
Сеҳри ишқи нотамоми кист?
Таронаи забони нигоҳи ту
ояи саломи кист?
Чӣ оташест дар нигоҳи фирории ту,
Ки боғи фароғи маро
ҳамекашад ба гулхану дуд?
Ман он хонабадӯшам,
ки дӯш забони баёни ҳама
Пур аз нишонаи ман буд.
Ман он шоири ишқам,
Ки номаи ошиқонаи як насл,
Шеъри ошиқонаи ман буд…

Нигоҳ макун,
бо нигоҳи нусхагири хеш
гуноҳ макун,
Ту ҳури танҳоии маро
деви иштибоҳ макун.
Ман он гулам,
ки дар азои булбулакони буридазабон
ҷовидона ба мотам нишастаам,
Ту рӯзи маро

беш аз ин  сиёҳ макун!

*Москва.*
*1996*

**ОРИЁНО**

Ориёно!
Эй нишони бенишонии мурувват,
Эй забони безабонии мадоро,
Гар зи дуди оташи худ  куштаат,
Чун шарори оташи аз тирагӣ
ворастаат,
Зиндадори Миллати дар хоку хун оғуштаат
боло нагардам,
Вой бар ман!

Гар набинам зиштамро
дар сиришти худшиносӣ,
Гар наёбам сарфароямро,
сарамро,
Дар талоши худхалосӣ,
Вой бар ойину бар ойинадори ман!
***
Ориёно!
Пири барҷомондаи бемутакко,
Марги фарзандони худро
нотавону хаста мебиниву хомӯшӣ.
Олам аз фарҳанги ту
ҳусни маонӣ ёфт,
Одамӣ аз гавҳари фазли ту
асли хешро бишнохт,
Худ вале аз ёди ёди  оламу одам фаромӯшӣ,
Дар азои ойини меҳрат сияҳпӯшӣ?!
***
Ориёно!
Орзуҳои ҳазини хокиямро, осмоно,
Дарси худсозӣ ҳамехоҳам
зи худбозии  торихофаринат.
Оташи дил,
оташи чашм,
оташи рӯҳам бидеҳ,
эй сардгашта хонаи хуршед
Аз бунёди поку оташинат!
***
Ориёно!
Он қадар ман паст уфтодам
Зи арши қуллаи рӯҳат
ба фарши тоқати таҳқир,
Ки баландие намехоҳам дигар
аз осмонҳо,
Ҷуз баландии заминат.
***
Ориёно!
Саҳнаи пархошу чоши зиндагиву марг,
Лолаи хуни Сиёваш
то ба кай наврӯзии туст?
То ба кай хуршеди ховар

нусхаи худсӯзии туст?
То ба кай ҳамчун нахи абрешимини нур
Бар сари ангушти гардунӣ,
То ба кай дар оташу хунӣ?
***
Ориёно!
Хастагурди шӯҳрабемор,
Аз фари оянда канда,
Бар гузашта чашми бедор,
Ман дигар
андар дифои шӯҳрати афсурдаи ту,
Қудрату тамкини арзонӣ надорам.
Ориёно!
Эй таҳамтан Рустами фарзандбезор,
Дар набарди зиндадории фари ту,
Модари ту,
духтари ту,
дилбари ту,
Хунбаҳои сангари хунофари ту,
Ман дигар Сӯҳроби қурбонӣ надорам!
*Теҳрон.*
*1996*

**РӮЗИ МАҲШАР**

Рӯзи маҳшарро
ба чашми хеш дидам,
Маҳшари неку бадамро
беҳ зи худ
довар намехоҳам.
Дори ореро, ки дорад ёд
фарёди "Анал-ҳақ!"-ро,
Бе сари худ фар намехоҳам.

Аз гулистоне, ки пажмурдаст
зери сумби гови пал,
Хандаи мирандаву маҳзуни нилуфар намехоҳам.
Сард гашта оташи ишқе, ки бе ман
кушта андар ман,
Мурдани хуршедро дигар намехоҳам.

Ҳон, дуздони ҳақири хоки тоҷик, ҳон,
Аз диёри ман намонда
ҷуз ғаму андӯҳу ҳасрат
ганҷу ганҷуре,
Охирин сӯфи кафанвории миллатро
агар хоҳед бо зиллат рабудан,
Сангҳои Тоҷикистонро
барои ман гузоред,
зар намехоҳам!
Эй ки дар марги ғурури як Ватан
мастона мерақсед,
Дардҳои Тоҷикистонро
барои ман гузоред,
Дар сари гӯри ҳақирам
модари дигар намехоҳам!
*Москва.*
*1996*

## ОЙИНИ НЕКОН

***БАРОИ ДОКТОР АЛИИ ХОҚОНӢ***

Эй табиби меҳрабон,
дар ойини некон,
Нек будан беҳтарин доруву дармон аст.
Меҳри ман бар маснади озодагон шоҳид,
Нақши ҳузнам
дар дирафши вожгуни Давлати Сомониён шоҳид,
Ҷони ҷон шоҳид,

Зиндагии фонии ман,
Зиндадори оташи поки ниёкон аст.
Дарди ширине,
ки дар оташгаҳи бунёди ман
ҷовид месӯзад,
Дарди дардон-
дарди ҳиҷрон -
Дарди бемеҳрии Эрон аст.
*Теҳрон.*
*1996*

## ЗУЛМАТ

Мо бо сиёҳии шаби шаб хӯ гирифтаем,
Дар осмони рӯҳи мо ахтар намондааст.
Аз чоҳ то ба моҳ
ҳама гоҳи зулмат аст,
Дар чашми сабзи зиндагӣ
озар намондааст.

Эй қотилони нур,
Шабзодҳои кӯр,
Ё шоми тиратар аз ин шаб
ихтиро кунед,
Ё субҳро,
ки кӯдаки хуршеди мурдааст,
Аз бачадони аждари зулмат
раҳо кунед!
*Москва.*
*1996*

## ЛАНГАРИ АНДӮҲ

Тоҷикистон, киштии бенохудои Нӯҳ,
лангари андӯҳ,
Сарнавиштат чун нахи мизон
бар сари ангушти тӯфон аст.
Ашки шӯри номуродӣ
Чашми меҳри ворисатро кӯр бинмуда,
Гулшанат гулгашти шайтон аст.

Тоҷикистон, хиттаи мардони гирён,
Фозилонат,фозили тиллои хомӯшӣ,
хамӯшанд.
Модаронатро фиғони лолии андӯҳ
дар нойи гулӯ печидааст,

Шоҳмардонат сияҳмарганд,
Гуларӯсонат сияҳпӯшанд.

Ошиқонат дар набарди бевафоӣ
Бар сари сахти муҳаббат
сахра бишкаста,
Ишқро дар сангари нафрат
ба нархи ҷону имон озмуданд.
Шоиронат дар ҳалоки ишқу илҳому сухан,
Обшоронро сафири гиря фармуданд.

Тоҷикистон, хонаи холии соҳибхонаҳои дарбадар,
Кай дари уммед
сӯйи ноумеди хеш бикшойӣ?!
Кай ба асли беназири хеш баргардӣ,
Кай барои бенасибони гули рӯят,
гулшани дидор оройӣ?!

Тоҷикистон, ошёни оташини мурғи оташ,
То ба кай андар нигоҳи ҳайрати олам,
Гулхани худсӯзӣ афрӯзӣ?
Эй ки андар зодани фарзанд
ҷойи аввал дар ҷаҳон ҷойизаи туст,
То ба кай
дар оташи дардодаи фарзандҳои носазоворат,
Яккаву танҳо бисӯзӣ?!
*Москва.*
*1996*

**ТАМАННО**

*Беватан нест ғарибе, ки кунад ёди Ватан,*
*Дар Ватан будаи беёди Ватан беватан аст!*
*М. Шерадӣ.*

Парастуҳо ба сӯйи ошёни хеш баргаштанд,
Вале дар боғи ҳиҷрон
лонае ободу барҷо нест.
Ғарибе, ки ба рӯйи бори дарди хеш биншаста
таманнои Ватан дорад,
Намедонад ва ё алҳақ, намехоҳад бидонад,
Ки ҷуз меҳри Ватан
андар Ватан ӯро,
Зи ганҷи ранҷҳояш
як сари сӯзан ҳувайдо нест.

Худоё, то куҷо тақдир бозад
бо сари бесарвари тоҷик?
Худоё, то куҷо фарёди беимдоди тоҷик
дар гулӯи сахра метаркад?
Худоё, то куҷо моро
замини зиндагӣ
аз растахези зистан холист?!
Худоё, ишқи гирёни Ватан
бар ҳафт пушти безабони ман,
Ҷазо гар нест,
дигар чист?!

Ватан ишқ асту армон аст,
Ватан дард асту дармон аст,
« Ватан Лаъли Бадахшон аст,
Аз мо ҳасту аз мо нест!..»
*Москва.*
*1996*

**НУРДАСТУР**

Ман ба зулматзодагон гуфтам:
Зи нуробод меоям,
қосиди нурам.
Баски аз таҷрубаи торикии торих бинoям,
Нурдастурам.

Ворисони содиқи ҷаҳли мураккаб,
Аз паёми рӯшаноӣ
сахт тарсиданд,
Аз дурахши нур
чашми кӯр пӯшиданд.
Шамъи сӯзонро
ба зери по фиканда,
Бо ғурури нафрати кафши дарида
беибо куштанд,
Хешро бори дигар
дар хуни ҷаҳли хеш оғуштанд.
*Бишкек.*
*1996*

**ХОКИСТАР**

Боғ аз хокистари гирёни худ
Аз барои чашмҳои гулпарастам,
сурмаи танҳоӣ мебахшад.
Ахтаре монанди ман танҳои танҳо,
Сӯйи дунёи ҳавасҳо
аз дили абри сиёҳ
Хаставу бегона мерахшад.

Майпарасте
оташи гирёни хуни хешро,
Бо мазоҳи арғавонии шароби талх
хандонад,
Мурғи ҳақ
аз тории аъмоли шаб
то саҳар ҳақнома мехонад...

Модарон
аз ваҳшати аъмоли тифлони бузурги хеш
андар хоб бедоранд,
Кӯдакон гулғунчаи эҳсони инсонро
аз гули афсона меҷӯянд.
Рӯдборон аз сафову покии худ,
Аз барои кулмаку мурдобҳо
чистон ҳамегӯянд...

Хорзоре, ки замоне буд гулгашти таманно,
Домани абрешимини хотирамро
пора бинмуда,
Мекунад пири муродамро мушавваш.
Охирин садбарги сармобурдаи боғ,
Бенасиби гулфишонӣ,
Бо ҳаёи арғавонии нигоҳи номуродӣ,
Дар мазори хеш хоҳад
дардиҳад оташ.

Ман ба ин гулзори пири пажмурида,
Як чаман гап дорам
аз сабзии армони ҷаҳони хушк.
Масти ҳамли оташи ангурҳо,
Зиндадори зиндаандаргӯрҳо,
Қиссаи хуншор дорам
дар лабони хушк.

*Бишкек.*
*1996*

**СУБҲИ ДУРӮҒИН**

Ин субҳ кӯдаки хуршед, шафақро,
Хоби марг бурдаст.
Ин субҳ ашки фариштаҳо, шабнам,
Зи покиву сафо ранг фусурдаст.

Ин субҳ нози шукуфаи гули кадуро,
Ба ғунчаҳои ёсаман
накардаам тавсиф.
Ин субҳ сидқу вафои фоҳишаҳоро,
Ба сӯфиёни сиёсат
накардаам таъриф.

Ин субҳ хоби сиёҳи шабамро,
Ба ойинаи рӯд нагуфтам.
Ин субҳ ба ҷуфти кабӯтарони гӯшаи бом,
Ошиқона дуруд нагуфтам.

Ин субҳ барои дидаи бинову рӯҳи тавоно,
Таронаи шукр нахондаам зи ҳиммати яздон.
Ин субҳ намозӣ надидам
хусни безаволиро,
Зи рӯйи офтобии тифлон.

Ин субҳ фалсафаи фирори Одаму Ҳаворо,
Аз китоби осмон наҷустам.
Ин субҳ сурмаи чашми гуноҳро,
Бо хаёли сиришки фаришта нашустам.

Ин субҳ дар сари ҷанозаи хеш,
Зи марги нуру зиё
марсия бояд гуфт.
Ин субҳ то ба субҳи дигар
Дар мазори гуноҳ
осиёна бояд хуфт.

*Москва.*
*1996*

**БЕХОБӢ**

Дар гулӯям панҷаи ларзони бехобӣ,
Чанги танҳоӣ ба домонам,
Аз барои дидани гулзори дидоре
То дари ҳамсоя
хоҳам раҳ кушудан,
лек натвонам.

Ман ба рӯйи мардуми садрӯй
Аз мазоқи ханда дигар
ошиқу сармаст
гул наафшонам.
Санъати хушбахт будан
рафтааст аз ёди ёдам,
Ман зи беёдии худ шодам.
Эй хушо, озодии зиндони дилсардӣ,
Хонаи ман
беҳтарин зиндони олам буду ҳаст.

Андар ин ҳабси зиёкуш,
Аз барои ахтарони нурполо
шеър мехонам,
Шеъри маҳзуни суоли дидагонамро.
Ман дар ин сайёраи зулмат
чӣ коре доштам,
Ки бадал кардам ба шамъу соҳаташ
офтобу осмонамро?!
***
Рӯйи танҳоӣ чӣ безеб аст
бо ранги шиносаш.
Шаб чӣ номард аст
бо чашми ҳаросаш.

*Москва.*
*1996*

**РОЗИ ҒУНЧА**

Ҳанӯз нафасе ҳаст,
сахт сӯзанда.
Ҳанӯз ҳавасе ҳаст,
зиндаи мурда.

Ҳанӯз пири гуноҳ
аз баҳори нози ман,
Рози ғунча мебӯяд.
Ҳанӯз пирдухтари ҳавас,
аз шитоби ғуруб,
Шафақи хешро ҳамеҷӯяд.

Ҳанӯз ишқи ташнасӯзи ман,
Зиндадори сароб мегиряд.
Ҳанӯз дар гухари пора-пораи ашкам,
Хандаи офтоб мегиряд.

Ҳанӯз ҳастаму ҳастед,
Ошиқони носазоворам.

Ҳанӯз дар вафоти ҳар кадоми шумо
бовафо азодорам.
*Москва.*
*1996*

## ХОБИ МАРГ

Ман ғунудам як нафас,
як лаҳза,
як ашки сари мижгон,
Дӯстони бевафову сустпаймонам,
Марзи имони маро
дар хоку хун оғушта рафтанд.
Ман набудам як ҳавас,
як оҳ,
як марги муфоҷо,
Ошиқони бовафову сахтпаймонам,
Аз пайи тобути Ишқ,
Ашки ҳиҷрон кишта рафтанд,
Хештанро кушта, рафтанд,
То мазори пасмагарди Пушта * рафтанд...
-----------------------------------------
** Мазори Яхч.*
*Москва.*
*1996*

## ХУНИ СИТОРА

Эй офтоби ишқ,
Зи чашмае намедамӣ,
То осмони ҷаҳл,
Гирди замини фисқу риё
тоб мехӯрад.
Эй ҷонсупори нур
Зи зулмат намераҳӣ.
То аждари риё
Хуни ситора аз раги маҳтоб мехӯрад.

Эй ошиқи Ватан,
дар сангари дареғ,
Дар хуни арғавоният беҳуда метапӣ,
То вориси каён,
Бо хасми тоҷикон,
Дар косаи сари падар
шароб мехӯрад.
*Москва.*
*1996*

## НОШИНОС

Ин қадар аз марг метарсед,
Марг рӯйи ношиноси зиндагист:
Зиндагии бе мурods ишқ,
Зиндагии бе ҳавои ҳавас,
Зиндагии бе талоши зист.

Ин қадар аз марг метарсед,

То даме ҳастем мо,
ӯ нест.
То даме мо нестем,
ӯ ҳаст.
Ҳастии ӯ
нестии мост,
Ҳастии мо
нестии нестист.

Ман зи марги маргҳо,
аз хуни сарди хеш метарсам,
Дар талоши зист.
Дар хумори рӯзҳои рафтаи барбоди ман,
Ғуссазоди ёди ман,
Хастагии ман ҳамегиряд,
ки номаш Зиндагист.
*Москва.*
*1996*

**ЗУҲУРИ ОФТОБ**

*Барои дӯстони шоирам*
*Рустам ва Сиёвуш*

Шеър исён аст, дард аст,
дарди дарди бедаво.
Шеър дуди оҳи сард аст,
дар нафасҳо
аз қафасҳо.
***
Шеър раҳгумии хун аст,
Дар найи шарёни ҳастӣ.
Мӯҳри меҳри ошиқон аст,
Дар лаби сӯзони ҳастӣ.
***
Шеър ранги ҳаштуми рангинкамонҳост,
Дар гулистони хазону пажмурида.
Шеър дарёбад сари обилаҳоро,
Аз хурӯши набзи сайди сарбурида.
***
Шеър бемаргии рӯҳ аст,
Дар фазои пастии аъмоли инсонҳо.
Шеър покиву сафои шабнам аст,
Дар булӯри барг,
дар гулафшонҳо.
***
Шеър ҷони зиндагиро,
Дар вуҷуди хастаи дилмурдагон
бахшад сурур,
Шеър пайғоми шарор аст,
Аз гули хокистари нур.
***
Шеър хуни сарди набзи бардаҳоро
Сӯз бахшад,
пуршарар созад.
Бо дили шоир зибаски кор дорад,
Бо сари шоир бибозад.
***
Шеър
ашку хуни нангу орҳост,

Шеър
накши ёдгори ёдхост,
Шеър
фарёди хама бедорхост,
Шеър
Мансури азизи дорхост!
***
Шеър
хуни инкилоб аст,
Шеър
шархи офтоб аст!
*Москва.*
*1996*

**ПОСУХИ ФИРОРИЁН**

Чаро ба дӯш бори ифтихор
фирор кардаем,
Ба дида ашки шашкатор
фирор кардаем,
Ба хор дода гулшани диёр
фирор кардаем?

Зи лолии фиғони панчахои тофта
суол кун,
Зи тифлакони бепадар,
зи боғхои бесамар,
Зи хонахои сӯхта,
зи чонхои бохта
суол кун,
Зи миллате, ки бори миннати кабила мекашад,
Зи хорузории Ватан,
Зи теғхои дар алови хуни чохилон гудохта
суол кун..,
Худойро, бидон, ки мо чаро фирор кардаем,
Зи будани ту, эй ачалшиор,
ор кардаем!
*Москва.*
*1996*

**ҒАМШОД**

Боғи аз ишку муроди дигаре парварда,
Надихад хусни фарах
гулшани воруни маро.
Шарари розу ниёзи назари рахгузаре,
Надихад сӯзи гунах
дидаи яхгуни маро.

Дар хама фасл
ман аз сардии хуни хавасам,
Нахли сармозадаро мемонам-
баргу борам сармо.
Он кадар дар дили ман барфи алам борида,
Ки зи сад чашм дамад
шӯълаи хуршедии ишк,
Накунад об яхи чони маро.

Ман хамон танхоям,

Ки зи ғамшодии танҳоии худ,
Ба ҷаҳон н-омада
гӯши ҳамаро кардам кар.
Ман ҳамон дудкаши сармоям,
Ки ба ҷуз дӯзахи бебаргии худ,
Напарастам чаману гулшану фирдавси дигар.

Хуш ба ҳоли оне,
Ки зи доне самаре ёбаду аз қатра гуҳар,
Вой бар ҳоли мане,
ки зи атри чамане
Нафасам аз ҳаваси зиндагӣ хушбӯ нашавад.
Ман ҳамон танҳоям,
ман ҳамон яктоям,
Ки ҳама мардуми олам ба суроғам бирасад,
Яки ман ду нашавад!
*Москва.*
*1996*

## МУБОРАК БОД!

***Нома ба Сабзалии Шарифзода,***
***наққоши номдори тоҷик.***

Азизам, дӯстам, гулпарвари гулзори берангӣ,
Аё рангинхаёли ранг бурда з-олами берангии дилҳо,
Ҳунар ишқ аст, ишқи зиндадории дами одам,
" Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо!"*

Фиғони килки ту
дар қолаби алвон намегунҷад,
Гули илҳоми ман хушкида
аз сармои бегона.
Ба гӯши бод метаркад,
Ҳадиси садзабону безабони фазлу фарзона...
Сафири марг механдад
Ба ҳоли нотавонии ҳунар
дар сангари ваҳшат,
Ба ҳоли зиндагонии ҳақирона.

Ҳунармандон ба сони кӯдакон
бо ҷурми гулкории худ
тақсири машҳуранд,
Ману ту дар шаби тори мазори иззати Миллат,
Зи сӯзи ҷовидони ишқи меҳан гулхан афрӯзем.
Ману ту дар сари гӯри ҳунар
бо қиммати сар,
Доварии андалебу зоғ омӯзем.

Ману ту бо аҷал ҳарфе надорем,
Ҳама ҳарфи ҷаҳонро
тири додар
бар сари сабзи бародар гуфт.
Худоро, достони тоқати ҷонкандани моро,
Назири беназири ин муаммои муамморо,
Ҳунар бояст андар шевани мастури дигар гуфт!

Азизам, дӯстам, бехории гулро сазоворам,
Заре, ки дар бисоти хеш

з- ин махзансаро дорам,
Сурури ҳастии ту
дар тайи ин чархи нилобист.
Сурури он ки истеъдоди Беҳзодиву илҳоми худододат,
Гули берангии моро
зи нав хушранг хоҳад кард.
Сурури он ки андар ҷашни зарринат,
Туро ҷуз ганҷи зебои ҳунар
тиллои дигар нест...

Азизам, дӯстам!
Баъди ҳама селобу тӯфонҳо
Агар ҳастем,
Агар ҳузни табассум дар лаби хомӯш,
Қалам
ё килк
бар дастем:

Ғаму дарди Ватанро
ҳисса бояд кард,
Зи ободии рӯҳу ҷони Миллат
қисса бояд кард.

Азизам, дӯстам!
Ману ту як чаман пажмурдаҳо дорем
андар гулшани қисмат,
Гарам доси дарав дорӣ,
Дигар гулғунчаҳоро сар мазан
дар боғи сарсабзи нумӯи худ.
Ману ту як Ватан гумкардаҳо дорем,
худро низ гум кардем,
Асои нангро бояст сӯзан кард
андар роҳи дури ҷустуҷӯи худ!
Ту ки имрӯз
аз дирӯз
то фардо сафар дорӣ,
Аё шоистаи сад соғари ҳамду сано,
эй дӯст,
Зи номи Модари Миллат
Бикун лабрез як ҷоми дигар
дар ҷашни тиллоии ишқу орзӯи худ.

Муборак бод панҷоҳи ту
Бар рангинкамону барқи кӯҳистон,
Муборак бод панҷоҳи ту
бар пӯдинаву сӯзанкаху торон,
Муборак бод тамкини намурдан
аз ҳавои маргзоди ҷаҳл,
Муборак бод панҷоҳи ту
бар аҳли ҳунармандони аз ишқи Ватан сарсон!..

Муборак бод
ҷашни хандаву лоливу фарёдат,
Муборак бод
ҳури хурраму маҳзуни эҷодат,
Муборак бод
аз ёрони нониву забониву замонӣ,
Туро ҷоизаи яктои танҳоӣ,
Муборак бод дар дунёи ғам

шодии эъҷозат!

Муборак бод!
-----------------------
**** Аз Ҳофиз.***
***Москва.***
***1996***

**ХУДКУШ**

Дар зиндагӣ барои ӯ
афсонае намонд,
Шамъе зи сӯзи ишқи ӯ
дар хонае намонд,
Андӯҳ монду ҳасрату фарёди ҷуғзи шаб,
Ҷони ба лаб расидаро
ҷононае намонд,

Ӯ рафт меҳрташнаи бегонаи дигар.
Ӯ рафт сӯйи нафрату афсонаи дигар,
То пур кунад зи ашки худ
паймонаи дигар,
То бори ҳасраташ ниҳад
бар шонаи дигар,

Ӯ рафт хостгории ҳури хаёли хеш.
Ӯ раст аз асорати деви суоли хеш.

Ӯ аз ману ту рафт,
ба дидори ҳеч кас,
Баҳри ману ту монд
дому донаву қафас.
*Москва.*
*1996*

**ҶОИЗАВУ ҶАЗО**

Набудани ту
дар бару дар сари ман,
ҷазост,
Ҷазое, ки бо ҳама ҷурму гуноҳ носазоворам.
Дар ин аҷалсаройи куҳан
чӣ кор хоҳам кард,
Гарам зи фалсафаи нигоҳи ту
рамзи зиндагӣ набардорам?!

Баҳори интизорро
бори ҳазор
Бо ду чашми обшор гуфтам падруд,
Ҳазор тарона сурудам
зи оҳи сарди хамӯшӣ,
Барои сахраи беҷону ҷони беқарори руд.

Биё, ки надида дидани ту ситам аст,
ситами норавойи қисмати ман,
Биё, ки як нишони ту намеояд
ҳазору як нишонаи ман.
Биё, ки ҷуғз фироқнома нахонад
зи боми хонаи ман!

Биё, ҳазору як баҳонаи буданам, биё,
Биё, ки бидуни ту будан
наметавонам буд.
Биё, ки бо туи бе ту,
намуда набудан,
наметавонам буд.

Биё, ки ҷони интизори хешро
Дар кафи ларзони таманно
то лаҳад бурдан,
Ба марги бегуноҳии фаришта
базми шайтон аст.
Биё, ки набудани ту
дар бару дар сари ман,
Набудани Офтоб
дар мадори кайҳон аст!

Биё, чу ҷоиза биё,
чун ҷазо биё,
Биё, чу зиндагонӣ биё,
чун қазо биё,
Ту дону худо, биё,
Ба номи худо, биё!
Биё!
*Бишкек.*
*1996*

**ҲАСРАТИ СУРУР**

Дили хастаи ман,
ба фарқи ошёнаи танҳоӣ
Парчами ишқро парафшон кард,
надидӣ.
Таронаи ошиқонаи ман
Дар забонаи барқ шукуфт,
нашунидӣ.
Ду дидаам ба роҳи ту
Аз гузашта
то фардо,
Як само ситора кишт,
начидӣ...

Дилам барои ту гирист,
Таронаам барои ту шукуфт,
Дидаам барои ту ахтар кошт,
Надидӣ,
нашунидӣ,
начидӣ.

Видоъ, пайкараи санг,
Ҳасрати сурур, видоъ.
Видоъ, офтоби сард,
Сайёраи бенур, видоъ!
*Бишкек.*
*1996*

**БАҲОРИ ХАЗОН**

Насим гулафшон панҷа мезанад,
бар обшори гесувони симинам.
Мани нозпарвари фоҷиаи сарнавишт,
Зи ҷоизаи кирдор,
ишқу баҳор ғамгинам;
Зи ханда меҳаросам,
Зи ишқ мегурезам,
Гул намекорам,
Гул намечинам.

На зиндагист ҷовидона,
на марг,
Чаҳор фасли умр
чаҳор китобест,
Бо чаҳор саҳифаи асрор.
Баҳору хазон -
хазону баҳор,
Ҳикмати тозае куҷост
андар ин баҳонаи такрор?!

Валек туйи қосиди баҳори дер расида,
Барои мани мурдаҷони ишқу ҳавас,
Оташи зинда бубахш
аз шарораи ҷавонии худ.
Ту барфи гесувони маро
тунд биафшон,
Ба гулситони сабзи нози зиндагонии худ.

Агарчи ишқи ту
дар суоли ҳайрати ман
ҷавоб надорад,
Ҳамин бас аст,
ки дар фасли панҷуми умри ман
шукуфтаӣ.
Ҳамин бас аст,
ки дар фиғони хуни ман
суруди носурудаӣ.
Ҳамин бас аст,
ки дар китоби беҳтарини нонавиштаам,
Ту шеъри беҳтарину нонавиштаӣ!
*Москва.*
*1996*

## КОРЗОР

Ҷабҳаи тафсида,
Ҷавҳари исмати ваҳшатзадаро мехоҳад,
Осмон меразмад
бо пари коҳе.
Масти мастон
зи тарабхонаи худ механдад,
Ба аламкоҳе.
Як ҷаҳон мерақсад,
Дар сари мурдаи бегӯри ватанхоҳе.
Як Ватан меҷангад
Бо зани аз қафаси бенафасӣ огоҳе.
*Теҳрон.*
*1996*

**ДАР НАФАСИ ШИТОБ...**

Ноз гузашт, адо гузашт,
ид гузашт, азо гузашт.
Эй ҳаваси ситорагир,
кибр зи кибриё гузашт.
***
Ишқ назарфиреби ту
ҷилвагари сароб рафт.
Оҳ гувоҳи лаҳза буд,
дар нафаси шитоб рафт.
***
Шайтанату фанат чӣ буд,
шефтани манат чӣ буд?
Миннати диданат чӣ буд,
н-омада рафтанат чӣ буд?!
***
Сеҳри ту соҳирам накард,
меҳри ту моҳирам накард,
Ишқи ту бе китоб рафт,
ишқи ту шоирам накард.
***
Субҳи дамидаат будам,
шеди надидаат будам.
Кӯри мано,асои ту,
дидаи дидаат будам.
***
Ёди висоли сода монд,
бод хумори бода монд.
Аз дили ту то дили ман,
сад дари ногушода монд.
***
Хон намонд, хона монд,
мурғ парид, дона монд.
Исмати орифона рафт,
қисмати осиёна монд.
***
Макр гузашт,
Риё гузашт,
Дард гузашт,
Даво гузашт.
То ба худ омадам зи ту,
ишқи худонамо гузашт.

*Бишкек.*
*1995*

**ОЛАМИ РОЗ**

Ман аз он дар муҳити мурдапарвар
зиндагиро зинда медорам,
Ки андар дидаи зулмат
Шарори ҷовидони ишқро
рахшанда хоҳам дид.
Ман аз он алвидои турнаҳоро
Чун дуруди бозбаргашти парастуҳо

муборакбод мегӯям,
Ки аз озаргаҳи озар
гули наврӯз хоҳам чид.

Ман аз он бо сукути сангии худ
олами розам,
Ман аз он бо фиғони лолии худ
авҷи овозам,
Ман аз он бо замони заншикан
гирёни хандон қуръа мебозам,
Ки баъди як нафас,
як лаҳза,
ё як қарн,
марди орзуи ман,
Ба дори гардани ту оқибат худро биовезам!

*Москва.*
*1995*

**БЕВАТАН**

Най мекашад фироқ дар устухони ман.
Бӯйи Ватан кунад, дуди фиғони ман.
***
Хуршед мурдааст аз хашми зиндагӣ,
Зардоб мечакад аз чашми зиндагӣ.
***
Ҳар рӯзи беватан аз марг миннат аст.
Тамкини бандагӣ, таҳқири тоқат аст.
***
Чун шаҳру деҳи ту садпораам, Ватан.
Бечораӣ, Ватан, бечораам, Ватан!
***
Шармандаам, Ватан аз ишқи фониям.
Аз безабониям, аз нотавониям.
***
Шеъри чаман куҷост,
сеҳри сухан куҷост,
Бесоҳибам Ватан,
соҳибватан куҷост?!
***
Эй абр гиря кун бар ҳоли зори ман.
К-аз дард бишкуфад санги мазори ман.
***
То ҳаҷр гул кунад
дар боғи беватан,
Аз оҳи беватан,
аз доғи беватан.
*Лондон.*

*1995*

**ҚИССАИ НОГУФТА**

*( Ёде аз ҷавонмарди ҷавонмарг*
*Саидмуроди Ёриён )*

***Туро бо тиру бо тазвир куштанд,***
***Маро бо тоқати таҳқир куштанд!..***

Ӯ яке буду ҳама,
Ӯ ҳама буду яке,
Бомдоди назараш
дошт дар зулмати шаб
аз шафақи нур навид.
Қиссае дошт ба лаб -
қиссаи ногуфта,
Аз сиёҳии шабу покии ойинаи шед.

Ӯ ба рӯйи худу дилбохтагон
гар дареро бикушуд,
Дари афсонаи гулгунаш буд.
Лолае чид агар
аз чамани ҳастии серӯзаи худ,
Лолаи хунаш буд...

Ӯ ҳама буду яке,
Ӯ яке буду ҳама,
Ғармаше буд,
ки хушранг шукуфт,
Дар кавири назари беранггон.
Ораше буд,
ки тираш нарасид,
Ба дили тираи беаврангон.

Оташе буд, ки як шӯъла шукуфт,
То ба маънии сиёҳии ҳақирон бирасад.
Ошиқе буд, ки рафт,
Зи раҳи ҷонбозӣ
то ба ҷонон бирасад.
*Теҳрон.*
*1995*

**БЕХОБӢ**

Осмон хобида бедор аст
андар пинаки пириву барҷомондагӣ,
Моҳ дарди ҳамл дорад,
Дарди зебои камоли кам шудан,
Афзудану афсурдану мурдан,
Фарш мехорад
кафи пои хаёли хастаи ҷовид буданро,
Арш пинак меравад
дар лаҳзаҳои шонаҳои ман.

Моҳ дарди ҳамл дорад,
Дар баҳои заҳмати худкуштану худсохтан
Мекунад худро зи худ озод.
Оввах, имшаб низ чун фардошабу дишаб,
Ҳури бехобии ман иблис хоҳад зод.

*Москва.*
*1995*

## ОШИҚОНА

Ба ту аз кафтари белонаву бедона дуруд,
Ба ту аз даҳшати танҳоии ҷонона дуруд,
Ба ту аз бӯйи хуши рақси гули ёс паём,
Ба ту аз ҳавсалаи ишқи ғарибона дуруд,
Ба ту аз марги ғурури фару фарзона дуруд:
Пеш аз ту ба дилу ҷони ту ошиқ будам,
Ба гулафзои гулафшони ту ошиқ будам!

Гар ба худ омадаам аз ғаму дарди дигарон,
Зиндадори шарари шодии дидори туам.
Эй ки аз зулмати шаб мисли саҳар омадаӣ,
Дар дили абри ситабр ахтари бедори туам.
Шоири дарди ту,
хунёгари озори туам:
Ба гули ханда, ба эъҷози нигоҳи ту, дуруд,
Ба вуболу ба савобу ба гуноҳи ту, дуруд!

Пеш аз ту ба ҷаҳон омаданам маънӣ дошт,
Ман ба сад маънии ҳиҷрони ту ошиқ будам.
Гар баройи мани озода ҷаҳон зиндон буд,
Ман ба озодии зиндони ту ошиқ будам,
Ман ба афсонаи чашмони ту ошиқ будам:
Чашм накшода ба чашмони ту ошиқ будам,
Пеш аз ту ба Хуросони ту ошиқ будам!

*Москва.*
*1995*

## ФИРОҚ

*Марсия*
*дар сари тобути оҳангсоз Шодмони Пӯлодӣ.*

Ватан, шевотарин, маҳзунтарин
афсонаи ишқи ғарибона,
Чароғи равшанат хомӯш шуд,
дар зулмати шабҳои бегона.
“Фироқ”-и* вопасини хешро бигриста
бо оҳи ҷонкоҳе,
Ватандоре,
ватанхоҳе,
Барои чор девори аламхона.

Ватан, аз ҳаст будан бе ту
ҳастии аҷал некуст,
Ватан, волотарин, рӯъётарин
армони фарзандони сарсонат,
Таманнои ҳазини орамидан
дар дили хоки баланди туст.
Ватан, бар хокбӯсии ту баргардем
аз ҳар гӯшаи дунё,
Замоне ки рақиби нотавон
аз ҷисми сарду рӯҳи бехованди мо
душман нахоҳад ҷуст...

Ватан, эй шаҳпари парвоз,
эй анҷом, эй оғоз,
Уқоби меҳромӯзи туро
бишкаст боли зиндагӣ,
Аз ҳаҷри ёри хеш,
Дур аз кӯҳсори хеш
андар вусъати парвоз.

Диёро, ҷодаҳои даҳр, алҳақ,
аввалу анҷоми як роҳанд,
Раҳ сӯйи диёри хеш,
раҳ сӯйи мазори хеш.
Ҳама сӯйи ту раҳ гирем,
эй гаҳвораву тобути меросӣ,
Ба дӯши хаста
ҷисми нотавони нангу ори хеш...

Ҳама сӯйи ту раҳ гирем,
Яке гирён,
дигар хандон.
Яке бо по,
дигар бо сар.
Яке ганҷинадори бештар аз пештар
холиву бемантиқ,
Дигар Синои дарди миллату дармондаи ин дарди бедармон.

Ҳама сӯйи ту раҳ гирем,
Бузургоне,
ки дар гардуни ирфонат нагунҷиданд,
Ҳақироне,
ки хуршеди туро
дар бомдоди софи эҳёят,
Ба сони рӯзгори бечароғи худ сияҳ диданд.
Арӯсоне,
ки бе боғи муроди ту
хазон гаштанд,
Ва тифлоне,
ки дар оғӯши эҳсонат
нагунҷиданд...

Ҳама сӯйи ту раҳ гирем хоки поки аҷдодӣ,
Ки амни ҷовидон ёбем
андар қалби маҷрӯҳат.
Ки аз таҳқиру аз тазвири хешу кеш осоем
андар синаи бекинаи кӯҳат.
Ки андар ҷунбиши гаҳвораву тобути худ
эҳсос бинмоем,
Вуҷуди қудсиятро-
қудси ишқатро,
Ки беҷон маъзарат хоҳем,ҷоно,
аз тани захмину аз рӯҳи пурандӯҳат...

Ватан, эй аввалину охирин уммеди навмедон,
Умеди охирин уммеди дидор аст!
Барои зиндаи мо
ҷо нашуд гар дар гулистонат,
Барои мурдаи мо
дар мазорат ҷой бисёр аст,
Ватан!

-----------------------------------------------
** "Фироқ". (Насталҷи) Охирин оҳанги эҷодкардаи Ш.Пӯлодӣ дар ғурбат.*
*Москва.*
*1995*

**БЕНИШОНӢ**

Тамом шуд зиндагӣ,
зиндагии зиндагӣ тамом шуд,
Дареғи таронаҳои носурудаи ишқ,
ки дар шарораи хунам
Мӯъҷизаи сухан тамом шуд.
Нигоҳи гулфишони баҳор
Сӯйи ошёнаи танҳоии ман
мазоҳи гулкорист.
Насим оҳ мекашад
зи хокбозии бод,
Сурури рақси шаҳпараки дидагони гулчинам,
Ба саҳнаи биҳиштии чаман тамом шуд.

Парандаҳои бевафо
зи гулшани балорасидаи ман
Чу баргҳои хазон гурехтанд,
Фиғони ҷуғзи дареғ,
зи гӯшаи боми таманно
Пармаам намекунад дигар.
Ба марзи бистари танҳоии хеш
ашк надорам, ки бикорам,
Ба меҳри дӯстони нонии худ,
Ба бозии намир, намири зиндагонии худ
намекунам бовар.
Зи пайкари карахти хеш низ напурсам,
ки шарми бенишонӣ чист.
Ба тарҳи шабаҳе,
ки меравад
бе ману бо ман
низ суол надорам,
Ки ин мурдаи сари по,
Ин ғариби бемутакко,
Ин ҷанозаи бесоҳиб
Сояи хорузори кист,
Интизори кист.

Ва низ зи ёре, ки буду набуд,
посухе намехоҳам,
Ки ин будаи набуда,
Ки ин алангаву дуда,
Ғамгусори кист,
Дар канори кист.

Тамом шуд зиндагӣ,
зиндагии зиндагӣ тамом шуд,
Ба ҳар даре, ки мӯҳр занад
мушти номуродиям,
Акси садош бесадоӣ аст.
Зи хуни мурда нахезад шарораи эҳё,
Ва ҳар нафас,
ки медамад аз қафаси дам,
Оҳи бенавоӣ аст,

рӯзии худойӣ аст.
Тамом шуд зиндагӣ,
зиндагии зиндагӣ тамом шуд,
Ҳазор боғи нигоҳ
дар чамани сӯхтаи ишқ сабз шавад,
Дар дилам хазонрез аст.
Касе зи ҳузни ману ҳусни пажмуридаи гул
хубтар намедонад,
Ки нафири булбули пир
зи шохаи пажмуридаи садбарг
Чаро ҷигарсӯз аст,
чаро ғамангез аст.

Тамом шуд зиндагӣ,
зиндагии зиндагӣ тамом шуд,
Дигар таронаи ҳаваси гулкор,
Зи мижаи зарди ёсу неши сурхи гули хор
Бегуноҳу бепаноҳ намехандад
сӯйи шоири зиндадори баҳор...

Зи охирин шарораи нафас ҳамебояд
Дар мазори ишқ
гулхани худфурӯзӣ афрӯзам.
Китобҳои хешро,
ки номаҳои беҷавоби як насланд,
Ба номи гузашта аз фардо,
сӯзаму сӯзам,
То вопасин таронаи ишқ
шӯъла занад,
пар бикашад
Аз забонаи оташу дуд.
Фиғони ман ба гӯши мурдагон намерасад,
Ба зиндагӣ бигӯ,
ки зиндагӣ тамом шуд!
*Москва.*
*1995*

## ТУ ЧУН ТАРОНА ОМАДӢ…

Ту чун тарона омадӣ,
Зи авҷи гиряҳои бесадои ман.
Ту дар ҷаҳони бекасии бо ҳама,
Сариву сарварӣ барои ман.

Ту аз фасона омадӣ,
Сафири сабзбахту сабзорзу.
Ба базми умри рафта
аз сабӯйи ҳузн,
Шароби ҳаҷр мекашам барои ту.

Ту чун шафақ шукуфтаӣ,
Ба рағми вопасин дурахши хастаи ғуруб.
Ту шаҳпари Ҳумойро намудаӣ,
Ба паршикастаи ғуруб.

Ту омадӣ,
чу пайки интизор
аз диёри сабз,
Ту омадӣ,

чу мужда,
чун башорати шарори сабз.
Ту омадӣ,
зи накҳати ниҳони ғунчаҳо,
Насими атрбори сабз.

Ту омадиву зиндагии зиндадори марг,
Аз набуда будан ор кард.
Ту омадиву боғбони фасли сард
Аз чаман фирор кард.

Ту омадиву шоҳу шаҳнаи фараҳ,
Харобазори қисмати маро суроғ кард.
Зи офтоби дидаи ту
барфи қисмати ман об шуд,
Нигоҳи сабзи ту,
сафири сабзбахту сабзорзу,
Дили хазонрасидаи маро
баҳори боғ кард.
*Москва.*
*1995*

**ЗИ ДУРИИ ЯК ҚАРН…**

Эй ёр,
эй хумори шароби нашаста дар раги ангур,
Эй ёр,
эй ситораи дар осмони қисмати ман
саднишонаву мастур,
Зи дурии як қарн,
Зи фосилаи як умр,
Ба чашмҳои хастаи ман бинигар,
бикун бовар,
Ки то ҳанӯз ёри туам.
Ки бо расидани ҳар баҳори шукуфазор
интизори туам.
Ки бо шукуфтани ҳар ҷавонаи себ
шаҳпараки хумори туам.
Агарчи ҳарзакашон
маро ба ними башар никоҳ кардаанд,
Валек ҳамканори сарди ҷудоӣ,
дар канори гарми хаёл,
Ҳанӯз дар канори туам.

Мане, ки пештар зи Одаму Ҳавво,
Аз биҳишти бегунаҳӣ
фирор бинмудам,
Аз он ки то ба кӯйи ту нарасидам,
Гунаҳшумори худам,
савобдори туам.
Чу дар замини зиёву риё
як нишонаи ту пайдо нест,
Дар осмони сиёҳи фироқ
ситоракори туам.

Ҳанӯз ёри туам!

*Москва.*
*1995*

**ФАРИШТАВУ ШАЙТОН**

Зи ишқ қарздорам,
Қарздорам зи ишқ
бо ҳазор маъниву матлаб.
Баҳори умр хазон шуд
шукуфаи ишқ дар таби лаб.
Зи барги хушки хотираҳо
гулхани ҳарза боядам афрӯхт,
Дар дили сиёҳии шаб.

Зи ишқ қарздорам,
Қарздорам зи ишқ
обрӯйи бадномӣ.
Агарчи бо ҳазор шева гиристам
зи дарди бедавои ишқ,
Валек, кабӯтари рамидаи дилро,
Набуд лонаву дона
ба гӯшаи боме,
ба ҳалқаву доме.

Зи ишқ қарздорам,
Қарздорам зи ишқ
поксӯзии оташ,
худфурӯзии хуршед.
Ба қалби сарду холии хеш
шодиёна мехоҳам,
Ишқ!
Танҳо ишқ!
Оре, ишқ! -
Зи миннати иблис,
зи ҳиммати эзид.

Зи ишқ қарздорам,
Қарздорам зи ишқ
умри ҷовидонии як дам.
Ки бе фасонаи ишқ
шеъри ман ҳарза-ҳазёнаст,
Ки бе нишонаи ишқ
як нишони хешро намеёбам
дар ҳама олам.

Зи ишқ қарздорам,
Қарздорам зи ишқ
дарди бедармон.
Ки бе бashорати хуни ишқ нашносам,
Ғуруб аз шафақу фаришта аз шайтон.
*Порис.*
*1995*

**СЕЛБОРОН**

Роҳи ту
дар оҳи ман печиду бигсаст,
Ту маро дигар нахоҳӣ дид!
Мекашад оне, ки сӯйи ошёни сарду холӣ

миннати бори пару боли шикаста,
Бо нигоҳи ранги эҳсосаш дигар ,
Рақси шоди гулпаракҳоро нахоҳад чид.

Ман туро дигар нахоҳам чуст
аз хоби шабон
чун орзуи саҳли бедорӣ,
Нақши зебои туро
дигар нахоҳам ёфт
аз парвози нозу соҳири қуе.
Бо хаёли ту набитвонам дигар
Партави бозигари хуршедро
тифлона бӯсидан,
Ман нахоҳам ёфт марвориди ашкамро
Зи чашми шабнаме,
дар барги қоқуе.

Роҳи ту
дар оҳи ман печиду бигсаст,
Шоми тӯфонист,
селборон аст,
Бишканад ойинаи покии чашми чашмасорон.
Аз дили ту
то дили ман
Сад дари накшода гирён аст,
Дар таги амвоҷи бемачрову тунди селборон.
*Москва.*
*1995*

**ДАР МАЗОРИ ИШҚ**

Баҳор гузашт,
гузашт баҳори оташу хун,
Қабои арғавонии чаманро
сиришки найсон шуст.
Ҳазор санги низову риё
бар сари ифтихори ман бишкаст,
То ба қавми бениёз бинмоям,
Ки гулафшонии умри фониро,
аз баҳори диёр хоҳам чуст.

Баҳор гузашт!
Гузашт баҳоре,
ки самуми фоҷиа
рангу борашро
Рабуда аз гили чамани дили анҷумани ошиқ.
Ба пушти пуштаҳо
мунтазири гӯркоби бегона
сукут меварзанд,
Чу тахти вожгунаи Сомониён,
тобут-гоҳвораи ошиқон,
Дареғи дар Ватани ишқ
ишқи тирхӯрдаи беватани ошиқ!

Баҳор гузашт!
Чу зиндагӣ ҳанӯз зинда асту меҳр мехоҳад,

Гули хазонрасидаи ишқи хешро бояст,
Зи шӯразори дареғ
суроғ кунам.
Ва бори ҳазор,
мани зиндадори баҳор,
Зи охирин қаламчаи гули хор,
дар мазори ишқ боғ кунам!

Баҳор гузашт!
Умри серӯзаи ёси хумор гузашт,
Фасли панҷуми Гули интизор гузашт!
***Москва.***
***1995***

**САБЗОРЗУ**

Хуш омадӣ, биё, эй меҳмони сабз,
Тақдир бо сафои ту,
эй меҳрбони сабз,
Дар дафтари хатои худ
таҳрир карданист,
Шеъри хазоннавиштаи танҳоии маро,
бо килки бехазони сабз.

Эй меҳр, марҳабо,
бар ошиёни бекасии ман,
Эй бехабар зи достони бекасии ман,
З-оҳанги лобаёни бекасии ман,
Аз ҳузни ғамбаёни бекасии ман.

Бошад, ки шеди чашми ту,
эй қосиди зиё,
Субҳи маро
зи маҳбаси зулмат раҳо кунад,
Дунёи бемуҳаббату танҳоии маро,
Равшан кунад,
гулшан кунад,
пур аз сафо кунад.
Бошад, ки рӯҳи исият,
эй ворисি абад,
Ҷони супурдаро
эҳё кунад,
василаи нуру зиё кунад.
*Люксембург.*
*1995*

**ИФТИХОРИ БЕДАРДӢ**

Дигар чароғи дидаву дилро
Аз барои ҳеч кӯру бедарде,
дар нахоҳам дод,
Дар дами бод.
Дигар аз барои ҳеч ноҷавонмарде,
Зи шонаи шони занона,
сипар нахоҳам дод.
Дигар аз барои ҳеч расанда,
Зи ҳузни бегуноҳии гуноҳ

Дар замини рухсорам
гул нахоҳам кошт.
Дигар аз баройи ҳеч раванда
дар мазори ёд,
Шамъи гиря дар нахоҳам дод.

Дигар аз барои чакомаҳои носурудаи ман,
Дар китоби ишқ
чанд нуқтае кофист.
Дигар ҳар он чӣ монда ба хотир
Зи дарди шоиронаи ишқ
ифтихори бедардист.
*Москва.*
*1995*

**ОҒОЗИ ЯК АНҶОМ**

Ишқи ту пайғоми дери осмонҳост,
Ишқи ту инъоми тақдир аст.
Қисмати садпораамро
ишқи ту,
Кӯшиши зебои кафшер аст.

Ишқи ту дар фасли сардии ҳавасҳо,
Хуни гарму тоза
андар шаҳраги ҷон аст.
Нури хуршед аст,
пайки умед аст,
Дарди бедардист,
шеъри бемаргист,
Нусхаи зебоии илҳоми яздон аст.

Ишқи ту тасдиқи яктоист,
яктоии эзиди муҳаббат.
Ишқи ту ранҷ асту осоиш,
Ишқи ту узр асту омурзиш,
Аз таманнои туву ҳастӣ,
бар муросои ману қисмат.

Бе ту як умри дарози сарду холӣ,
Будаму алҳақ, набудам,
Ташнаи дидори ту
бо мурғи ҳақ
шабзиндадори гиря будам,
Рафтанатро мегиристам,
омадатро месурудам.

Гуфта будам:
хомаамро дар сари гӯри ҳавасҳо,
Сабз хоҳам кард охир ,
к-андалебони ҳазину розпардозам
Зи шохи килки ҳамрозам
ба базми навҳа биншинанд,
Аз сиёҳии сиришки хомаам
Бенишонии маро ёбанд,
саднишонии туро бинанд.

Эй хушо, гулхандаи нози шафақ

андар ғуруби хастаи зулмат,
Эй хушо, сӯзу шарори ҳастии беҷони поиз.
Гулфишони чашми ту
фасли баҳори рафтаамро боз овард,
Дар хазонафшони поиз.

То кунун гар дар дили шабҳои ғамзо
Аз барои чор девори баландам
«Оҳнома» менавиштам,
Ман зи ишқи бахтомӯзи ту дигар
«Шоҳнома» қарздорам;
Номаи оғози як анҷом,
Номае бар аввалину охирин эъҷоз,
Номаи марги хазону зиндагонии баҳорам.
*Москва.*
*1995*

**РӮЪЁ**

Чӣ дер расидӣ,
чӣ зуд гузаштӣ,
Зи гузашта
ба оянда,
Зи оянда
ба гузашта.
Ғубори наъли аспи падрудат,
Ба гавҳараки дидагони ман
ҷовидона биншаста.

Ту ҳеҷиву ҳамагонӣ,
Ки буданат
интиҳои нестист,
Набуданат
ибтидои зулмату нур,
Зи накҳати бӯсаҳои ду мурғаки ошиқ,
Шукуфта шеъри нусхагири баҳор,
Дар таронаи раъд,
дар фасонаи нур.

Чӣ дер расидӣ,
чӣ зуд гузаштӣ!
Фиғони нарав, нарави набзи маро,
То ҳанӯз мурғи лонавайроне
Зи гӯшаи боме
ҳамекунад такрор.
Ҳанӯз хоби рӯъёии дидорат,
Маро зи хоби надиданат
ҳамекунад бедор.

Ҳанӯз дар навори сиёҳу сафеди хаёлам
Моҳтоби заъфаронии танҳо
Сӯйи мани бе ту
оҷизу хаста менигарад.
Ту гӯйӣ пиразани зи бозии шикан, шикани
фалак безор,
Ба кӯзаи шикастае
дилшикаста менигарад…

Шабони бе туву бечароғ,
Хаёли зиндагиву марг
дар дилу дидаам
Сиёҳу сурх мешукуфад
ба сони лолаи даштӣ.
Чӣ дер расидӣ,
чӣ зуд гузаштӣ!
*Москва.*
*1995*

**ШАҲРИ БЕФАРИШТА**

Эй хуни сард,
эй фазли пир,
эй хеши ғайрхоҳ,
Дар базми ҷаҳл
барраи қурбонии туям,
азбаски лоғарам,
Узри маро зи ҷони ғамосори ман бихоҳ.

Эй ёр, эй диёри ҷафокори сангдил,
Чун ошиқи ягонаат,
беобу донаат,
Раҳ мекашам
ба барзахи озодагони ишқ,
Аз нафрати муҳаббатат,
аз ҳабси хонаат.

Эй шаҳри бефаришта
ба шайтон супурдамат.
Эй қавми ғайрпарвари бо хеш дар набард,
Аз аждаҳо раҳонда
ба гургон супурдамат!

Эй боғи доғкишта
ба сад фасл алвидоъ,
Эй қавми ғамсиришта
ба сад насл алвидоъ,
Ман меравам..,
ба чустуҷӯйи сояи худо.
*Москва.*
*1995*

**РӮЙИ ЗУЛМАТ**

Рӯз шаб шуд,
шаб надорад рӯз,
Барраи қурбонии қурбониён
пайғамбаронанд,
Деги ҳирсу фитна меҷӯшад.
Шабпарастон
бомдодонро
Ба ҳукми довари зулмат супурданд,
Ҷаҳл хуни миллати хуршед менӯшад!

Эй Ватан, волотарин,
зеботарин ишқи мани фонӣ,
Марги Мансуронаамро кам мабин,
Дар баландии сари дорам бикуш!
Бо ту танҳо мондаам, дарди Ватан,
Дар мақоми худ сазоворам бикуш!
*Москва.*
*1995*

**ҚАРНИ БИСТ**

Ман ин ҷоме, ки менӯшам
Барои ҳеч кас
дар ошёни ғурбату ҳиҷрон,
Ба ҳар як қатраи талхаш
хумори лаззати захр аст.
Ва ин соле,
ки ҳамчун сайди захмин
метапад дар панҷаи торих хунолуд,
Шаҳиди охирини иззати Моро
Ягона шоҳиди даҳр аст.

Ва ин қарне,
ки вақти кандани ҷон
Бар мани сарсону гирён
менамояд панҷаи падруд,
Ҳамедонам, ҳамедонад,
ки қарни марги сад хуршед
Ки қарни марги сад насли ба хун оғуштаи тоҷик
ҳасту буд.
*Москва.*
*1999*

**ШЕВАНИ ЛОЛ**

Ончунон аз худ гусастам,
ки таноби танги шарёнам
Маро бо ман дигар пайванд натвон кард.
Ончунон аз хеш растам,
ки мадори дасти ларзони мадоро,
Шери беҷони дилам
дар банд натвон кард.

Он қадар дар шевани лолӣ тапидам,
Он қадар дар боли беҳолӣ шикастам,
ки садои бесадои пораҳоямро
Бишнавам аз қаҳ-қаҳи шайтон.
Он қадар аз ёд рафтам,
он қадар бар бод рафтам,
Ки наорад ҳеч ёде,
ҳеч боде,
ҳеч фарёде,
Оҳи андӯҳи ниҳонамро,
коҳи ҷонамро,
То мазори холии ман,
то кӯҳистон!
*Москва.*
*1994*

**ТОҶИКИСТОН СӮХТ!**

*« Оташ задем хешро бо дасти ошно…»*

Ишқ дар гулфишони ёрон сӯхт,
Ашк дар гавҳари ятимон сӯхт,
Тифл дар батни наварӯсон сӯхт,
Дард дар муддаои дармон сӯхт.

Сӯхт бунёди мулки шоҳона,
Монд аз тоҷу тахт афсона,
Сӯхт осори фазлу фарзона,
Монд озори масту девона…

Нур дар зулмати шабистон сӯхт,
Тоҷикистон сӯхт,
яздон,Тоҷикистон сӯхт!
*Москва.*
*1994*

**ҶОМИ БУЛӮР**

Қисматамро чун насиба,
чун ҷазо,
чун ҷоиза,
Мебарам бар шонаи шони занона,
ошиқона.
Раҳнамоям
зиндагии зиндадори ишқ,
Ҳамсадоям
орзуҳои ятими хун гириста дар фасона.

Хешро монандаи ҷоми булӯрин
рӯйи каф бардошта,
Мебарам тарсону ларзон,
Мебарам гирёну хандон,
Дур аз чашми ҳасудон,
Дуртар аз хашму тазвири замона.

Ман агар нашкастаам
аз тирборони аёни кинаҳо,
Ман агар вайронаободам
зи тӯфони ҳаводис,
То кунун гар шевани сӯзи нигоҳеро,
Дар фиғони хуни сармобураи худ
мекунам ҳис,
Ман агар аз зулмати шабҳои даҳшат,
ҷойи ваҳшат,
Дар нигоҳам
шеди шеъри равшанӣ дорам,
Ман агар аз дудгоҳи абри тира,
Шомхӯрда ахтаронро
нури чашми диданӣ дорам,
Ман агар аз вартаи макру риё,
Бар ҳафт пушти хасми фардо,

Номаи бахшиданӣ дорам,

Бо умеде метапад набзи тоқат
Дар раги исёну лолии фиғонам.
Бо умеде сози ҳастӣ
зинда аст
дар рози ҳастӣ,
Дар лаби хомӯшу нойи устухонам,

Ман барои зиндагонии шараф
Дар коми аждар
зинда будан метавонам.
Мурдаи бесоҳибамро сар таги каш,
То мазори сарбадорони сарафшон -Тоҷикистон,
Зинда бурдан метавонам!
*Москва.*
*1994*

**НАҚШ ДАР САНГ**

Ман ба нохӯн меканам
аз лавҳи хотир
хотири хотираҳоямро
То шаби бехобиву танҳоӣ
ҷонамро наозоранд.
Ҷоҳилони хузни рӯҳи хастаам,
Қотилони қудрати бишкастаам,
Мушти беҷони маро на,
Офати гардуни гардонро сазоваранд.
***
Вой, аз дирӯзи ман,
ки фиғони монда
андар ҳалқи фардост,
Оҳ аз имрӯзи ман,
ки садои бесадоии ҳавасҳост.
Он қадар бигристам
шабҳои танҳоӣ
ба дӯши иззати худ,
Он қадар нолидаам
аз бегуноҳии гуноҳ
андар паноҳи сояи худ,
Ки барои зиста-нозистан
аз дами дам узр бояд хост.
***
Шуғли ман умедворист!
Орзуманди дурахши шеди фардо,
Ҳар шаб аз гардуни гардон,
ҷойи ахтар
Чашми ваҳшат-
чашми қотил мешуморам.
Ман аз ин чашмони мурда,
Ман аз ин ишкофҳои лонаи занбӯр,
нуру озар хостгорам.
Аз бари токе, ки печидаст
чун андӯҳи модарҳои гирён,
Бар тани хушкидаи беди сари гӯри шаҳидон,
Аз барои бегуноҳон,
Аз барои бепаноҳон,

Аз барои ташнамирон,
Қатра-қатра,
шиша - шиша,
кӯза – кӯза
ашк дорам.
***
Ман ба дандон меканам
дандонаҳои тоқати таҳқирро
Аз зарраҳои хуни оташбори худ,
Ки шаби бехобиву танҳоӣ
ҷонамро наозоранд.
Турнаҳои рафта
бояд аз диёри ғайр,
Накҳати наврӯзи сармобурдаамро,
Дар фиғони хеш боз оранд.
Ман ба нохӯн меканам
аз лавҳи хотир
хотири хотираҳоямро
Ки маро
бо деву дад
дар як сафу як варта нагзоранд.
***Москва.***
***1994***

**ҶАНГАЛИ ТАЗВИР**

Шаҳчароғи раҳнамои шабравонро,
Деви зулмат аз қазо бенур карда.
Як ҷаҳон,
як насли оташзодро шаб,
Дар дили сарду сиёҳаш гӯр карда.
***
Номдорони Ватан
бадноми бадкешу ғуломанд,
Шермардони ғурур
чун шери нар
дар ҷангали тазвир,
Андар ҳалқаи иззаткуши доманд.
***
Ман дигар ҳар субҳгоҳон
дар ҳисори номуродӣ,
Чашми хоболудаи хуршедро
Дидаи дидан надорам.
Бо дили маҷрӯҳу хаста,
Бо пару боли шикаста,
Бо умеди мурда,
бо дасти таги санг,
Ман дигар бо зиндаҳои бардаёру зиндагихор,
Дар мазори нангу орам
Санъати рақсидану мурдан надорам!
*Москва.*
*1994*

**НАВРӮЗИ ХАЁЛӢ**

Чӣ наврӯзе, ки рӯзаш зулматорост,
Сиёҳӣ сурмаи чашми таманност.

Ба хони ҳафтсину ҳафтшинаш,
Мадоро меваи сабру тасаллост.

***

Чӣ наврӯзе, ки гулшан меҳаросад,
Зи рақси ҳафтранги шаҳпаракҳо.
Чӣ наврӯзе, ки нози гул надорад,
Насимаш бар арӯсакҳои танҳо?!

***

Зи мо бурданд кӯрон рӯзи моро,
Гулафшони чаманафрӯзи моро,
Зи меҳри дӯстон доро набудем,
Рабуданд охирин дилсӯзи моро.

***

Кунад эҷод ашки ҳасрату ёд,
Ба ҳар ойина наврӯзи хаёлӣ.
Дарахтони Душанбе гул бикоранд,
Ба домони хиёбонҳои холӣ?!

*Москва.*
*1994*

## АТТОР

*Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,*
*Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем .*

**Мавлоно**

Мо асири қолабу қоби худем,
Зулмати бедори шабтоби худем,
Саргарони масту сартоби худем,
Мо шарори мурдаи тафси худем.

Ошиқи афсонаи буду набуд,
Номҷӯйи худнамоии намуд,
Бенасиб аз ҳусни яктои вуҷуд,
Раҳнамои сояи ғафси худем.

Оламе сад оламеро ёр гашт,
Ахтаре бар чашми шаб анвор гашт,
Ҳафт кӯҳи рӯҳро Аттор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами нафси худем.

*Москва.*
*1994*

## СИЛСИЛА

Падарам низ гузашт,
зи раҳи бознагашти падараш.
Падарам низ тиҳидаст сафар кард, сафар,
Ба мазори падараш,
сари дӯши писараш.

Падарам низ намонд,
Чашмае хушк шуду ташнагии марг,
дареғо, нашикаст.
Андар ин бодияи зуд раву ҳеч маё,
Баъди марги падарам,
падари ман хирад аст.

*Москва.*
*1994*

**ЧАҲОРЗАРБ**

Чашми ин таҳхона кӯр аст,
Ҳамчу чашми шабпарастон.
Ин шаб аз шабҳои гӯр аст,
Аз барои зиндадаргӯрони хашми шабпарастон.
***
Бояд аз ин чоҳ
ҳамчун моҳ
аз абри сиёҳ
охир намоён шуд.
Бояд аз ин гиряи тарканда дар банди гулӯ,
вораста
Дар ҳузни гиреҳи ғунчаи бобуна
пинҳон шуд...
***
Қисмати дар ашки худ ғарқидан
Андар оҳи худ таркидан,
аз сӯзи алам мурдан,
Дар ин дунёи вайрона
бароям нест бегона.
Вале на дар ҳузури мири мушон,
На ба базми дастомӯзони шайтон,
На ба диди гушнаи меҳанфурӯшон, на!
***
Ман аз марги муроди зиндагонӣ
Сад китоби ҳасрати ногуфта дорам.
Ба пойи ишқ
сад наврӯзи гулрези таманно,
Ҳазорон роз
андар қалби худ
бинхуфта дорам...
***
Ворисони зулмати шаб,
Эй ба гӯри нангу ори ғӯрамаргон базморо,
Мурдаоб андар раги номӯс
Ҷойи дил
дар сина кина,
санги хоро.
Фарз кардам,
баъди сад қарни азоби бегуноҳӣ,
Ваҳшати аъмоли хунини шуморо
юсуфона метавон бахшид.
Фарз кардам,
баъди сад қарни асириву ҳақирӣ,
Тоҷи номуси каёнро
Аз таги пойи шумо бардошта
афшондаву бар сар ниҳода,
Душмани нуру сафоро
тоҷикона метавон бахшид.

Фарз кардам,
дар замини хотири хоҳиш,
Баъди се сад соли оҳу нолаву нолиш,
Баъди шашсад қарни омурзиш,
Донаи кини шуморо
дар замини хотира
ман нахоҳам кишт.
Фарз кардам,

достони “ Тоқати таҳқир”- ро
дар санг на,
Андар кафи барги хазон
бо ашки шабнам
бенишон хоҳам навишт...

Лек то рӯзи қиёмат,
то қиёми ростӣ
бар ваҳшату макру риё,
Дар тапиданҳои набзи хаста,
андар рӯҳи захмин,
Дар фиғони ҷон,
дар салои хун,
Маҳшари ҷаҳли шуморо
ёд хоҳам дошт!
Хорузории Ватанро,
Мурдаҳои бекафанро,
Гӯркобии занонро,
Тифлакони мурдабонро
Ёд хоҳам дошт, алҳақ,
ёд хоҳам дошт!
*Москва.*
*1994*

**ХУРШЕДИ ГИРЁН**

Қатли ман
ҳар субҳидам
Бо омади хуршеди гирён
мешавад оғоз,
Дар замини бенасиб
аз ишқи нуру рӯшанойӣ.
Дар диёре, ки ба хашму ҷаҳл пайвастанд,
Фозилону оқилонаш
бо умеди луқмаи оши худойӣ.

Қатли ман,
ҳар шом
вақти рафтани хуршед
Бо марги ғуруби ғарқа дар хун
қатъ хоҳад шуд,
Дар замине, ки зи рӯяш
доғи хуни ошиқонро
Ашки шабнам пок мешӯяд.
Дар макone, ки зи марги миллати сарсону гирён,
Сангу хокаш бо забони безабонӣ
ҷовидон марсия мегӯяд.

Чашми рӯҳам
аз самои ин шаби ялдои ялдо
Ахтари тобон нахоҳад ёфт.
Қатли ман, дардо,
дар ин қарни гуноҳ
поён нахоҳад ёфт!
*Москва.*
*1994*

**БЕМАНТИҚ**

Дуруд ба ибтидои рӯзгори бемантиқ,
Дуруд ба интиҳои ҷонсупори бемақсуд.
Дуруд ба шӯъбадабозони ҷавони олами пир,
Дуруд ба исёни мурда
дар бачадони ҳарос,
Дуруд ба мурдаҳои раҳида
аз аҷали таҳқир,
Ба чорагарони бечораву мулзам,
Ба захмҳои бемарҳам,
Ба анҷуманҳои девдори холӣ аз одам, дуруд!

Дуруд ба мани намурда,
Дуруд ба туйи сар наспурда,
Дуруд ба мани бе ту,
Дуруд ба туйи бе ман,
Дуруд ба мани бе мо,
Дуруд ба зиндагии бефардо.
Дуруд ба марг,
ба модари зиндагонии мо!
*Чолпон – Ота*
*1993*

## ТОРИКИСТОН

Тоҷикистон торикистон асту ман шабкӯр,
Пеши поямро намебинам.
Тоҷикистон тоҷиристон асту ман муфлис,
Ҷоҳу ҷоямро намебинам.
Тоҷикистон чархаи чарх асту ман саргум,
Сарфароямро  намебинам.
Тоҷикистон вартаи марг асту ман бероҳ,
Раҳнамоямро намебинам.
Тоҷикистон маҳбас асту ҳақсаро маҳбус,
Даркушоямро намебинам.
*Чолпон- Ота.*

## МОДАРИ МИЛЛАТ

*« Модари Миллат ҳанӯз зиндааст?!..»*
*( Суоли ҷоҳил  ба қотил )*

Зиндаам ман, зиндаам,
Бештар аз пештар сабзу ҷавону ошиқам.
Гарчи дорам захми теша
дар равони решаам,
Зиндадори ишқи меҳан
Гулшане дар хор,
хоре дар гулшан,
Гулпарасту дилпарасту  ҷонфишону ошиқам.
***
Зиндаам ман, зиндаам,
Он ки аз тири фалахмони замон
бишкастанист,
на манам.
Он ки аз чанги риёву  макру фанн
норастанист,
*** на манам.

Мо ба пеши дидаи яздону кайҳон,
Қалби сӯзон дар кафи ларзон,
Карбалои ишқро тай кардаем,
бо салои ишқи меҳан.
Рӯйи маргу зиндагиро дидаем,
рӯйи буданро -
дар набудан...

***

Эй ки як насли зиёро
дар мазори макру фитна гӯр кардед,
Дар хазони ғурамаргон
Ҳастии бенури худро
мешиносед?
Эй ки бо симу зари дуздида аз ҷайби падарҳо,
худнамоед,
Дар нигоҳи ҳақнамои кӯдакони бепадар,
Сурати манфури худро
мешиносед?!

***

Коргардонони базми фитна,
рақси хунини шумо
Дар саҳнаи қатли ҳунар
ҳамрадифи ҷонканист.
Он ки аз дидори қудсии Ватан
дур асту ранҷур,
Дар набарди зулмату нур,
Беҳтарин ҷоизаи хуршедро
аз қавми зулмат бурданист.

***

Зиндаам ман, зиндаам,
Аз раги номуси як насли ҷавонмарг
ноқили нафрат кашидам
То ба шарёни ғурури наслҳои дур.
Рӯҳии қудсии ватандорони маҳруми Ватанро,
Пештар аз довари торих бинмудам сафед,
бо ҷилои нури хуршеди ҳақиқат,
Бо салои « Ман ҳақ!»-и Мансур.*

***

Зиндаам ман, зиндаам!
З- он ки ҳамқарни шумоям,
З-он ки ҳамқавми шумоям,
Шармсорам аз сахои зиндагонӣ.
Дар баҳои шодии як тифли гирён
Ман шуморо мефурӯшам,
Мехарам аз марг ҷони зиндагонӣ.

***

Зиндаам ман, зиндаам,
То ба ҷойи решасӯзон,
То ба ҷойи худфурӯшон,
Тавба созам орифона пеши яздон.
Зиндаам ман, зиндаам!
Ман ба дасти гулпарасти зиндагӣ
гӯри аҷалро кандаам,
Лек бегӯр асту урён,
Мурдаи бесоҳибу наҳси шумо,
меҳанфурӯшон!

*Душанбе. Москва.*
*1993- 1996*

---

**** Мансури Ҳаллоҷ. Ҳусайн бини Мансури Ҳаллоҷи Байзовӣ. ( 858-922)***
***Шоир ва орифи маъруф, ки шиори « Аналҳақ!»-аш ( Ман ҳақам! Ман ҳақиқатам!) сарашро ба дор дод.***

## АШКИ ТӮФОН

Ҳар гаҳе пур мешавам
Аз дард,
 аз фарёд,
  аз исён,
Дар ҳисори ҳарзаву бӯҳтон.
Ҳар гаҳе аз пой меафтам
 зи ранҷи нотавонӣ,
Мехарошам сангҳоро,
 мешавам аз хок боло,
Бо мадори зиндагонӣ,
 такядори зиндагонӣ.

Ҳар гаҳе ки сабри нотаркиданам
 дар санг мегиряд,
Ҳар гаҳе ки рӯҳи исёнпарвари ман,
Дар сукути ларзаи оҳанг мегиряд,
То натаркам аз хурӯши оташинам
 мисли вулқон,
То насозад сангборони гарони хандаҳоям
Ними оламро зи хоби ҷоҳилӣ бедору гирён,
Бори худхорӣ
 ба дӯши нангу орам,
Сар ба дӯши кӯҳсорон мегузорам.

Раъдро бар дӯстгонии муҳаббат мекунам даъват,
Ҳамраҳи боди аҷина
 дар фазои вартаи озор мерақсам,
Ҳамраҳи тундар баланду хаста механдам,
Бар мазори ифтихорам,
 дар мазори ифтихорам.

Оре, оре, қиссаи мардонагиям
 як ҷаҳон номардро нон медиҳад,
Лек ҷуз деворҳои ҳузнбунёдам,
Ҳеч кас, ҳаргиз, намедонад
 чаро дар нимашабҳо,
Мушт бар дар мезанам,
 дар мушт мегирям.
Ҳеч кас, ҳаргиз намедонад чаро
 дар остинам мисли тӯфон,
Бо сиришки хушк мегирям.
***Переделкино.***
***1993***

## САРВИ БЕСАМАР

Сафири нур

аз сиёҳии панҷараҳои кӯр
суроғ мегирад,
Нишонаи манеро,
ки дар фанои шаб,
Чашми рӯшноиро
ба рӯйи субҳидам бастам.
Ва ток, хоҳари сабзкокули ман,
Хандаҳои тифлонаамро
зи хашми бод меҷӯяд,
Ниҳода панҷаҳои ларзонаш
Ба пушти кӯзаҳои бебокӣ,
ки аз мастӣ,
ҷоҳилона бишкастам.
***
Баҳор аз анҷумани фаҳшу кинаву тазвир,
Ба шарми пур аз суолу табассуми хоҳиш,
Роҳи селкандаи манзили маро ҳамепурсад.
Хазони пир
дар ҳароси ниёзам
аҷубавор мезанад қаҳ-қаҳ,
Нигоҳи зарди ғурураш
Зи сарви бесамари ростӣ,
Самари беҳосилии маро ҳамепурсад.
***
Нафири яъс
дар гулӯи хотираҳои ман
намегунҷад.
Фасонаи ишқ
дар дили сарду дардзойи ман
намегунҷад.

Нигоҳи фазл намудам,
ки озари ховар,
Сиёҳиест заъфаронӣ,
аз табори каҳдуд аст.
Дуруди ман
аз пайи турнаҳои умри барҳадар рафта
оҳи падруд аст.

Ману тангии қафасу талхии нафасу тоқати таҳқир,
Сиришки сӯхта
дар тобадони чашмонам,
бефиғони коҳиш нест.
Суруди носурудаи ман
дар гулӯи пасфардо
Агарчи гиряи лол аст
бе сукути таркиш нест!
*Москва.*
*1993*

## ХАСТАГӢ

Дилам дигар барои ҳеч кас намесӯзад,
Дигар ниҳоли сабзи танам
ба боғи пираҳанам,
Зи ёди дастмоли ҳеч кас намеларзад.
Ба хастагӣ савганд,

Ба ҳузни паршикастагӣ савганд,
ки ҳастии шарру номард,
Ба ҷонканӣ,
ба худкушӣ,
ба нестӣ намеарзад!
***
Дигар садои пошнаи хоҳишу таманноям,
Ба гӯши тофтаи қулфи манзиле наметаркад.
Дигар таронаи пур аз фасонаву ошиқонаи ман,
Дар оҳи ғамзадае,
дар диле наметаркад.

Дигар нигоҳи машъалдорам
фиғони набзи хазонро
Дар оташи дӯзахи поиз
намедиҳад ковиш.
Дигар дар чамани пир,
ки сабзошиқаш будам,
Сурӯши бӯсаҳои хушбӯям,
зи раъду барқ
нози гул
намекунад хоҳиш.
***
Дигар аз басари панҷаҳои биноям,
Низову фаҳшу риёе
ниҳон нахоҳад монд.
Аз он ки ишқи ҷовидонаи маро куштанд,
Замину осмон низ
дар амон нахоҳад монд.
***
Дигар ҳавои ҳавасам
барои ҳеч хато
аз ҷазо
кафан
нахоҳад дӯхт.
Зи ишқи мурдаи ман -
зи ноумедии умед,
Дар мазори мани зинда
машъали мурдае нахоҳад сӯхт.
***
Дигар аз барои ҳеч шаби шаб
чароғи офтобро намехоҳам.
Дигар барои ҳеч хуфтаи бемор
сӯзу тобро намехоҳам.
Баҳори ҷаннати сурам
хазону бебарг аст.
Сафири зиндагии хаста
қосиди марг аст!

Дилам дигар барои ҳеч кас намесӯзад!
*Москва.*
*1993*

**ЗОДРӮЗИ ДАРД**

Дар зодрӯзи дард,
дардофаре набуд
бо дард ошно.

Хунёгару муғаннии базми шароракуш,
Боди аҷина будаву раъди аҷалсаро.
Дар зодрӯзи дард,
Шаб масти ханда буд,
Хуршед ҳамчу кӯдаки бечора мегирист,
пушти дари худо.
Дар зодрӯзи дард,
Тоҷик соқӣ буд,
Соқии дурданӯш,
соқии беватан,
соқии бенаво!
*Переделкино.*
*1993*

**САРНАВИШТ**

Дар низоме,
қолабе,
қобе нагунҷидам,
Дар шиори бешуурон ҳам намегунҷам.
Соҳатамро
вусъати байни замину осмон аст,
Олами ман
чашми сӯзан нест
дар олам намегунҷам!
***
Юсуфи рӯҳи вафодори маро
додарони нотавону кинадорам,
Бар чаҳи зулмат фиканда
гургро бадном карданд.
Худ валекин қатли нангу ном,
қатли ом карданд.
***
Ман сиришки оташини хешро
дар марги тавлидам,
Пештар аз зодрӯзам
дар хуми чашми ҳазинам
ҷӯш додам.
Мактаби худсӯхтан,
афрӯхтанро,
Дар дили зулмат
барои худ кушодам.
Ман барои мурдаи бесоҳиби худ,
Пештар аз зодрӯзи хештан
бигрифтам мотам.
***
Мепарастам
сабри ширину ҳазини майпарастонро,
ки аз ангур,
Лаззати тунду хумори талх мегиранд.
Мекунам саршор
аз ҳузни сурури бодакашҳо
косаи чашмони худро,
Пеши худ хандида мегирям
ба ҳоли майгусорон,
Ки барои ҷоми саршоре
ба пойи кӯзаи бишкаста мемиранд.
***
Оламе дар оламеву одаме дар одаме,

хастаи ҳузни сурурy шодии мотам.
Дар итоби имтиҳони худшиносӣ
бовафо исбот кардам,
Ки ба зери дорҳо
дар панҷаи хунхорҳо
бебок будан метавонам.
Дар шиканҷи мардуми хокиву дар тазвири нопокӣ,
Ворисн афлок будан метавонам.
***
Ман ҷаҳонам,
ман ҷаҳони баҳри кӯрон ноаёнам.
Мӯҳри мушти беҳунарҳо
дар ҷабинам,
Аз сафои рӯҳ,
аз вафои нанг,
Осмонҳо сохта
андар баландии мақоми остонам.
***
Косаи заҳри ҳасудон
То лаби ман норасида
пора хоҳад шуд,
Хасми ман
охир ба пойи кӯдаки орам нишаста
бар нахоҳад хест,
Чорагар бечора хоҳад шуд.
***
Шеър дард аст,
дард шеър аст,
Номаи андӯҳи ман
ҷӯёи инсону ҷаҳони дигар аст!
Шоирӣ гар сарнавишт аст,
шоирӣ гар қисмат аст,
Қисмате чун қисмати ман
дар бало печида ҳаст?!
*Москва.*
*1999*

**БАҲОРИ САРМОЗАДА**

Дар раги нур
нор ях баста,
Дар хати парда
тор ях баста,
Шиша андар ғубор
ях баста,
Ақл андар шиор
ях баста,
Эй худо, кай баҳор меояд?!
***
Бӯстонро қиёми сармо кушт.
Як ҷаҳонро мақоми сармо кушт.
Рӯшаноии адли биноро,
Кӯрзоди низоми сармо кушт,
Эй худо, кай баҳор меояд?!
***
Кай фаришта ба базми навмедон,
Дар қабои сафед меояд?

Кай ба корези хушки шарёнҳо,
Хуни гарми умед меояд?
Эй худо, кай баҳор меояд?!
***
Бар сарам чатри барфу борон аст,
Дар танам ҷони хаста гирён аст.
Рӯзгорам шабеҳи гӯристон,
Чор фаслам ҳама зимистон аст,
Эй худо, кай баҳор меояд?!
***
Дар нафасҳо дами ҳавас мурда,
Мурғи илҳом дар қафас мурда.
Бод аз марги ғунча механдад,
Дод бар хуши додрас мурда,
Эй худо, кай баҳор меояд?!
***
Хок урёну ҷода лағжон аст,
Пир гумроҳу тифл гирён аст.
Навниҳоли хазони боғи мурод,
Ходаи гӯри ғӯрамаргон аст,
Эй худо, кай баҳор меояд?!
***
Номаи қисмат аст бетаҳрир,
Чораи чораҳост бетадбир.
Зиндагӣ аз қазост домангир,
Миллате аз худост домангир,
Эй худо, кай баҳор меояд?!
*Бишкек.*
*1993*

**МАДОРО**

*Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст;*
*Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.*
*Ҳофиз.*

Фақат як тир кофӣ буд,
ба ҷойи нуқтаи фарҷоми умри нангбунёдаш.
Сари ангӯшт оҳан
бо тавоноии шерафкан,
Зи ёру ҳалқаи дораш,
Зи ору бори озораш,
Зи таҳқири бародарҳои сархораш,
Зи зиндони баландовозаи ишқи Ватан
мекард озодаш.
Фақат як тир кофӣ буд,
тире аз силоҳи ҷаҳл,
Ки дар як оҳ таркад
маҳшари эъҷозу эҷодаш.

Фақат як тир,
фақат як тир,
фақат як тир кофӣ буд..,
Камони фитнаву ҷаҳлу риё сӯяш
ҳазорон тири дигар дошт.
Валекин Модари Миллат
ба дастархони дарди худ,
Барои қотилони сифлаву номарди худ
Ба ҷойи чор тири оҳанин
нону намак бигзошт.

*Душанбе.*
*1993*

**ҒУНЧАҲОИ САРБУРИДА**

Аз барои модаре,
ки кӯдакашро
Дар нигоҳи нотавонияш
зиндаандаргӯр карданд,
Зиндагӣ маънӣ надорад.
Сар ниҳода
бар сари бишкастаи хум
боғбони пир,
Дар шумори ғунчаҳои сарбурида,
Рӯзҳои вопасини умри худро мешуморад.
***
Саф кашида пуштаҳои гӯр
андар пушт - пушти пуштаҳову ёнаҳо.
Худкушу бегонапарварҳои тоҷик
Корзори Рустаму Сӯҳробро,
Зинда оварданд аз афсонаҳо.
***
Лолии фарёди ман
аз нолаи Таҳминаи тоҷик,
Дар дилам таркидаву садпора хоҳад шуд.
Халқи ман
дар ҷустуҷӯйи тоҷи аз сар рафтааш,
Дар ҷаҳони тоҷирон
овора хоҳад шуд.
***
Булбулон аз гулситонҳо
Кӯч баста
бар мазори хорузори ғӯрамаргон,
Себи хубонӣ азои мева дорад.
Тоҷикистон,
хонаи дарди ватандорони гумноми Ватан,
Як ҷаҳон тифли ятиму бепарастор,
Як чаман ҳури арӯсу бева дорад.
*Москва.*
*1993*

**БАРФ МЕСӮХТ...**

*Тақдим ба дӯсти беҳамто, коргардони маъруфи синемо*
*Тулемуш Океев, ки дар рӯзҳои фоҷиаи тоҷик чун ҳама*
*мардуми қирғиз ғамбару ғамгусори мо буд.*

Барф месӯхт!
Барфи ашки ман
об гашта
Аз ду чашми чашмаам мерехт.
Шоми берӯзи ғарибӣ,
Нотавонӣ,
бенасибӣ,
Бар дили аз тоқати таҳқир хаста,
Оташак мезад,
шӯр меангехт.

***

Дар паси тӯри ғурур,
Рӯҳи урёни маро
ҳарзаи ҳазён намепӯшид.
Аз залилии сухан,
аз нотавонии суханвар,
Ифтихорам заҳр менӯшид.
Хуни раҳ гум карда
дар шарёни исёнам,
Дар фиғони панҷаҳои лол
мечӯшид.

***

Барф месӯхт!
Дуд мекард решаи боғу чаман.
Зистан хунёгари нозистан буд
аз барои беватан.
Дар диёрам,
ҳосидони носазоворам,
Бо низоъу кина,
бо дандону нохӯн,
Беамон гӯри маро мекофтанд.
Лӯъбатакҳои касифи дилхушӣ,
Аз тору пӯди ғаждии худ,
Аз барои ман
кафан мебофтанд...

***

Дар хазонистони гардун
офтоби сард
Тухми оташ кишт мекард.
Об бӯйи ашк,
хок бӯйи хун,
Зиндагӣ бӯйи гили ангишт мекард...

***

Ту шунидӣ
ҳасрати шерафкани тоҷикро,
аз шевани сармо.
Ту бидидӣ
маҳшари худкуштани тоҷикро,
дар меҳани тоҷик.
Ту расидӣ
бар тахи мантиқи бемантиқии ҷаҳли мураккаб,
Дида андар чашми тӯфони ҳаводис
мадфани тоҷик...

***

Ту зи арши осмони меҳр
бо хуршеди эҳсонат,
Боғи хушки қисматамро
пур зи ёсу ёсаман кардӣ.
Аз барои зиндадаргӯри Ватан,
Эй ёвари беҳтар зи бегонабародар,
Хонаи чашмони оламдидаи худро
Ватан кардӣ.

***

Офтоб аз сардӣ меларзид,
барф месӯхт,
Сӯзани нуре
зи хуршеди ҳазини дидагонат,
Аз барои мурдаи сармо
кафан медӯхт...

*Чолпон-Ота.*
*1993*

## ШАҲРАГИ ҚАЛАМ

Шаб - марзи кишти ман,
Ғам - сарнавишти ман,
Аз боғи дузах аст,
Нахли биҳишти ман,
Хушбоши қотил аст,
Созандагии ман.

Ин шонаҳои хам,
Ин  дидаҳои нам,
Ин панҷаҳои хушк,
Дар  шаҳраги қалам,
Мерос мондаанд,
Аз бандагии ман.

Шуд обрӯи ҷаҳл,
Шармандагии ман.
Пири риё хуш аст,
З - огандагии ман,
Иблис туф кунад,
Бар гӯри орзу -
Бар зиндагии ман!
*Душанбе.*
*1993*

## БАЪД АЗ  ҲАЗОР СОЛ

Баъд аз ҳазор сол,
Шаҳбози фазл
бар диёри ёри худ расид,
Рӯҳи баланд
бар мақоми кӯҳсори худ расид.
«Шаҳнома»- адлномаи фазлу камоли ҳақ,
Охир ба дасти соҳиби бедори худ расид.

Дардо, ҳакими хастаҷон дар вартаи замон,
Дарёфт ворисони худ раҳгуму саргарон.
Бишнохт ровиёни худ
аз шӯру ман-манӣ,
Аз иллати фасоҳату аз сактаи забон…

Баъд аз ҳазор сол,
Нафшонда гарди роҳро
аз кафшу ҷомааш,
Нанмуда тар ба рангдони ашк
хомааш,
Фирдавсӣ тир хӯрд,
Бар қалби ҷовидонааш,
бар кӯҳи шонааш.

Эй хок бар сари ҳама даъвогарони хок,
Баъд аз ҳазор сол
ҷанги таборкуштаро гар бурд,

хасм бурд.
Баъд аз ҳазор сол,
Дар пойтахти Давлати хуншори Тоҷикон,
Фирдавсӣ тир хӯрдаву тоҷик лек мурд!

Фирдавсӣ тир хӯрд!*
Тире, ки буда дар камони ҷаҳли маънавӣ,
Тире, ки буда бо ҳама пинҳон,
диданӣ,
Дар заҳраи хусумати Султони Ғазнавӣ!..
------------------------------------
**Дар тазоҳуроти тирамоҳи соли 1992, ки қурбониёни зиёде барҷо гузошт, пайкараи тозабунёди ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ низ дар майдони Озодӣ тир хӯрд.*
*Москва.*
*1993*

**СУРӮШИ ОЗОДА**

Ашки сабзи саҳоб хушкида,
Рӯд андар сароб хушкида,
Хандаи офтоб хушкида,
Моҳ дар мавҷи об хушкида:
Он ки аз бар гузашт,
ботил монд,
Он чӣ аз сар гузашт,
дар дил монд.
***
Ман ҳамонам, ки додаам бозӣ,
Бодро дар пиёлаи бода.
Ман ҳамонам, ки ташти оташро,
Дар кафи хушки барг дар дода:
Ман зи оҳи ғариб оҳангам,
Ахтари ҷаҳлзоди фарҳангам.
***
Дар кафи пойи бод мерақсам,
Аз таби дарди ёд мерақсам,
Гулхани дидаам шуда хомӯш,
Бешарар, барфзод мерақсам:
Бар мазори ситорагон бингар,
Ҳосили оташ аст хокистар.
***
Аҳли ҳар ду ҷаҳон ватанхоҳанд,
Дар аламхонаи дили тангам.
Худ вале дар ҷаҳон намегунҷам,
Бо худу бо фариштаи нангам:
Модари ман, суруши озода,
Ошиқи осмон маро зода.
***
Ташнагӣ имтиҳони бемаргист,
Кӯзаро сарнишеб хоҳам кард.
Бо хаёли сароби сармастӣ,
Зиндагиро фиреб хоҳам кард:
Зиндагӣ, дар мазори озорат,
Ёд кун аз мани азодорат!
*Бишкек.*
*1993*

**ГУЛШИНОС**

Дар ҳарами гуноҳи ман
накши фариштa,
Дар чамани савоби ман
марзи накиштa.
Хоки маро кӯзагари кӯзашикаста,
Аз аламу аз ситаму ҳарза сириштa:
Дар таги санги оси ғам
донаи хосам,
Одамшинос нестам,
ман гулшиносам!

Гул ба сару гул ба бару гул ба ҷарида,
Хор ба дил,
хор ба ҷон,
хор ба дида.
Дар дами вартаи ҷазо
дида - надида,
Пири хато нақши маро сода кашида:
Боз чу сабзаву суман
дар дами досам,
Одамшинос нестам,
ман гулшиносам!

Боз ба гирди номи ман
шӯру қиём аст,
Дузди калому шеъри ман
номии ом аст,
Боз ҳарому бадгуҳар поку ҳалол аст,
Боз ҳалолу поки ман
зишту ҳаром аст:
Дар гили шӯъла бишкуфад
лолаву ёсам,
Одамшинос нестам,
ман гулшиносам!

Боз заминларзаву ман тири заминам,
Сархати ҳайратам бувад чини ҷабинам.
Боз баҳор асту хумори дамани ишқ,
Ман гули сармозадаи гулшани кинам:
Аз худи худ
беш зи ҳар дев ҳаросам,
Одамшинос нестам,
ман гулшиносам!

*Москва.*
*1993*

## ҚАФАСИ ТИЛЛОӢ

Зиндагӣ моили гулханда нашуд,
Баҳри пиндори чаманпарвари ман.
Ман чу бедор шудам рафт ба хоб,
Ёри ман,
ёвари ман,
ховари ман.

Ҳалқа аз пойи Ҳумо бикшодам,
Бе гумоне, ки қафас тиллоист.

Бехабар з - он ки муроди банда,
Ишқи эҳёнафаси фардо нест.

Аз дусад ҷой шикастанд маро,
Кори беҳуда бувад кафшерам.
Гушнагӣ чист?
Напурсед маро,
Серам,
аз хӯрдани худ ман серам!
*Душанбе.*
*1993*

**ШАБИ ЯЛДО**

Аз ҳама бечоратар имрӯз андар чорасозӣ,
Пири тадбир аст.
Аз ҳама олимақому шӯҳраву хушном,
Дар мақоми носавобии гунаҳ
Таҳқиру тақсир аст.

Ҷони ман дар чанги ҷаҳли омиёна,
Бо муросову мадорову ҳаросу шарм
То чӣ рӯзе дорбозӣ мекунад?!
То чӣ рӯзе
аз таҷовуз
Зиндагиро ҳифз бинмуда,
Маргро аз хеш розӣ мекунад?!

То кадомин давру даврон
Рӯҳи саргардону хору саркашам,
Сар ба пойи тории зулмат сутуда,
Бар худои офтоби абрхӯрда,
мурда - мурда,
Ҳар шаби ялдо ибобат мекунад?!
То ба кай пири умеди ноумедам,
Бо забони раъду тӯфон
Қисмати дунпарвари фарзонакушро
Васфу таҳриру ҳақорат мекунад?!
*Москва.*
*1993*

**ШАЙХИ САНЪОН**

Чун ҳавас таркида
дар оҳи нигоҳ,
Дар гулӯ печида монанди садо,
Накҳати пинҳони эҳсоси вуҷудам
чун равонам
парфишон шуд,
Як ниҳонам сад аён шуд,
Қиссаи ишқи ману як бехудо,
достони садзабон шуд.
***
Девро дидам накӯтар аз фаришта,
Дар нигоҳи сурмаи шаб.
Пеши чашми офтобаш,
пеши рӯйи бениқобаш,

Монд ангушти суоли ҳайратам
дар лаб.
***
Ман набудам,
ӯ буду нури лиқо буд,
Сар набуд андар танам,
пар буд,
по буд.
Номаи бахтам зи девони худо буд,
Раҳнамоям мустафо буд…

***
Кибр дода
кибриёро ёфтам,
Хона дода
ҳонақоро ёфтам,
Дар замин
ҳури саморо ёфтам,
Дар ҷамоли ӯ худоро ёфтам.
***
Сабри шогирдони ман сар рафт
Аз тамошои ҷунуни шайхи девона,
Бо мазоҳу бо ситеза,
аз барам доман кашиданд.
Офтоби ишқро
дар гавҳари чашмам надиданд.

Тахтаи пушту гиреҳи мушт бастанд,
Сартакон,
қаҳ-қаҳзанон
аз ман гусастанд…
***
Саҳни дунё гашт холӣ
гӯиё саҳни калисо
баъд аз назми ҷаноза.
Дар нигоҳам бори аввал,
балки охир,
Халқ буд беҷурм,
Қайс буд бегурм.
Осмон шаффоф,
хокдон тоза…
***
Ман зи рӯйи шишареза,
тирполои нигоҳи чашмҳои пурситеза,
Раҳ кашидам
то макони олии олимақомам,
Ояти ишқи худо дар лаб.
Ёфтам дар остони хукбони пир
ҷ о м е
пора-пора
чун дили худ,
Сабт бинмудам
ба теғи шишаи бишкастае:
Пири нодони туам,
эй ишқ,
эй мактаб,
Фазли гирёни туам,
эй ишқ,
эй матлаб,

Гарди домони туам,
эй ишқ,
эй мазҳаб,
Шайхи Санъони туам,
эй ишқ,
эй мазҳаб!
*Москва.*
*1994*

**ҚАТЛИ ШОИР**

***Манам он уқоби кӯҳӣ ба фазои кӯҳсорон,***
***Бикушода синаамро ба ҳавои боду борон...***
***П. Сатторӣ.***

Тири сӯзон
сард шуд
дар оташи ҷонаш,
Нам кашид ,
аз хуни шоир нам кашид,
Шеър, шеъри нотамомаш,
пораи нонаш.
***
Боди Вахшӣ,
боди вахшӣ,
меҳрубони охиринаш,
Панҷа мезад,
бод мекард,
мегирист,
Хирмани мӯйи сафедаш,
Гӯйӣ кадбонуи гирёнаш,
Гӯйӣ фарзандони ҳайронаш,
Гӯйӣ шогирдони сарсонаш…

Аз тапидан монд охир
Як дили аз тоқати таҳқир хаста.
Пар кашида
сӯйи гардун,
Як уқоби ғарқа дар хун,
Як уқоби паршикаста…

Қатли шоир,*
марги нерӯйи суханро,
Мардуми бечора медиду намедид.
Пораҳои нони хунолударо,
аз кафи беҷони шоир,
Мурғаке тарсидаву ларзида мечид…

Вахш дар тобути мавҷаш
мурда мебурд,
Ширмоҳӣ
мурда мехӯрд.

------------------
**Шоир Пиримқул Сатторӣ дар навбати нон кушта шуд.*
*Переделкино*
*1993*

## ҒОРАТ

Ғоратам карданд андар рӯзи равшан,
Зодагони ваҳшати ҷаҳли мураккаб.
Зиндагии маргу марги зиндагиро
Аз барои ман намуданд,
Чанд қотил,
чанд дузди ворисӣ шаб!

Дар сари гӯри ғурури як Ватан,
Ғосибона базм бинмуданд.
Аз барои як ҷаҳон дузду гурусна,
Суфраи иззат кушуданд...
Дар арӯсии фаришта,
Девро домод фармуданд.
Дар нигоҳи офтоби пир,
Субҳро зиндонӣ бинмуданд…

Ғоратам карданд андар рӯзи равшан,
Сарвати аз ман рабуда
зар набуд,
зевар набуд,
Буд нерӯйи тавони рӯҳи ман.

Ғоратам карданд андар рӯзи равшан,
Кушта андар оташи хунам,
ҷунунам,
Беибо аз ман рабуданд;
Рангу бори зистанро,
Хандаи бигристанро,
Зиннату сеҳри суханро,
Қудрати мардафкани занро!
*Душанбе.*
*1993*

## ТАВБАИ ИШҚ

***Қотилони ман чаҳор нафар буданд.***
***Аз намунаи навтарин силоҳи замона чаҳорафзор.***
***Сипас шумораи силоҳдорон ба бисту як нафар***
***расид. Бо як зани танҳову бесилоҳ худо буд.***

Муҳаббатро дигар ҳамчун надомат,
чун ҳақорат
Дар ҳисори нафрати худ мекунам зиндон.
Садоқатро, вафоро,
ишқи яздонии меҳанро,
Ба хоин муфт мебахшам,
Зи қотил мехарам арзон.

Дарахти гулфишони эътиқодамро,
Барои хеш чавкӣ кардаӣ, чавкӣ, табардастон.
Ба ишқи бегуноҳи Шайхи Санъон
Сархушу девона хандида, гунаҳмастон.
***
Дар ин садсолаҳо

дар ёлаҳои рӯҳи захминам,
Гули андӯҳ хоҳам кошт.
Мане, ки ошиқиро тавба кардам,
Ишқро дар зарраҳои хуни худ куштам,
Агар ошиқ шавам бори дигар,
Баъди майю соғар,
камонро дӯст хоҳам дошт.
***
Дареғи субҳи армонам,
ки дар тавлиду тавҳидаш,
Нахандад офтоби пир
аз чашми дили кайҳон.
Дар ин марзе,
ки арзи ошиқонро
тир пурсон аст,
Фиғони оташинамро,
дигар монанди қақнус
Дар димоғи оташинам мекунам пинҳон.
***
Ба пеши дидаи пирони барҷомондаву ҳайрон,
Ба пеши дидаи тифлони гулночидаву гирён,
Ба зери зарбаи мурдан
барои зистан,
хомӯш,
Ба зери қаҳ-қаҳи пирӯзии шайтон,
силаҳдорон,
Маро бурданд
андар рӯзи равшан,
ҳамчу ахгар
аз гили гулхан,
Маро бурданду дигар барнаоварданд,
То ишқи Ватан-
то эътиқоди ман.
*Чолпон- Ота.*
*1993*

**САНГИ СУКУТ**

Шоирони нангбардори Ватан,
Ворисони хастаи бори сухан,
Дар паноҳи сояи санги сукут,
Шоириро тавба карданд.
Шоирони шӯхраи озодии зиндон,
Кафтари илҳоми худро
Пора оварданд бар кафторҳо,
Соҳириро тавба карданд.

Дар шумори сояҳо
аз пушти сар,
аз пушти дар,
Шоирони соясон беҷону беармон,
Хоби рӯъёии ишқу орзуи хешро
Ними шаб бар
об хоҳӣ гуфт.
Аскарони сурх –
сархорони нангу ор,
Шайпури шармандагӣ бинвохта,
Бо забони найзаҳои охта,
Дар миёни кӯчаву бозор

бахри содаву бемор
Шеъри “ қонунбоб “ хоҳӣ гуфт.
*Москва.*
*1993*

**ШАҲРИ ҶАНГЗАДА**

Дилмондаам аз ин шаҳр,
аз хирсу хусравонаш.
Аз ирси осиёнаш,
аз ҳирси омиёнаш.

Дилмондаам аз ин шаҳр,
аз кайфару ҳаросаш,
Аз чашми ношиносаш,
аз фазлносипосаш.

Дилмондаам аз ин шаҳр,
аз раҳнамои кӯраш,
Аз қаҳ-қаҳи ғурураш,
аз навҳаи сурураш:

Андар фанои тоҷик,
дар ғамсарои тоҷик,
Рӯзи азои тоҷик,
рӯзи ҷазои тоҷик.

Шаҳри муҳаббати мо,
деҳест кулфатафзо,
Бе роҳ,
чоҳ дар чоҳ,
пур аз гадову бешоҳ…

Шоир надорад ин шаҳр,
фозил надорад ин шаҳр,
Ошиқ надорад ин шаҳр,
як дил надорад ин шаҳр.

Шаҳри риёст ин шаҳр,
доми балост ин шаҳр,
Шаҳри қазост ин шаҳр,
мотамсарост ин шаҳр.

Ин шаҳр шаҳри ман нест,
чашму дили Ватан нест,
Гулзори ишқи ман нест,
ҷуз шаҳри Аҳриман нест!..

Шаҳри маро надидед?!
*Душанбе.*
*1993*

**ШАБИ ГИРИФТАНИ МОҲ**

Ҳар ду рӯйи осмон
имшаб сиёҳ аст,
пеши маҳ
Монанди рӯйи тоҷики кафтори тоҷик.

Шабчароғи раҳнамои шабравонро
Вориси шаб
бар шикастан дод,
Чун дили афгори тоҷик.

Ахтарон
имшаб з- азоби бегуноҳии маҳи бечора
Бар мотам нишаста
дар дили гардуни торик.
Шармсору хаста мегирям
мани танҳои танҳо,
Дар шаби ғурбат
ба ҳоли зори тоҷик,
Зери бори ҳасрату озори тоҷик.
*Чолпон-ота*
*1993*

## ТОҶИКИСТОНИ МУСОФИР

*Дур рафтам, то туро наздик бинам,*
*Аз ту рафтам, то даме бо ту нишинам,*
*Тоҷикистон!*

Бӯйи дуди боғҳои сӯхта
андар димоғам,
Ашки сӯзони ятимонат
чароғам,
Марг муштоқам,
адӯям дар суроғам,
Аз ту рафтам марзи имон,
Аз ту рафтам,Тоҷикистон!
***
Гӯр карда шеъру фарҳангу суханро,
Дар мазори насли шоирпарвару шоир.
То нагардад хушк
оби дидагонам дар фироқат,
Чашмасору рӯдборони туро
дар чашм бурдам,
Тоҷикистони муҳоҷир!
***
Дар лабам рози ту,
рафтам,
Ғунчаи нози ту,
рафтам,
Дар фиғони лолии худ
Авҷи овози ту,
рафтам.
Бесару бепову бегардан
Сарафрози ту,
рафтам.

Раҳбараҳ ҳузни фироқатро сурудам,
Дар таги бороні бӯҳтон,
Дар таги борони тир,
Ҳузни ту дар ман гириста,
Ҳусни ту дар ман бишуд пир,
Тоҷикистони фирорӣ,
Тоҷикистони мусофир!

***
Аз ту рафтам Тоҷикистон,
Гарчи бар сангу гиёҳу хоки ту,
Ҳеч кас монанди ман ошиқ набуд.
Меҳри ту,
оғӯши гарму ғамбаратро,
Ҳеч кас монанди ман
лоиқ набуд.
Аз ту рафтам,
То сияҳмирам набинӣ,
Маргу таҳқирам набинӣ...

***
Аз ту рафтам,
то ба шаҳди заҳрогини риё
моил нагардам,
То ба зери пойи зулматзода
мушти гил нагардам.
Эй ки парвардӣ маро
бо шири оҳуи муҳаббат,
Аз ту рафтам,
то муғаннии сурури ҷоҳилу қотил нагардам!

Аз ту рафтам,
то ки ишқи ҷовидонатро,
Баъди як соат
ва ё як рӯз,
ё як қарн,
Безаволу зинда боз орам.
Аз ту рафтам,
то сари гардунписандамро,
баъди сад маҳшар,
Дар қадамгоҳи шаҳидону азизони ту бигзорам,
Тоҷикистон!

*Переделкино.*
*1993*

## ШОИРИ ИШҚ

Се баҳори сабз
рангат заъфарониясят,
Се баҳори сабз
зардоб аст ашки лолазоронат.
Се баҳори сабз
андар пуштаҳоят
пуштаҳои ҳасрату андӯҳ мерӯянд,
Се баҳори сабз
чашми меҳри худро,
Ошиқи ту,
ворисӣ дармондаи ту,
Мегурезонад
зи тири дар камони хашму аз андӯҳи чашмонат,
Ватан!
***
Ман агар сад бор мирам,
боз аз нав зинда хоҳам шуд,
То бинолам

дардҳои дар вуҷуди шарму нокомӣ
ниҳонатро,
Ватан,
То бишӯям
бо сиришки вопасину оташинам,
Захмҳои ноларези ҷони ҷонатро,
Ватан!

То кунам обод
қасру кулбаҳои сарнагунатро,
То нависам
достони лобаёни ғарқи хунатро,
То бибӯсам
рӯйи гарми кӯдаконатро,
То бибӯсам
чашми дарди модаронатро,
Осмони остонатро.
***
Аз гулафшони хазони сабзмиронат бароям,
Дардафшонат расида,
Аз сафои чашмасоронат,
Аз умеди дӯстдоронат,
Чашми гирёнам расида,
Рӯҳи сарсонат расида.
***
Ман дусад бори дигар
тавлид хоҳам гашт
баъди марги худ,
То ба ҳар лаҳневу ҳар лафзеву оҳанге,
Дардҳои бедавоятро даво ёбам,
Ватан!
Аз дили бераҳми қотил
Заррае раҳми худо ёбам,
Ватан!

Хешро бадкеш на,
хешу азизу ошно ёбам ,
Ватан!
***
Шоири ишқи ту будам,
марзи шоирзоду шоирпарварам,
Шоҳиди дарди туву ранҷи ту мемирам,
Ватан!
Аждаҳо мирад ба рӯйи маъдану хирвори зар,
Ман барои хоки ту,
ганҷи ту мемирам,
Ватан!
***
Ман агар сад бор мирам,
Боз аз нав зинда хоҳам гашт
ҳамчун сабза,
ҳамчун ғунчаи андӯҳу армонат,
В- аз дили нарми ту мерӯям,
Ватан!
Бо сафои сабзи боронат,
Ба сони чашмасору обшоронат,
Захмҳоятро ба оби дида мешӯям,
Ватан!
*Москва.*

*1993*

**БА ҚОТИЛОНИ ШОИР**

То як ахтар
синаи шабро чу пайки субҳ бишкофад,
Марг ҳадди охирин нест.
Сатри нав
оғози рози зиндагонист,
Рафтани хуршед
пайки бозгашти рӯшаноист.

Шоиронро метавон куштан
ба теғу дашнаву тазвир.
Лек шеър,
ҳамчунон тифли ятим,
Бар алайҳи марги модар
зиндагӣ аз сар бигирад.
Марги шоир
бо забони ҷовидони шеър,
Ҳафт пушти қотилонро
мекунад маҳкум,
Шеър дар сангар
наметаркад,
Шеър дар дарё
намеғарқад,
Шеър дар оташ
намесӯзад,
Шеър бо куштан
намемирад!
*Москва.*
*1993*

**САВГАНД**

Ватан, эй модари аз тоқати таҳқир хаста,
Ватан, эй шаҳчинори аз шамоли ҷаҳл бишкаста,
Зи баъди сад ҳазорон сол,
Зи қаъри сад қабат хоки сиёҳ
Аламҳои ту бар ёдам расад
фарёд хоҳам кард.
Ватан, бо номи ту,
бо нанги ту,
Бо ишқи мачрӯҳи набарди ту,
Ба ҷойи ошиқони шермарду ғӯрамарги ту,
Бинои шӯҳрату шони туро
бунёд хоҳам кард!

Ватан, «Шаҳнома»-и рӯҳи туро
Дар партави нуру зиё
Бо килки умеду вафо
эҷод хоҳам кард.
Ватан, аз сангҳои бар сарат
бишкастаи фарзандҳои носазоворат,
Туро бунёд хоҳам кард,
Туро обод хоҳам кард!
*Москва.*

*1993*

**ДАР ВАФОТИ МАВҶУДАИ ХУҶАНДӢ**

Аҷаб ҷону аҷаб ҷонона будӣ,
Аҷаб афсунгару афсона будӣ.
Аён шуд, қиммату арзон, аён шуд,
Ту, алҳақ , дӯсти арзон набудӣ!
***
Шитобатро ба дунёи хамӯшон,
Ба ҷуз дилмондагӣ дигар сабаб чист?
Ту кай меоӣ аз Хуҷандат, эй хуб?
Душанбе чун дили ман бе ту холист!

**НАВБАТ**

Ман дар ғами ҷон будам,
бишуд навбати ту,
Аз хеш ниҳон будам,
бишуд навбати ту.
Ҳар кас ба ҷаҳони ғайр
дорад навбат,
Дар навбати нон будам,
бишуд навбати ту.
*Душанбе.*
*1993*

**ҶОНИ МИЛЛАТ**

Модари гирёни тоҷик,
ҷони пурармони тоҷик,
Қуллаи рӯҳи ту болост,
аз ҳама аркони тоҷик!
***
Он ки Қобилро ба Ҳобил,*
кард бесангар муқобил,
Ҳафт пушти тоҷиконро
буд қотил,
ҳаст қотил.
***
Баччаи ту зар намеҷуст,
чавкиву минбар намеҷуст,
Пушти пушта, қуллаи кӯҳ,
чавкии ӯ, минбари туст!
***
Шоҳмардат бовафо рафт,
шоҳбайтат бесадо рафт,
Баччаат доди худо буд,
баччаат назди худо рафт!
***
Дар набарди пастрӯҳон
рӯҳи ту кайҳони мо буд.
Ҷони захмини ту модар,
қуввату дармони мо буд.
***
Эй гули сангар шикаста,
ёри аз ёвар шикаста,

Аз ғами ту дар мазорон,
гул бирӯяд даста-даста.
***
Дар гулистонат хазон аст,
дар ғамистони ту наврӯз,
Кӯдаки гаҳвораатро
шеваи пирӯзӣ омӯз!
***
Кӯҳи дарду ғам туӣ, ту,
мотами мотам туӣ, ту,
Модарӣ, Модархудоӣ,
ҳазрати Марям туӣ, ту!
***
Модари ғамсӯзи тоҷик,
рӯзии ғам, рӯзи тоҷик.
Дар мусибат, дар муҳаббат,
сабри дардомӯзи тоҷик.
***
Эй сару сомони миллат,
пояи аркони миллат,
Давлати бедори миллат,
нанги миллат, ҷони миллат!
***
Модари гирёни тоҷик,
ҷони пурармони тоҷик,
Пояи аркони тоҷик,
қиблаву имони тоҷик!

------------------------

****Аз рӯйи ривоятҳо бо қатли Қобил бародараш Ҳобилро дар замин маргу куштор оғоз ёфт.***

***Москва.***
***1993***

**СОЯИ ГУНОҲ**

Мо зинда мондаем!
Ҳарчанд марги хешро
бо чашми бандагӣ
сад бор дидаем.
Аз коми аждари қазо,
ҷоизаи ҷазо,
Баҳри санои зиндагӣ гӯё раҳидаем.

Мо зиндаем,
зиндаи озори зиндагӣ,
Мо зиндаем,
зиндаи пиндори зиндагӣ,
Мо зиндаем,
зиндаи ночори зиндагӣ,
Мо зиндаем,
зиндаи нофори зиндагӣ.
Чун сояи гунаҳ
паси девори зиндагӣ.
Аз ҳафт пушти рушт
як мушт мондаем,
Як мушт дони тухмӣ
аз хирвори зиндагӣ.

Аз тифли гоҳвора
то пири супурдараҳ,
Гар хешро накуштаем
бо дасти ҳамдигар,
Гар мурдаи шаби сияҳро
гӯр кардаем,
Дар дидаи саҳар;

Бояст зист,
зист ба ҷойи назиста,
Бояст зист,
зист баройи назиста,

Бояд зист,
зист харидори зиндагӣ.
Бояд зист,
зист сазовори зиндагӣ!
*Москва.*
*1993*

**ТУ ҲАМ РАФТӢ!**

***Дар вафоти Одинаи Ҳошим,***
***ҳунарманди мумтози тоҷик.***

Ту ҳам рафтӣ!
Ту ҳам рафтӣ зи роҳи куштаҳои нанг,
Ту ҳам як пуштаи дигар шудӣ
дар ҳафт пушти пуштаҳои нанг.
Ту ҳам дар қолаби зулмат нагунҷидӣ,
Нагунҷидӣ ба сони оҳ
андар ларзаи оҳанг,
Ту ҳам рафтӣ!

Суруди аввалинатро
таманнои чаман
андар тамошои гули худрӯй
ифшо кард.
Суруди вопасинатро
сари тобути мо
Дар ваҳшати мотамсаро
бигриста рафтӣ.
Барои шод будан омадӣ
бо дард пайвастӣ,
Ба рӯйи зиндагиву зиндаҳо
хандидаву нозиста рафтӣ…

Дилат аз хорузории Ватан таркид,
Фиғонат дар гулӯ
аз сактаи қалби сухан таркид.*
Сурудат тир хӯрду рӯҳбонат шеъри Бедил мурд.
Ҷаҳони шеър
бо қалби туву боғу чаман таркид.

Паноҳат бар худо,
эй рафта аз дори ҷаҳон гирён,
Ғалат гуфтам,
ки мард аз хориву зорӣ намемирад.
Ту ҳам рафтӣ,

ки осо̄й зи дарди тоқати таҳқир,
Барои қавми худкуш
мисли ту дигар кӣ мегиряд?!

Ту ҳам рафтӣ!..

-----------------

*** Одина Ҳошим   аз сактаи дил  даргузашт.**

*Переделкино.*
*1993*

**ШАБИ   ШАБ**

Орзуҳои ғариби хешро бинмуда оғӯш,
Духтарон  дар хоб
чун гирдоб
мепечанду паҳлӯ мезананд.
Ахтарон  дар осмон
аз хокиён нороҳатанд,
Дар замин  гардунпарастон
Аз дурахши найзаҳо,
аз хуни худ
рӯ мезананд...
***
Чӯҷаҳо парбаста,
саркӯб,
Лонаҳо вайронатар аз гӯри шайтон.
Мурғакони аз дами боди ҳаводис
зинда  монда,
Метапанду метапанду метапанд,
бо ғами ҷон,
дар ғами ҷон...
***
Тангаи чашмони зарду сарди худро
пош дода бар сари шаб,
Ҷуғз андар лонаи гарми кабӯтар
ҳокимона мекунад роҳат.
Мезанам бар гӯши шаб
фарёди танҳоӣ,
Қисмати танҳоии худро,
Мекунам бо ҷумла  шабгардону сарҷамъони танҳо
қиссаву қисмат...
***
Ҷони бечонам,
фиғони устухонам,
Пармаи озорро
аз ёд бурда,
Хоҳад аз санги  мадоро
пумбаи тоқат.
Дидаи шабкӯри ман, оҳ,
Боз бо торикии шаб мекунад одат!

*Душанбе.*
*1993*

**КИТОБИ  БОД**

Сард гашта хуни  эҳсон
Дар рагу пайванди кайҳон.

Абрҳо ях баста
андар таркиши исёни тӯфон.

Обҳо дар варзиши варзобҳо
ях бастаанд,
Ашкҳо дар гавҳари бехобҳо
ях бастаанд,
Гиряҳову хандаҳои ишқ
андар қобҳо
ях бастаанд...
***
Навҳаи барги хазони номуродӣ,
Дар қадамгоҳи муросо
Бандагиро мекунад таҳқир.
Арчаи хушкидаи гӯри қадима
гӯиё,
Ходаи сабзидаи гӯри ҷавонеро
орифона медиҳад ҳушдор;
Марг анҷоми ҳама оғозҳост,
Марг, аслан зиндагонияст,
аммо пир...
***
Ғӯрамаргон
баъди марги хештан
бар зиндагӣ ошиқтаранд,
Ғунчаҳои хуфтаи бедор
дар шарёни хушки навниҳолон,
Аз хазони заъфаронии гулафшон,
Набзи сабзи хешро даъвогаранд.
***
Сарбадорони асиру сархамида,
Панҷаҳои тофта,
бишкастаи худро,
Зи бехи решаҳои дор меҷӯянд.
Куштаҳои макру тазвир,
Бо забони тундару тир,
Ҷовидон марсия мегӯянд;

Аз азоби ёдҳои сард,
Аз итоби додҳои сард,
Бо ҳароси сурбии фарёдҳои сард,
Дар китоби бодҳои сард.
*Чолпон- Ота.*
*1993*

## ДАР ПАНОҲИ СОЯҲОИ ХУД

Хаста будам,
хастае, ки дар ҳисори мижжаҳо
барҳам занад,
Оламеро бетафовут.
Хаста будам,
дар таҳи хуршеди ҳиҷрон,
Дар паноҳи сояи худ.

Ишқ, баски хастагии хастагиҳост,
Хастаҷону хастаармон

Бар ниҳоли сабзи дӯшат
Гарчи бинҳодам сари озурдаи худ,
Ман гунаҳ кардам,
                        ҷавони сабздунё,
Дар дилат гар  зинда кардам ахгареро,
Бо нигоҳи мурдаи худ.
*Душанбе.*
*1992*

**ОЗОРИ ШӮҲРАТ**

*Шӯҳрат офат оварад.*
*Андарз*

Аз умри рафта
                    дорам ғанимат:
Рашки ҳасудон,
                    озори шӯҳрат.

Аз умри рафта
                    дорам ду гулбун;
Рухсораи зард,
                    чашмони маҳзун.

Аз умри рафта
                    дорам ду девон;
Аз бахти гумраҳ,
                    аз ишқи гирён.

Аз умри рафта
                    дорам ду довар;
Дирӯзи зулмат,
                    фардои бефар.

Аз умри рафта
                    дорам фасона;
Андӯҳи озод,
                    зиндони хона.

Аз умри рафта
                    дорам панохе;
Аз бегуноҳӣ,
                    қасри гунохе.
***Душанбе.***
***1992***

**ШАҲПАРАК**

Шаҳпараки атласии духти фаришта,
Номи худо дар хати боли ту навишта.

Ишқи ту рахшандатар аз вусъати нур аст,
Рақси ту гӯяндатар аз шеъри шуур аст.

Қисмати серӯзаи ту рози илоҳист,
Исмати худсӯзии ту аз гунаҳи кист?

Умри ту кӯтоҳтар аз оҳи наҷот аст,
Марги ту умри абади ишқу  ҳаёт аст.

*Душанбе.*
*1992*

**МАРГИ ҒУРУР**

Чашми нам мондаву вайронаи дил,
Хеши ғам мондаву бегонаи дил.
Нафаре ҳусни маро ғорат кард,
Дигаре санъату афсонаи дил;
Хубтар аз ту касе нест, биё.
Дар дилам ҷойи ту холист, биё!

Аз яке ҳасрати ғамзод бимонд,
Аз яке лолии фарёд бимонд.
Аз ту дар тангии оҳи нафасам
Ҳаваси худкуши озод бимонд;
Рашки беёдии бод аст, биё,
Ашк дурдонаи ёд аст, биё!

Тарки нозу гунаҳу оз кунам,
Тахти андӯҳу фараҳ соз кунам,
Базми душманкуши анбоз кунам,
Рӯзгори дигар оғоз кунам;
Рӯзгорам ҳама фанд аст, биё,
Нафасам дуди сипанд аст, биё!

Шафаҷи ишқ завол аст, завол,
Оташи ҳаҷр зуғол аст, зуғол,
Зиндагӣ ҳолати ҳол аст, муҳол,
Зистан санъати нол аст, манол;
Авф Албурзи камол аст, биё,
Зиндагӣ бе ту вубол аст, биё!
*Душанбе.*
*1992*

**ПАЙКАРИ ТАНҲОӢ**

Дар ба рӯйи оламу одам кушодам,
То раҳо ёбам
зи чанги деви танҳоӣ.
Лек оламрову одамро ҳаме дидам,
Бештар аз худ
таҷанги деви танҳоӣ.

Чун кунам бо сарвати дар кони худ
нодори доро?
Чун кунам бо зиннати арзони худ
яктои якто?!
Дар дили ман
пайкаре бигзошт бояд-
пайкари танҳоиро,
То ки танҳойӣ
набошад
мисли ман
танҳои танҳо.
*Душанбе.*
*1992*

## ЛОЛАИ РУХСОРИ МОДАР

Модарам дар пушта хоб аст,
Раъд бедораш нахоҳад кард,
Барқ нофораш нахоҳад кард,
Дуриву бемеҳрии ман низ
озораш нахоҳад дод,
Дарди ширине
зи фанди хеш
бемораш нахоҳад кард.

Модарам дар хоб бедор аст,
Қатраро дар барги гул
гирдоб мебинад.
Марг ширинии бедории хоб аст,
Модари ман дар ҳарамзори мазораш
Зиндагиро хоб мебинад…

Модарам дар пушта хоб аст,
Болинаш аз санги хоро.
Дар биҳишти турбати худ
ҳар баҳорон,
Лола мекорад баройи ман,
Лолаи рухсори худро.
*Яхч.*
*1992*

## РАСТАИ МОЛҲОИ АРЗОН

*Барои шоира Озари Хоҷавӣ.*

Қиммати гаҳвораро бишкаст
қарни санду тиллойӣ,
Қиммати тобут рафт
аз ҳама имкону инсофу сахо воло.
Тоҷирон имони худро низ савдо мекунанд,
Чашми дил андар кафи по.

Зиндагӣ сардии бозори ғуруб аст,
Аз фанои рӯз
ҷуз гармии эҳсони нафас
ганҷе набояд ҷуст.
Лек бозаргони нодории ман,
Аз шабе, ки хунбаҳои офтоб аст,
Муштарии хешро хоҳад нахуст:

Аз адам дам мефурӯшам,
Заҳру марҳам мефурӯшам,
Ҳасрати хандони гирён,
Ашки Марям мефурӯшам...
Растаи колои ман беодам аст,
Оре, ман ғам мефурӯшам!
*Сиэтл. ( Амрико )*
*1992*

## ПАЁМИ ҚОСИД

Дасти тифли рӯшаноиҳо ба дастам,

Бе камону тир,
бе шамшер,
бе тазвир,
Торикистони низоъу хашмро
субҳи сафо овардаам.
Бар гили беҳосили бечорагӣ,
Бар ғунчаҳои заъфарони тирагӣ,
Бар дили беорзуи мурда,
Растахези сабзи эҳё,
тавбаи бахшандагӣ,
Раҳми худо овардаам.

Субҳи нав
чун қосиди нуру зиё
Дар марги тазвиру риё
Бар зиндагиву зиндаҳо
Нурофарин уммед мехоҳад.
Хаста шуд аз зулматафрӯзӣ
Чароғи ҷовидони осмонҳо,
Бомдоди аз дами аждар гузашта,
Аз замину осмонҳо
боз як хуршед мехоҳад!

Шамъ дар каф,
ханда бар лаб омадам,
Ман барои куштани шаб омадам!
*Душанбе.*
*1992*

## НУРУ ЗУЛМАТ

Ахтарон мурданд
аз шарми сиёҳии шаби ялдо,
Ҷовидон асрори зулматро
ба худ бурданд.
Қиссаи аъмоли шаб ногуфта монд.
Нуру зулмат кӯдаке зоданд,
Носара,
ноқис,
сархор,
Дар тулӯйи хандаи Ноҳиди миранда,
Рози ишқи поксӯзон
ҷовидон бинхуфта монд.

Ахтарон мурданд,
Ҷовидон рози базеби худфурӯзиро
Дар шитоби марги худ бурданд.
Дар лаби дунё суоле монд, монд,
Ҳамчу табхоли ҳарос
андар лаби пири гунаҳгор.
Ҳамчу жола
дар кафи барги хазон.
Ҳамчу ашки шӯри ғусса
Дар сари мижгони инсони ҳақиру зор...

Ахтарон мурданд
дар авҷи шитоби бомдод,
Дар лаби ҳайрат суоле монд, монд;

Субҳ гар фарзанди зулмот  аст,
Волидайни хешро
аз чӣ ба куштан медиҳад?
Нур гар аз тораи торӣ
нумӯ бинмудааст,
Бо чӣ маънӣ аз сафояш худнамоӣ мекунад?
Гар ҳақиқат
бар алайҳи макру тазвиру риё
ишқи зиё дорад,
Дар замини бефаришта
Бо чӣ маънӣ
дев даъвои худоӣ мекунад?!..

Дар забони ахтарон
рози хамӯшии шаби залматпарастон
Осмони сад забонро
тарк бинмуданд,
Қиссаи аъмоли шаб
ногуфта монд.
Дар сукути рафтану бозомадан,
андар заволи вақт,
Рози хуршедофари нури худо
бинҳуфта монд.
*Душанбе.*
*1992*

**ЧАРОҒИ  ОСМОН**

Дар ин маҳшар,
ки  доди ақлро девона  пурсон аст,
Дар ин манзил,
ки соҳибхонаро бегона султон аст,
Дар ин маъбад,
ки  шамъ аз зулмати шаб
хандаи  зарду сияҳ дорад,
Дар ин марзе,
ки ранҷи деҳхудо афсӯси гирён аст;

Агар  сад моҳ
аз сад чарх
машъалдори мо бошад,
Агар сад шамс
нури  рӯзгори тори мо  бошад,
Агар сад ахтару озар
зи чашми равзани зиндони мо  хандад,
Агар сад ҳур
девозори ёру ёри мо  бошад:

Ба тоҷик аз ҳама наздиктар имрӯз
Заҳҳок аст,
Ба тоҷик аз ҳама бегонатар имрӯз
тоҷик аст.
Ба қатли ин шаби ялдо
чароғи осмон бояд,
Саҳар дар чашми кӣ бедор,
Зафар дар  чашми кӣ хуншор,
Киро хуршеди нангу ор
Дар гардуни миллатофари уммеди ғамбемор
наздик аст?!

*Душанбе.*
*1992*

**ИСТЕЪФОИ ШОИР**

Дар ин майдон,
ки Фирдавсии Тӯсӣ
ориёиро
Ба асли Ориёно
оқибат пайваст,
Дар ин майдон,
ки аз “озодӣ” метарсид хоку хокрӯбаш дӣ,
Худоро, бандагони қолабу занҷирро
озод мебинам,
Агарчанде, ки ин озодии ваҳшӣ,
Ба пову гардану дасту забони ҷумлаи озодагон
занҷири таҳқиру асорат баст.
***
Дар ин майдон,
ки сангаш то кунун гарм аст
аз гармии хуни ишқ,
Хати ботил кашида
қотили хунхори рӯҳу ҷавҳари тоҷик,
Ба ишқи бегазанду нозанини мо.
Дар ин майдон,
ки қалби тоҷикаш гуфтанд,
Ба хуни мо таҳорат кард
хасми куҳнакини мо,
***
Дар ин майдон,
ба сони шаддаи марҷон,
зи мо моро гусастанд,
Зи сад ҷо
гардани гардунписанду мӯҳраи моро шикастанд,
Ки сад соли дигар бо ҳам наоем,
Ки бе ҳам маҳв гардему напоем,
Ки аҳли фазлро аз дар биронем,
Ки дар бар рӯйи деву дад кушоем...
***
Ҳунармандии хасми мо
ба таҳсину муборакбод меарзад,
Валекин қатли Сӯҳроби яли моро,
Зи дасти зодгори шӯхрабеморaш,
худойи мо намебахшад.
Барои қатли Ҳобил
Қобили қотил,
Худоё, қаҳрамони давру даврон аст,
Барои куштани модар
ба рӯйи синаи фарзанди кафтораш
нишони шӯхра мерахшад...
***
Дар ин майдон,
ҳақиқат ҷовидон пеши риё
андӯҳбемор аст,
Дар ин майдон,
барои ворисӣ меҳанпарастон -
аз барои фозили Тӯсӣ,
Ҳазорон тир

дар ҳалқи камони кинаи мозӣ,
ҳазорон ҳалқаи дор аст.
Дар ин майдон
хурӯше то кунун
Дар решаву барги дарахтон
хуфта бедор аст…
***
Дар ин майдон
ҳанӯзам аз раги фӯлодии ноқил,
Хитоби оташине мешавад боло,
Пур аз нафрат,
пур аз таҳқир,
пур аз туф:
« Ба Гулрухсор истеъфо!»,
« Ба Гулрухсор истеъфо!..» *

Зиҳӣ, қавми саховатманди дарёдил,
Чунин ҷоизаи ҷоиз,
чунин ҷоизаи якто,
Надорад шоире
ҷуз шоири ишқи туву дарди ту дар дунё!

Ҳақи мутлақ азони туст,
Бифармо, то ба гирди гардани ман
тангтар созанд,
Гиреҳи ҳалқаи дори муҳаббатро.
« Ба Гулрухсор истеъфо!»,
бале, аҳсант!
Хитобатро ба авҷи осмон сар деҳ,
Ки то баъди ману то ман
Касе дигар нахоҳад
шаҳди озори муҳаббатро!
***
Мане, ки бо ту ҳамсозам,
Мане, ки бо ту менозам,
Ту ҳар соне, ки бошӣ
ман ҳамон сонам,
Ту ҳар созе, ки бошӣ
ман ҳамон созам,
Ба таҳсинат,
ба таҳқират ҳамовозам:

Ба обу оташу хуршед,
истеъфо,
Ба ишқу шодиву уммед,
истеъфо,

Ба раҳму шафқати яздони бахшанда,

Ба суру мотаму бар ид,
истеъфо!

Ба ишқу ёру ҳақбемор,
истеъфо,
Ба нангу ору ба банди дор,
истеъфо,
Ба машъалдори шоми тор,
истеъфо..,

Ба Гулрухсор
аз нози сухан
сад бор истеъфо,
Ба Гулрухсор
аз ишқи Ватан
сад бор истеъфо!
-----------------------------------
* *Шиори майдони « Озодӣ».*
*Душанбе.*
*1992*

**ДАР ОСТИНИ МАВҶҲО**

Бар остон афтодаам
аз осмони авҷҳо.
Дарё ҳамегиряд чу ман
дар остини мавҷҳо.

Аз бенишонии фалак
бо сад нишон афтодаам.
Дар базми шайтону малак
лоли фиғон афтодаам.

Сурху сияҳ пӯшидаам
дар базми маргу зиндагӣ,
Мемирам аз фазли ҳаё,
аз иззати шармандагӣ.

Андар сари зонуи бод
беёд хобам мебарад.
Ҳайфи шиновар буданам,
дар қатра обам мебарад.

Тобути дарё холӣ аст
бар дӯши сарди мавҷҳо.
Бар остон афтодаам
аз осмони авҷҳо.
*Сиэтл. (Амрико)*
*1992*

**МАКТАБИ ТАНҲОӢ**

Аз баҳори меҳри модар,
То шикори макри довар,
Аз дусад мактаб гузаштам,
То саводи бесаводонро
кунам инкор.
То бигӯям бо забони шӯълаи озор;
Маълумоти олӣ дорам-
маълумоти олии олии танҳоӣ,
Устоди мактаби танҳоиям!

Аз китоби кӯҳнаи озори дунё,
Аз ҳисоби беҳисоби тоҷирон,
аз ҳирси савдо,
Аз шитоби ҳикмати бод,
аз итоби ҳасрати ёд,
Аз алам,
аз рашк,
аз ашки таманно:

Қанди маҷҷонӣ кӣ мехоҳад,
Панди нодонӣ кӣ мехоҳад?!

Касби ман
бо насби оҳан
кор дорад,
Дар дили шабҳо чароғаш
Пеши пойи ашкро равшан кунад.
Бомдодони сияҳфом
орзуҳои ғарибу мурдаамро,
Дар ҳарири оҳ печонидаву мадфан кунад.
Оре, оре, маълумоти олӣ дорам-
маълумоти олии олии танҳоӣ,
Устоди мактаби танҳоиям!

Гарчи андар анҷуманҳои саводи омиёна,
Бо нишони хоссаи худ
бенишону бедурахшам,
Ҳалқаи дори вафо -
мероси Мансури азизамро,
Бар ҷамеи «ло-аналҳақҳо»
дар баҳои ҷон набахшам.
*Душанбе.*
*1992*

**ДЕГИ СИЁҲУ ШЕЪРИ САФЕД**

Хумор дар сари зулфи нигор мерақсад,
Насим аз нафаси хок
накди нася мебӯяд.
Ва обшор ошиқи ҷовидонаи покӣ,
Зи коҳдуди оташи зиндагонии хокӣ,
Ба гӯши сахраи беҷон
тарона мегӯяд…

Ба оне, ки дар кавири хаёли ҳазорсолаи ман
сабзу бемарг аст,
чӣ гуна бигӯям,
Ки чаро начидааст
аз замини фалак
ситораи рӯям?
Ба оне, ки дар фишори хаёли ман намегунҷад,
Чӣ гуна намоям,
ки агар зиндаам
даме ё нафасе,
зиндаи ӯям?!
Баҳор гузашт!
Баҳор бори ҳазор гузашт,
валек мани ноком,
Ҳанӯз дар ҷазираи ҳароси шабҳангом,
Гули зи ҳусни қубҳ парваридаи худро,
Ба хилвати дареғу сиришк,
Чу тифли бегуноҳии гуноҳ
орифона мебӯям.
Ҳанӯз дар қафаси рӯзгори сурхи худ,
эй вой,
Деги сиёҳ мешӯяму шеъри сафед мегӯям.
*Душанбе.*

*1992*

**ҲУРИ ОЗОДӢ**

Инқилоби сел аз дарё гузашта,
Моҷарои мавҷ аз маҷро гузашта,
Қулла аз волоии худ шармсор аст,
Ҳиммати дилнармии хоро гузашта:
Дар баҳои санг мино мефурӯшам.
Фазли кӯру ҷаҳли бино мефурӯшам.

Зиндагонӣ шаҳкитоби сӯзу дард аст,
Мактаби ҳазёну исёну набард аст,
Яхмиҷозонро ба чашми кам мабинед,
Ҷони сармобурдаро хуршед сард аст:
Аз шарори мурда озар мефурӯшам,
Аз дили бишкаста соғар мефурӯшам.

Ёваро андар сафар ёвар нахоҳам,
Девро дар кори ҳақ довар нахоҳам.
Аз дами дам бар адам бикшода равзан,
Беш аз ин пинаки ховар нахоҳам:
Кори дил аз довару даъво гузашта,
Хоку бодам аз сари дунё гузашта!

Аз нишони бенишонии нишонҳо,
Аз забони безабонии забонҳо,
Аз гулафшони хазони армонҳо,
Дар хаёлам бишкуфад рангинкамонҳо:
Ҳафт ганҷ
　　　　аз ҳафт кайҳон мефурӯшам,
Ҳури озодӣ
　　　　ба шайтон мефурӯшам!

*Душанбе.*
*1992*

**ГӮЕД БА НАВРӮЗ…**

***Гӯед ба наврӯз, ки имсол наояд,***
***Дар кишвари хунинкафанон раҳ нагушояд,***
***Булбул ба чаман нағмаи шодӣ насарояд,***
***Хунинкафанонро лаби пурханда нашояд,***
***Хун медамад аз хоки шаҳидони Ватан, вой!***
***Эй войи Ватан, вой!..***

***Халилуллоҳи Халилӣ.***

Гӯед ба наврӯз, ки нав нест ғами мо,
Аз ҳасрати хунинкафанон чашми нами мо.
Аз ваҳшати оқипадарон пушти хами мо,
Гӯед ба наврӯз, ки ҳар рӯз биёяд!

Ҳар рӯз биёяд, дари ғамхона кушояд,
З- ойинаи дил занги ҷароҳат бизудояд,
Булбул алами миллати бечора сарояд,
Гӯед ба наврӯз аламсӯз биёяд!

Гӯед ба наврӯз, ки масрур биёяд,
Бедаҳшату беҳасрату мағрур биёяд,
Бар чашму дили ғамзадагон нур биёяд,
Гӯед ба наврӯз фаромӯз биёяд!

Дилхоҳу дилогоҳу дилафрӯз биёяд,
Бар гулшани сармозада хушсӯз биёяд,
Бар кишвари раҳмондаи шаб рӯз биёяд,
Гӯед ба наврӯз шабе рӯз биёяд!

Гӯед ба наврӯз, ки размида биёяд,
Аз сангари мардони шараф дида биёяд,
Аз гӯри шаҳидон гули ғам чида биёяд,
Гӯед ба наврӯз, ки гулдӯз биёяд!

Дар гӯш расад нолаи мурғони гирифтор,
Гулпӯш кунад марқади ёрони вафодор.
Ҷовид кунад умри фари барқи шарарбор,
Гӯед ба наврӯз шабафрӯз биёяд!

То миҳани мо
пойгаҳи мири шикор аст,
Дар гулшани мо
куштани гулғунча баҳор аст.
Ҳар пушта мазор аст,
мазори дили зор аст,
Гӯед ба наврӯз, ки пирӯз биёяд!

Ошиқ накунад ёди гулафшони чаман, вой,
Шоир нарасад бар дари илҳоми сухан, вой,
«Хун медамад аз хоки шаҳидони Ватан, вой! » -
Эй войи чаман,
войи сухан,
войи Ватан, вой!
*Душанбе- Москва.*
*1990-1992*

**ТО НАДИДАН!**

Рафтани бебозгаштатро
Ҷуғзи эҳсосам ба хунам гуфта буд,
Лек ман бовар накардам.
Лаҳзае к- ангуштҳои сарду беҷонат
аз кафам парвоз карданд,
Рафтани бебозгаштатро
Ба чашми панҷаҳои хеш дидам,
Дидаму бовар накардам…

Кӯдаки раҳгуми худ,
афсӯси худро,
Аз паят сар медиҳам ман
хандарези оҳу шеван.
Аввалину охирини қисмати ман нестӣ,
Водареғи вопасини ҳасрати ман нестӣ,
То надидан, нури дида,
то надидан!
*Душанбе.*
*1992*

**ХОБИ ОБ**

Обҳоро хоб бурда

дар сари зонуи санг,
Дар булӯри нур
мастур аст рақси ширмоҳӣ.
Рӯдбори хаставу бахри дамон ошиқ наянд,
Мезанад чашми уқоби пир
бо ёди баландиҳо сиёҳӣ…

Аз гули хайрӣ гарам хайрест боқӣ,
Борчӯби шасти моҳигир хоҳад шуд.
Шохбайти худнамоии чаман
андар хазони барг
бехонанда аст,
Барф аз гардун
ба ҳомун норасида
пир хоҳад шуд.
*Душанбе.*
*1991*

**БАҲОРИ МАЗОР**

Баҳори пуштаи ҳасрат гулафшон аст,
Ба рӯйи марқади гумному соҳибном.
Касе ин ҷо намегиряд
барои меҳрубони худ,
Касеро нест бар ин хок
оҳи ҳасрате пайғом.

Баҳор аз чашму рӯйи арзу гардун
нусха мегирад,
Барои гулшани гирёну хандонаш.
Гули доимбаҳору санги хоро ишқ меварзанд,
Ба рағми шарми урёнаш.

Шафақ бедард механдад,
Ғуруб аз дард мемирад.
*Яхч.*
*1991*

**ИНТИҚОМИ ЗАН**

Меравам аз ошёни мармаринат,
Аввалинат,
охиринат,
беҳтаринат.
Меравам аз сангари уммед,
навмед,
Тирполои нигоҳи оташинат.

Меравам, к-аз хеш ёбам хештанро,
Маъбаду обидаву дору расанро.
Аз барои мурдаи ишқи ғарибам,
Дар нигоҳи зиндае гӯру кафанро.

Меравам бе тӯшаи меҳру бақоят,
Дар лаби хомӯш савганди ҷазоят.
Меравам ҳамчун азизи бовафоят,
Душманатро дӯст медорам ба ҷоят!

*Душанбе.*
*1991*

## САРМО

Барф меборад,
замин ойина дар санг аст,
Зистан дарки сукути нолаи чанг аст.
Зиндагиро дӯст медорам,
валекин барф меборад,
Борбадро оҳи ман шерози оҳанг аст.

Боядам бо хештан
дар кунҷи танҳоӣ,
Ҳамчу шери кӯр размидан.
Боядам бо чашми устурлоби худкоҳӣ,
Кам шудан,
афзудани худро аён дидан.
Баъди худозурдану худкуштанам,
бояд,
Аз ҳисори маъбади ворунаи рӯҳ,
Пораҳои пайкари садпораро чидан.

Боядам дар марзи сармобурдаи ҷонам,
Донаи сӯзи муҳаббат кошт.
Боядам тифли ҳақири орзуямро,
З - осмони остон бардошт.
Мурдаҳоро дӯстдорӣ кори осон аст,
Зиндаҳоро сахту мушкил
дӯст бояд дошт.
Барф меборад!
*Москва.*
*1991*

## ПАЙКАРИ ФАРСУДА

Пайкари фарсуда дидам
дар дили саҳрои торих,
Пайкари бесоҳибу бемарқаду урён.
Дар сари ҷисми ғарибу ломаконе,
Раъд Чингизхони сонӣ буду тундар,
Фитназои маснади хунини Нерон.

Пайкаре парканда дидам,
Ҷумҷумаш аз дори дунё
дошт ёди тахти Доро.
Андаруни косаи бишкастаи қалбаш
шукуфта,
Лолаи зарду шақоиқ
чун нишони дарду доғаш.
Шаҳкитоби сӯхта андар канораш,
Дуд мекард аз димоғаш.

Пайкаре садпора дидам,
Мӯҳри шамшери Сикандар дар ҷабинаш,
Устухонаш ларзаи ҷабри араб дошт.
Дар ду чашмаш

накши наъли аспи манғит,
Хоки сардаш
аз шамоли чаҳли Темурланг
таб дошт…

Пайкаре фарсуда дидам,
Гарданашро панҷаи гардун шикаста.
Гурдаашро хок хӯрда,
Сираташро дурбини дидаи кайҳон гирифта,
Сураташро бод бурда…

Хостам бар хок биспорам тани бемӯмиёро,
Аз нигоҳи хандаи моҳу ситора.
Чун ба чашми холияш кардам назора,
Хешро бишнохтам,
мурдам дубора.

*Душанбе.*
*1991*

**ИСЁН**

Зиндагиям миннати афсона аст,
Бӯстонам зиннати вайрона аст.
Саргузаштам қиссаи ҳар хона аст,
Хастаам,
аз худнамойӣ, хастаам!

Нописандонро писандам сода нест,
Даъвии дори баландам сода нест,
Сӯзи дарди банд - бандам сода нест,
Хастаам,
аз худҷазойӣ, хастаам!

Хеши бадкешам ҳабиби дигар аст,
Дардбахши ман табиби дигар аст,
Рӯзии рӯзам насиби дигар аст,
Хастаам,
аз порсойӣ, хастаам!

Раҳнамову раҳкушоям раҳзан аст,
Он чӣ месӯзам ба сонаш гулхан аст,
Он кӣ медонам ҷаҳонаш меҳан аст,
Хастаам,
аз бовафойӣ, хастаам!

Тоири парбастаи кайҳони худ,
Зодаи озодии зиндони худ,
Зевари худ,
қиммати арзони худ,
Хастаам,
аз бенавойӣ, хастаам!

Аз фиғони хандаҳои хештан,
Аз сари бесарпаноҳи хештан,
Дар паноҳи ашку оҳи хешан,
Хастаам, аз бесадойӣ, хастаам!

***

Хастаам,
аз подшоҳӣ, хастаам!

*Душанбе.*
*1991*

## ГУЗАРГОҲИ ОҲУ

Зиҳӣ, қиблаи ман,
назаргоҳи хуршед,
Зиҳӣ, маъбади ман,
гузаргоҳи оҳу.
Диҳад мурдаро ҷон,
диҳад зиндаро рӯҳ,
Таробеҳи чашма,
муноҷоти « ёҳу».*

Зи ҳар санги кар
чангу соз оварам ман,
Ба ҳар пораи гил
намоз оварам ман.
Бирав орзуи камоли ҷамоле,
Ба ҳар барги комил
намоз оварам ман!

---------------------

**** Хониши як намуди кабӯтар.***

*Душанбе.*
*1991*

## ТАРОНАИ МУҲАББАТ

Чу нури ҳақ зи ҳақрасон расидаӣ,
Чу субҳ аз дили шабон расидаӣ,
Чу тахти бахти тоҷикон расидаӣ,
Зи меҳри пок меҳрабон расидаӣ:
Замини нозанини мо,
туйӣ, Ватан!
Умеди охирини мо,
туйӣ, Ватан!

Мақоми мо фарози ифтихори туст,
Мароми мо ниёзи нангу ори туст,
Сиришти мо сафои рӯдбори туст,
Биҳишти мо ҳисори кӯҳсори туст:
Замини нозанини мо,
туйӣ, Ватан,
Умеди охирини мо,
туйӣ, Ватан!

Ту субҳи нодамидаро башоратӣ.
Ту бахти тоҷиконаро иморатӣ,
Ту такядори ваҳдату муҳаббатӣ,
Ту қисматӣ,
ту модарӣ,
ту миллатӣ:
Замини нозанини мо,
туйӣ, Ватан,
Умеди охирини мо,
туйӣ, Ватан!

*Душанбе.*

*1991*

**ВИДОЪ**

Дили субҳ аз оҳи шаб шуд сиёҳ,
Шаби номуродон надорад сабоҳ.
Ғамамро гузору бубар шодият,
Ба ғам такя созам мани ғампаноҳ:
Ту ҳам меравӣ?
Ҳама мераванд!

Сабо бӯйи садбарги пажмурда овард,
Хаёлам ғами шодии мурда овард,
Ба дӯши шаби нотавон такя кардам,
Суруди видоъи туро гиря кардам:
Ту ҳам меравӣ?
Ҳама мераванд!
*Москва.*
*1990*

**ШЕЪРИ ТАБ**

Ва гургу раммаву чӯпон низ
бояд бидонанд,
Ки модари зиндагӣ
зояндаи марг аст.
Ва духтару девонаву довар низ
шояд наранҷанд,
Ки дирӯзи фардо
ояндаи марг аст.

Ва шоҳе, ки тахташ
ба ҷуз тахта нест,
бояд бидонад,
Ки худ ҳеҷу мӯҳраш сарояндаи марг аст.

Ба мурғу оҳуву сайёд,
Ба шеру ба мору малах низ
гӯшрас бояд,
Ки озодии озодагон
нусхаи асорату банд аст.
Ба чашми дару дарбачаву дами варта бояст
ҳастии хешро санҷид,
Ки ба устухони нестии башар
гиреҳпайванд аст.

Ба рӯду шамолу шағол,
Ба зоғу андалебу парасту,
Ба нуру ҳавову хаёл,
Ба суръати вусъат,
Ба фирори насим,
Ба фишори хун,
Ба рақси ҷон..,
Зи лаззати захри заҳраи ҳастӣ
навид бояд дод.
Ба боғи хазону меваҳои бодрумаш,
Зи ахгари дидаи гуруснагон
умед бояд дод.

Ҳарчанд, оввах,
умед низ маргзоди навмедист!
*Порис.*
*1990*

## КӮҲИСТОНӢ

-Туро бо санги кӯҳат мезананду нарм механдӣ,
Чӣ механдӣ, кӯҳистонӣ?
-Ба шоҳаншоҳии каргас,
Ба номардиву шайтонӣ!

-Зи риши обшору чашмаи чашми ту ҳайронам,
Сарат бар дӯши гӯристон,
Чӣ мегирйӣ, кӯҳистонӣ?-
- Зи волоии симу зар,
Барои қадри инсонӣ!

Дар ин дунёи пурофат,
Ба рӯйи сад балову бад,
Чаро дарвозаи худро намебандӣ, кӯҳистонӣ?
-Худоро кардаам даъват ба меҳмонӣ!

-Чӣ хоҳӣ монд андар хони яздон,
Ҷуз дилу имон, кӯҳистонӣ?
- Як олам садқаву банда,
Ду тоқӣ себи хубонӣ!
*Душанбе.*
*1990*

## ФАРЁДИ НИҲОН

Ман ҳамонам, ки дӯст медорам,
Осиеро, ки ошиқи ман нест.
Ман ҳамонам, ки бахт мебахшам,
Омиеро, ки лоиқи ман нест.

Ман ҳамонам, ки нағма пардозам,
Аз фиғони ниҳони нолиши худ.
Ман ҳамонам, ки мезанам фарёд,
Дар дили шаб
ба гӯши болиши худ.

Ман ҳамонам, ки мезанам чак-чак,
Аз қирони хатои ахтари худ.
Ман ҳамонам, ки захр менӯшам,
Аз фироқи назода духтари худ.

Ман ҳамонам, ки аз мадороям
Бо замон, бемадораму берӯҳ.
Ман ҳамонам, ки қаҳ-қаҳи мастам,
Пур бувад аз ҳақорати андӯҳ.

Ман ҳамонам, ки дар фиреби худ,
Гӯӣ Саъдист дар ғазал устод.
Ман бар онам, ки дар ҳама дунё,
Масли ман номурод

мабод, мабод!

*Берлин.*
*1990*

**ҶАМЪИЯТИ ТАНҲО**

Ин зан, ин танҳои танҳо,
Дар хиёбон гул бикорад
аз сиришки хандаҳояш.
Ин сафири раъд,
ин барқи шараpзо,
Оқибат аз сардӣ хоҳад мурд
дар оғӯши оташ.
Ин зан, ин гурде,
ки тарсад аз садои боли булбул,
Сӯйи сангарҳо кашад
номардҳоро,
Бо сукуташ,
бо нидояш.

Ин зан, ин гулкори сабзонида аз умеди навмед
Гулшани хори мағелон,
Ин зан, ин ноландаи дарди ҳазорон,
Дар дилаш сад наъраи тарканда пинҳон,

Дар шаби меъроҷи наврӯз
Хизри покиро ҳамехоҳад
зи чашми шабнами себарга дидан,
Ишқварзии замину осмонро
хостгор аст,
Оштии зиндагиву маргро
хоҳад зи лаҳни кӯдаки навзо шунидан.

Ин зан, ин бонуи гулдӯзи аламҳо,
Беҳунарҳоро надорад чашми дидан.
Чашми эшон низ ӯро
аз дусад ҷо парма дорад.
Ин зан, ин ҳури таманно,
Бахтро дар хоб дида,
Зиндагиро дар фиреби анҷуманҳо.
Мекунад ҷавлон азизи боду борон
Дар хиёбони фиребо.

Ин зан, ин аз хеш домангир
андар дори дунё,
Ҷуз хиёбони фиребо
маскани дигар надорад.
Чун ба ҳақ хоҳад супурдан ҷони ноҳақ,
Дар сари болини танҳо
модару духтар надорад,
Ин зан,
ин ҷамъияти танҳои танҳо.

*Малеевка.*
*1990*

**НОМА БА НОМИ ЯК РАҲГУЗАР**

Марди худо, салом,
эй бебақо, салом.
Аз ҳузни мо дуруд,
аз дарди мо, салом!

Наъли саманди ту
дар остони ман ,
Аз чашми бад нашуд,
мӯҳри амони ман.

Дар бӯстони ту
гул ҷовидона аст.
Оҳи хазони ман,
марги ҷавона аст.

***

Эй раҳгузар, салом,
ними назар, салом,
Аз ҷони ишқсӯз,
аз чашми тар, салом!

Тарбод мерасад
шабҳо ба доди ман.
Бӯйи ту мекунад
сад барги ёди ман;

Ёди пур аз фиғон,
ёди пур аз хумор,
Ёди пур аз биҳишт,
ёди пур аз баҳор!

Бар нахли навбарат,
аз беди ман, дуруд.
Бар чашми шабхушат,
аз шеди ман, дуруд.

Бар хандаи фараҳ
аз ашки ман, салом!
Бар Шаҳрзоди ту
аз рашки ман, салом!

*Душанбе.*
*1990*

**ФАСЛИ РОЗ**

Фасли рози ман гузашт,
Наврӯзи нози ман гузашт.
Бо ҳавои боду борон,
Сӯзу сози ман гузашт.

Дарди ман аз ман бузург аст,
Шодиям озар надорад.
Духтари нозодаи ман,
Ҷовидон модар надорад.

Нури ҳуснам бенишон аст,
Дар дурахши шӯълазодон.
Ишқи ман бобуна корад,

Дар мазори номуродон.
*Москва.*
*1990*

**РАҚСИ ШАРАР**

Мабанд равзанаи чашми сиёҳу фитнагарат,
Зи ишқи Хусраву Ширин
ба ман ривоя магӯй.
Гарам чароғи ишқи туро
ба рӯзҳо ҷустам,
Ту офтоби ишқи маро
раҳнамои соя маҷӯй.

Аҳура дар фалаки қудс гулхан афрӯзад,
Даме ки дар замини ду қисмат
ситора мерахшад.
Зи ишқ шеър бихон,
ишқ шоирам карда,
Маро ба дида бибӯс,
дида роз мерақсад.
*Душанбе.*
*1990*

**ТАРОНАИ ТАКРОР**

***Дунёра бин, дунёра бин,***
***Худро бубину мора бин!***

Як сӯ ғами бемарқадӣ,
Як сӯ ғами бемазҳабӣ,
Як сӯ ғами қавми ғариб,
Як сӯ ғами бемактабӣ;

Боғ аст ҷавлонгоҳи зоғ,
Булбул хамӯшӣ мекунад.
Қобил, ки хокаш даркашад,
Ҳобилфурӯшӣ мекунад.

Аз ганҷи савдои Ватан,
Лутфи аморат мехарад.
Бар ҳафт пушти хештан,
Маргу ҳақорат мехарад.

Зарбе, ки аз ӯ мерасад,
З-он қотилу дардовар аст,
К -аз хишти девори падар,
В-аз санги нанги кишвар аст.

Теғе, ки моро мекушад,
Дар ҷайби додарҳои мост.
Моро ба дасти мо задан,
Ойини сарварҳои мост.

Дунёра бин, дунёра бин,
Бемиллату беора бин!

***Душанбе.***
***1990***

## САД БАРГИ ЁД

Аз ман гузаштаӣ, вале
бигзашта нагзарад,
Бо марги ёди ту.
Аз ту буридаам, вале
сабз аст дар ҳаё,
Сад барги ёди ту.

Бе ман нишастаӣ, вале
дар пушти панҷара,
Ишқу баҳор нест.
Ман низ бе ту мурдаам,
Дар қалби бисмилам,
Рашку хумор нест.

Ашке, ки аз раҳи дилам
бероҳа меравад,
Рӯди кабуди гиряи барфи ситеғи туст.
Мурғе, ки дар мазори дил
шаб гиря мекунад,
Ҷуғзи дареғи туст.
*Душанбе.*
*1990*

## УМЕДИ НОУМЕД

Азизам, шеъри ман фарзанди ишқи туст,
Бимирам аз азоби дарди тавлидаш.
Умеди ноумеди ман падар дорад,
Вале гирён бувад аз рӯи нодидаш:
Ба ҷойи ту хаёлатро ҳамебӯсам!

Азизам, умри ман чун лахчаи сард аст,
Худ оташзода асту куштаи оташ,
Нигоҳам мерамад,
Набзам намерақсад,
Намехандад гули пажмурдаи оташ:
Ба ҷойи ту хаёлатро ҳамебӯсам!

Азизам, боди наврӯзӣ наоварда,
Барои Гул паёми гулнисоратро.
Ба китфи пуштаҳо бодом афшонад,
Гулобӣ ғунчаи ҳузну хуморатро:
Ба ҷойи ту хаёлатро ҳамебӯсам!

Азизам, дар шаби ғамзои танҳоӣ,
Ба ҷойи ту хаёлатро ҳамебӯсам.
Бубинам дар фазо рақси парастуе,
Парастуи висолатро ҳамебӯсам:
Ба ҷойи ту хаёлатро ҳамебӯсам!

Азизам, оламе шеъри маро хонад,
Чу пайғоми ҳазини яккафарёде.

Гуле бинӣ агар дар панҷаи боде,
Зи Гулрухсори пазмонат бикун ёде:
Ба ҷойи ту хаёлатро ҳамебӯсам!
*Душанбе.*
*1990*

**ДАР ДИЛИ ШАБ**

Дар дили шаб
шубони ахтарҳо,
Дар ҳисоби рамма саргум аст.
Ҳосили шаб - пиёлаи ҳоким,
Пур зи хуни фақиру маъсум аст.

Қотили фар - чабераи Маҳмуд,
Аз димоғи Ватан барорад дуд.
Наврасон зери тир мерақсанд,
Пеш аз марг,
баъди марги худ.

Дар дили шаб
фариштаи исён,
Тарк бинмуда маъбади афлок.
Дар дили шаб
зи пушта муште чанд,
Сар кашад ҳамчу гурзи ҳақ аз хок.

Дар дили шаб
ба шоҳи булбулҳо,
Чӯҷаи ҷуғз нағма омӯзад.
Мо наафрӯхтем гулхан, на,
Дар дами боди тоқати таҳқир,
Парчами сабри Кова месӯзад!
*Душанбе.*
*1990*

**ДАРДИ КОМИЛ**

Гуло, хоро, камоли комили дардат
муборак бод!
Дилат ҳушёр шуд,
ақлат ба сар омад?
Муборак бод!
Чу дардат мард шуд
бо шодии номард меҷангад,
Чу хайрат
дар ситези шарр
сипар омад,
муборак бод!

Гарон афтодаву бархостӣ
то кашф бинмудӣ,
Ки рӯбаҳ шер натвон зод,
ҳасрат сур натвон зод.
Кашида ҷабри сад манъе,
расида бар сари маънӣ,
Ки зулмат нур натвон зод,
шайтон ҳур натвон зод!

Зи кашфи содаи худ
сода мурдан
лаззате дорад,
Ба зери дори худ
озода мурдан
лаззате дорад,
Зи марги дӯстони садзабон
дар остин гирён,
Зи боди ҳаҷр на,
аз бода мурдан
лаззате дорад.

Машав ҳайрон
агар дар лаълии заррини Золи Зар,
Саратро хоинони миллатат
пеши ту бугзоранд.
Аё маҳруми меҳри ҳокимону ҳосидон,
эй Гул,
Туро нуру хирад -
тифлону пирон дӯст медоранд!
*Душанбе.*
*1990*

## МАРСИЯИ НАВИ КӮҲНААЛАМ

Боз аз дарди сияхрӯзии ту,
Ларза афтода ба ҷони Аҷамам.
Сарви хушкидаи андӯҳи ту аст,
Дар сари гӯри шаҳидон қаламам,
Миллати кӯҳнағами навaламам!
***
Хонаву боғу гулистони ту на,
Киштаву ҳосили ман месӯзад.
Дару девори валангори ту на,
“ Дили ман,
қандили ман месӯзад!”,
Миллати кӯҳнағами навaламам!
***
Он ки дӣ сохт манора зи сарат,
Сӯхт имрӯз дарахти самарат,
Кард хомӯш чароғи фараҳат,
Кард хунинкафану дарбадарат,
Миллати кӯҳнағами навaламам!
***
Қафаси танг
ба майдонат бурд.
Хуни яхбаста
ба исёнат бурд,
Дари пӯшида
ба дарбонат бурд.
Хатари дев
ба девонат бурд,
Миллати кӯҳнағами навaламам!
***
Дод гуфтӣ, ки ба додат бирасанд,
Ҳомии ҳоли харобат бирасанд,
Пасти пастон

ба мақомат бирасанд,
Масти мастон
ба саробат бирасанд,
Миллати кӯҳнағами наваламам!
***
Хоинат пушти гунаҳ
пинҳон аст,
Зиндагӣ банда,
аҷал султон аст,
Тири сӯзон
ба сарат борон аст,
Гурзу теғу сипари ту нон аст,
Миллати кӯҳнағами наваламам!
***
Қотилат шеваи кафтор кунад,
Тоҷи ту,
маснади ту
хор кунад,
Хуни фарзанди ту анҳор кунад.
Дор аз бори сараш
ор кунад,
Миллати кӯҳнағами наваламам!
***
Аз замини нафаси сӯхтаат,
Ҳасрати сабзи туро медаравам.
Аз фалак,
аз ҳарами ҳуру малак,
Навҳаи набзи туро мешунавам,
Миллати кӯҳнағами наваламам!
***
Бенавойист
навои асарат,
Бехудойист
худойи самарат,
Оқибат дар дили намноки мазор,
Соҳиби хонаи нав шуд писарат,
Миллати кӯҳнағами наваламам!

Эй худ озурда
худо ёрат бод,
Буди нобуда
худо ёрат бод.
Дар набарди сияҳи Оҳарман,
Рӯҳи Ҳурмузд мададгорат бод,
Миллати кӯҳнағами наваламам!
*Душанбе.*
*1990*

## ЗАВЛОНА

Чанги ҳангам дар лаҷоми аспи тақдир,
Дар таги борони меҳру кинаву тир,
Аз сафири қисматам ҷуёи тадбир,
Садди мушкил,
ҳадди мушкилро гузаштам,
Сарҳади дил,
сарҳади чилро гузаштам.

Сарнавиштам достони садзабон аст,
Ҳасратам чун ашки мардон ноаён аст,
Суди ман аз банди озодӣ зиён аст:
Садди мушкил,
ҳадди мушкилро гузаштам,
Сарҳади дил,
сарҳади чилро гузаштам.

Шири мурғу пойи морам буду бояд,
Дар зимистон навбаҳорам буду бояд.
Ишқ айбу ифтихорам буду бояд:
Садди мушкил,
ҳадди мушкилро гузаштам,
Сарҳади дил,
сарҳади чилро гузаштам.

Боядам омодаи ҳар сила будан,
Дар набарди ҳиллаҳо беҳила будан,
Дар дили зилзилаву бегила будан:
Садди мушкил,
ҳадди мушкилро гузаштам,
Сарҳади дил,
сарҳади чилро гузаштам!

*Душанбе.*
*1990*

**ХИЁБОНИ ЗАНИ ТАНҲО**

Хиёбони зани танҳо,
ғамистони тани танҳо,
Гули озор хушкида,
ба гулдони зани танҳо.

Хиёбони зани танҳо,
биёбони тани танҳо,
Кашад чун тифли бемодар
зи домони зани танҳо.

Хиёбони зани танҳо
зи гардун мешавад оғоз.
Чу рӯҳи соҳибаш охир,
ба гардун мекунад парвоз.

Аз ин кошонаи бедар,
аз ин ганҷинаи безар,
Аз ин оташгаҳи хомӯш,
аз ин кайҳони беахтар,

Зару зевар кӣ меёбад,
дилу дилбар кӣ мехоҳад?
Гили ахтар кӣ мебинад,
гули ахгар кӣ мехоҳад?!

Чӣ механдед, эй мардон,
чӣ хомӯшед, эй мардум?
Хиёбони зани танҳо,
шуморо мекунад маҳкум!

*Душанбе.*

*1990*

**ФАРИШТАИ ТАНҲО**

Қандилу моҳу оҳи оташгоҳ,
Шевани боду гулшани урён.
Ҷомаи сӯфиёна пӯшиданд,
Сангҳои сиёҳи кӯҳистон.

Ханҷари сарду симии сармо,
Ғунчаро даҳшати аҷал дорад.
Дар замини дили ҳазини ман,
Осмон тухми яхча мекорад.

Дар дами тарма одами барфӣ,
Кулбаи барфӣ мекунад обод.
Дар ҳисори баланди танҳоӣ,
Қалъаи санг мекунам бунёд.

Манзили ман зи оҳи ту гарм аст,
Қандили ту зи сӯзи ман равшан.
Номаи ҳаҷри туст барфи сафед,
Эй шаҳи бенишон, ба номи ман.

Барф ашки фариштаи танҳост,
Сардии рӯзгори ман дорад.
Дар таги барфи дай ниҳоли дубар,
Мевае аз баҳори ман дорад.
***
Базми зоғу заған чамангир аст,
Барф меборад,
ба гулшан барф меборад.
Аз дили ман,
аз дили ман барф меборад,
Бар гили ман,
бар гили ман барф меборад.

***

Барф ашки фариштаи танҳост!
*Душанбе.*
*1989*

**САРМОЯ**

Танҳоиям, танҳоиям,
девори озори гуноҳ
Тоҷи ғурурат бар сарам
аз сифлагон ҷӯям паноҳ.

Танҳоии танҳои ман,
ғампарвари ғамҳои ман,
Даъвогару даъвои ман,
савдогару савдои ман.

Маҳзунии ту шодӣ аст,
вайронаат ободӣ аст.
Аз худ гурезам сӯйи ту,
зиндони ту озодӣ аст.
***

Эй аз ҳама ганҷи ҷаҳон,
ганҷи гарону қимматам.
Андар ҷаҳони симу зар
сармояи беминнатам!

Танҳоии танҳои ман!
*Душанбе.*
*1989*

**ЯК РӮЗИ ДАРОЗ ...**

Як рӯзи дароз кӯдаке гирён буд,
Ҳасратзадаи лӯъбати гумкардаи худ.
Як рӯзи дароз боғбон нолон буд,
Дар боғи хазони дастпарвардаи худ.
***
Як рӯзи дароз ҷуғз дар лонаи ғайр,
Бегонаву дуздона фароғат мекард.
Дар панҷаи шерафкани сайёди аҷал,
Ҷӯлида ба хун ғизол тоқат мекард.
***
Аз марги ситораи ба хок афтода,
Як рӯзи дароз осмон мотам дошт.
Дар хонаи Афғон ду ҷаҳон дошт фиғон,
Тоҷик зи марги худ ниҳон мотам дошт...

*Душанбе.*
*1989*

**ДАРМОНИ ХАНДА**

Ҳоли аҷабе дорам,
ҳузни тарабе дорам,
Луълӯи лаби лоло,
табхоли табе дорам,
Механдаму механдам.

Аз рамзи гули худрӯ,
дар синаи санги кӯҳ,
Тифли алами шодӣ,
пири фараҳи андӯҳ,
Механдаму механдам.

Аз зардии рухсорам,
аз шодии озорам,
Дар сангари номардон,
аз мардии ночорам,
Механдаму механдам.

Бар заркадаи безар,
бар афъии ҳалвогар,
Бар дилбарии бе дил,
бар сарварии бе сар,
Механдаму механдам.

Бар лӯъбатаки бозор,

бар пастаки бадосор,
Бар шоираки дарбор,
гулгунаву Гулрухсор,
Механдаму механдам.

Чун боди сабо рақсон,
чун абри само гирён,
Чун лоли худо хомӯш,
ҳури ҳарами шайтон,
Механдаму механдам.

Размандаву тарканда,
бар бадгуҳарон банда,
З- ин бандагӣ шарманда,
аз хандаи худ канда,*
Механдаму механдам...
--------------------------------
** Беҳол, бемадор.*
*Душанбе.*
*1989*

**ҶОДУ**

Ба ҳар даме, ки аз адам ғанимат аст,
Ба дарди ман, ки миннати муҳаббат аст,
Ба оташе, ки аз худо башорат аст,
Туро дубора ҷоду мекунам.

Агарчи ғайрхоҳу ғайрпарварӣ,
Ғами маниву ғамгусори дигарӣ,
Агарчи сардҷону чашмозарӣ,
Туро дубора ҷоду мекунам.

Ба сабзии баҳори орзӯйи ман,
Ба набзи беқарору пешгӯйи ман,
Ба қасди жолакории адӯйи ман,
Туро дубора ҷоду мекунам.

Ба шарми ман, ки зодаи асорат аст,
Ба нанги ман, ки такядори тоқат аст,
Ба ашки ман, ки гавҳар асту қиммат аст,
Туро дубора ҷоду мекунам.

Ба ҳузни Махфиёнаи * таронаам,
Ба ишқи поксӯзи суғдиёнаам,
Ба сабри мардафкани занонаам,
Туро дубора ҷоду мекунам!
----------------
**Махфӣ. Тахаллуси шоира Зебунисо.*
*Душанбе.*
*1989*

**ЗАБОНИ РӮДАКӢ**

***Бе забони модарӣ***
***бе миллатам,***
***Бе забони модарӣ***

***бемодарам!***

Эй забони ҷовидони Рӯдакӣ,
Дашнаву теғу синони Рӯдакӣ,
Аз даҳони ворисон афтодаӣ,
Дар замини садзабони Рӯдакӣ.

Хокбозе осмонат доданист,
Пайкаре берӯҳ ҷонат доданист,
Эй мақоми давлати Сомониён,
Кист оне, ки мақомат доданист?!

Санги миннат баргу бори ворисон,
Оҳи ҳасрат хандаёри ҳақбаён.
Безабоне миллати фарзонаро ,*
Чун диҳад аврангу фарҳангу забон?!

Ман аз ин бозӣ ба маргам розиям,
З - ин забонбозӣ ба маргам розиям.
Доҳии давру замон бо ман насохт,
З - ин замонсозӣ ба маргам розиям!

Эй забони шеър, эй лаҳни малак,
Ҳадяи чархи барини ман туӣ.
Аввалину охиринат нестам,
Аввалину охирини ман туӣ!

Эй забони ҷовидони Рӯдакӣ!
*Душанбе.*
*1989*

**ЗИЛЗИЛА**

Ин хок чӣ мегӯяд
бо наъраи хомӯшӣ?
Афлок чӣ меҷӯяд,
аз марзи фаромӯшӣ?

Ин пуштаи пуштопушт,
аз пушти кӣ рӯйида?
Сангони баланду паст,
аз мушти кӣ рӯйида?

Ин барқи шарарафзо,
аз оташи набзи кист?
Зулфи хами маҷнунбед,
чилкокули сабзи кист?

Ин раъди хурӯшанда,
аз хашми кӣ нолон аст?
Ин чашмаи бесоҳиб,
аз чашми кӣ гирён аст?

Ин арчаи береша,
аз ҷони кӣ сабзида?
Дар тугмачаи қоқу,
мижгони кӣ сабзида?

Марҷони арӯси кист,
дар гардани марминҷон?
Кай неш занад з- ин хок,
тухми алами инсон?!
*Шарора.( Ҳисор )*
*1989*

**ТАРОНАИ ПАДРУД**

“ Себарга хазон, барги себарга хазон,”
Ҷонам ба лаб омада зи фарёди ниҳон.
Монандаи нақши бод андар об аст,
Наврӯзиву худсӯзии умри гузарон:
Эй умр, эй бод.
Эй бахт, ғамзод!

Ман оташи чашми ту будам, сард шудам,
Ман сабзаи меҳри ту будам, зард шудам.
Ман қуллаи сеҳри ту будам, гард шудам,
Ман шодии ишқи ту будам, дард шудам:
Эй мард,эй дард.
Эй нур, эй сард!

Доми ту ба озодии ман чанг занад,
Ҳузни ту ба шодии дилам санг занад,
Нури ту сафои офтоби саҳар аст,
Субҳи ту ба шоми умри ман ранг занад:
Эй ишқ, эй уд,
Эй ашк, эй руд!

Рашки ту ба рашки лӯлиён мемонад,
Чашми ту ба чашми осмон мемонад,
Меҳри ту ба нози кӯдакони сода,
Хашми ту ба хашми осиён мемонад:
Эй мард, эй дард,
Эй нур, эй сард.
Эй ишқ, эй уд.
Эй ашк, эй руд,
Падруд, падруд!
*Москва.*
*1989*

**ҲАЙКАЛЕ АЗ САНГИ ПАРТОБ**

Ба ёди ошиқи дилмурдаи зан,
Ба ёди хотири озурдаи зан,

Ба ёди оташу афсуну сеҳраш,
Ба ёди маъбаду меҳроби меҳраш,

Ба ёди қиблаи бе қиблагоҳаш,
Ба ёди ҳастии бесарпаноҳаш,

Ба ёди ҳузну оби дидаи ӯ,
Ба ёди ғунчаи ночидаи ӯ,

Ба ёди хандаҳои ашкбораш,
Ба ёди ҳасрату дарду хумораш,

Ба ёди гулшани пажмурдаи зан,

Ба ҷойи маъбади афсурдаи зан,

Зи санги мардҳо афканда сӯям,
Барои хеш ҳайкал мегузорам!
*Душанбе.*
*1989*

**ШАҲРИ РӮЪЁ**

Зиҳӣ, шаҳре, ки боғу манзилаш гул дораду булбул,
Раги шарёни рӯдашро навои обшорон аст.
Насимаш бӯйи доруи фараҳкушро намедонад,
Хиёбонаш қадамгоҳи гулафшони баҳорон аст.

Зиҳӣ ,шаҳре, ки ёронро набошад бӯсаи урён
Арӯсонаш зи барги гул қабои арғавон доранд.
Барои шоҳмардонаш шараф тоҷест меросӣ,
Баимон мӯйсафедонаш зи некон достон доранд.

Зиҳӣ, шаҳре, ки меҳмонро зи мизбон метавон бишнохт.
Вазирашро, сафирашро зи duздон метавон бишнохт.
Кафи дасти гадоёнаш зи назри вақт холӣ нест,
Саманду модиёна, мешу гургон метавон бишнохт.

Зиҳӣ, шаҳре, ки дар базму тарабҳояш адаб соқист,
Адибонаш сухандону суханбону ғазалхонанд.
Барои иззати рӯҳу равони миллати шоҳӣ,
Намози назм аз «Шаҳнома» -ву панду масал хонанд.

Дар он шаҳре, ки рӯъёист, эй дилдори рӯъёӣ,
Зи дидори ту, хоҳам, бишкуфад боғи хумори ман.
Ҳамехоҳам, ки бошам Шаҳрзоди қиссапардозат,
Ту бошӣ шаҳрдору шаҳрбону шаҳриёри ман…
*1989*

**ИШҚНОМА**

Эй уди ман, эй дуди ман,
эй сад зиёни суди ман,
Эй ташнагии ҷовидон,
эй дар биёбон руди ман.

Бедардии дардам туӣ,
номардии мардам туӣ,
Гулгунчаи зардам туӣ,
оташгаҳи сардам туӣ.
***
Дилсардҳоро озарӣ,
дармондаҳоро доварӣ,
Ҳам ин раҳӣ, ҳам он раҳӣ,
«ҳам ин сарӣ, ҳам он сарӣ»*
***
Яздони ман, шайтони ман,
ту дидаву диди манӣ,
Ту мотаму иди манӣ,
ту маргу тавлиди манӣ.
***
Ту шӯъла, ман хокистарам,

ту ханда, ман чашми тарам,
Дарё туйӣ, ман гавҳарам,
ту сарварӣ, ман бесарам.
***
Эй ишқи ман, эй сад китоб,
эй сад суолу як ҷавоб.
Эй оташи сад инқилоб,
эй зодаи сад офтоб.
***
Ту барқиву ман шӯълазо,
ту раъдиву ман бесадо,
Эй ишқ, дарди дардҳо,
ман бехудам, ту бехудо!
-------------------
****Аз Мавлоно.***
*Душанбе.*
*1989*

## РӮЗИИ НАВРӮЗӢ

Сурӯши ишқ аз кайҳон расида,
Зи барқи шод деви ғам рамида.
Туро, эй ғуссаи мерос, падруд,
Дуруд, эй сӯзи аз сармо расида.

Ману танҳоиву ҷон кандану шаб,
Биёбону ғизоли тирхӯрда.
Ба сӯйи пуштаҳои сабзу хуррам,
Гурезам, з-ин муҳити зинда- мурда.

Сари ҳар сахра рақси майса гӯёст,
Таги ҳар санг чашми чашма биност.
Агар наврӯзи ёре кӯҳнарӯз аст,
Муҳаббат рӯзии наврӯзии мост.

Ба истиқболи шаҳмарди умедам,
Ҷиҳози ҳасратамро ғунча кардам.
Ду раҳгумкарда танҳоро ба ҳам ор,
Баҳоро, аз каромоти ту гардам!

Чу зиндонии озодии хешам,
Баҳоро, бандиям кун, бандаам кун!
Ба мисли хоку боду обу оташ,
Баҳоро, зиндаам кун, зиндаам кун!
*Варзоб*
*1988*

## ШАБХАНД

Ман ашкро ба ҳифзи худ
нанмудаам силоҳ,
Ашки ятиму сабри ғуломон
бувад мубоҳ.
Зеби сари баланди ман
қисмат кулаҳ надод,
Саркардаам ҳақорат аст,
саркори ҳақ гуноҳ,
Шаб ханда мекунад.

Бесарпаноҳ нестам,
шукронаи Ватан,
Дар офтоб куштаи худро намондааст.
Оне ки аз суруди ман рамзи хато барад,
Шеъри маро ба тоҷикӣ,
хонда-нахондааст,
Шаб ханда мекунад.

Ашки ситора мечакад
аз чашми субҳидам,
Ойинадори нуриён
ғофил нишастааст.
Дар марзи нанги миллате
хандад гули ҳарос,
Бар тахти нангу ори мо
қотил нишастааст,
Шаб ханда мекунад.

Чун бод мезанам дари занҷирбанди кӯҳ,
Чун чашма зери санги Ватан
гиря мекунам.
Бинҳода сар ба синаи кайҳони хандакуш,
Дар хоб ҳам барои Ватан
гиря мекунам,
Шаб ханда мекунад!
*Душанбе.*
*1988*

## САРҲАДИ ЁД

Эй насиби расида аз фардо,
Ошиқи оташиндилу шайдо,
Дар мазори муҳаббату нафрат,
Гӯр карда ғаму аламҳоям,
Сӯйи ту аз гузашта меоям!

Сарҳади ёд лашкаре дорад,
Бозии умр доваре дорад,
Ку пуле, к- аз гузашта баргардам?
Аз раҳи бераҳи ҳавасҳоям,
Сӯйи ту паршикаста меоям!

Сози сӯзат нуҳуфта хоҳад монд,
Рози мехрат нагуфта хоҳад монд,
Чашмҳои туро намебӯсам,
Сӯйи ту, эй гули таманноям,
Хор дар пойи хаста меоям!

Дидаи рӯдҳо шуда камоб,
Дидаи шомҳо шуда камхоб,
Ман туро хоб дида будам, хоб,
Сӯйи ту, эй умеди фардоям,
Аз гузашта
гузашта меоям!
*Душанбе.*
*1988*

## ПАЗМОНӢ

Торони сари пушта туро пазмон аст,
Гулхори бари кишта туро пазмон аст,

Себаргаи наврасидаи лаб-лаби руд,
Гул дар параки шаҳпараки ҷомакабуд,

Рақсандаву озода, туро пазмон аст,
Дар накҳати шаббода, туро пазмон аст.

Занбӯри асал ноларавон бол занад,
Ҳичрони ту дар рӯйи дилам хол занад,

Ёди ту зи фарёди нигоҳам бидамад,
Аз арзаву аз ларзаи оҳам бидамад,

Ҷоми тарабу бода туро пурсон аст,
Ҷони ба лаб омода туро пурсон аст.
1988

## МАРГИ ЗАРАФШОН

Дар гулӯи аждаҳои реги тафсон,
ҷонканон дар худ тапида,
То Бухоро,
то мазори оташинаш норасида,
Дар фироқи чашмасорони куҳистон,
Ташна мемирад Зарафшон.*

Обшорон
дар ҳисори кӯҳсорон

Сар зада бар санги хора,
Ҷомаҳои мотамиро карда пора,
Марсия хонанд гирён
аз чудоӣ,
Дар азои марги фарзанди фидоӣ.

*1988*

## ПАЙКАРИ САНГИН

Забонат замонсоз, нигоҳат назарбоз,
Дарат ҳалқабанд аст, дилат қалъаи роз.
На хандони шодӣ, на гирёни ҳичрон,
Зи ту даргурез аст, малак сӯйи шайтон.

Мазори ниёзат надорад шаҳиде.
На сӯзе, на дарде, на мотам, на иде.
Сазои фалакҳо, чазои малакҳост,
Ки аз санги хора, шарар дар дили мост.

Аё пайкари сард, висолат чӣ фол аст?
Муҳаббат ба санге, савоби вубол аст!
Мани зиндаро куштанат нест мушкил,
Туйи мурдаро зинда кардан муҳол аст.
*Душанбе.*
*1988*

## БӮҲТОН

Маро имрӯз бе як тир куштанд,
Зи ишқи зиндагӣ носер куштанд.
Зибас бо ҳилаву тазвир куштанд,
Ба сони шери дар занҷир куштанд.

Нагунҷидам зибас дар чашми шайтон,
Ба гӯри тираи аъмоли инсон,
Маро куштанду дар ман гӯр карданд,
Сияҳрӯён, сияҳрӯҳон, ҳасудон.

Зи нокарда гуноҳам оламе пур,
Зи маргам нест як анбоз ғамдор.
Барои зоданам сад сол кам буд,
Барои куштанам як лаҳза бисёр.
*Душанбе.*
*1988*

## ХАРИДОР

Ман асп мехарам!
Аспи саманду зини баланду рикоби сахт,
Аспе, ки бар пиёда намояд макони бахт.

Аспе, ки ҷилва мекунаду шеҳа мекашад,
Оҳуи шаҳркуштаро бар деҳа мекашад,

Аз санги кинаи ҳасуд,
аз чашми тирдор,
То чашмасори пок,
то хулбуи кӯҳсор.

Ман асп мехарам!
Барқи умеду нури навиду қосиди баҳор,
Шабдези бесавора на,
ҳамроҳи шаҳсавор
Ман асп мехарам!
*Душанбе.*
*1988*

## АШКИ « ҶӮЙИ МӮЛИЁН «

Ассалом, эй шаҳри маҳзун, ассалом,
Аз шиноси ношиносу соиле!
Панҷаам дар зулфи занҷири хумор,
Дилсуроғи ҳамзабону ҳамдиле.

Дар бари девори кач истодаам,
Ростҷӯйи оламеву одаме.
Як бухорӣ зодаи « ду модар » аст,
Лек ҳайрон нест аз ин « ҳотамӣ ».

Аз баландии Манора* бингарам,
Бар қадамгоҳи бузургони Ватан.
Асри ман бо мӯзаи фӯлодияш
По ниҳода бар дилу ҷони Ватан.

Ташнаи авҷи суруди Рӯдакӣ,
Ташнаи руди каломи Балъамӣ,
Ашки « Ҷӯйи Мӯлиён » хушкида аст,
Монда дар чашми бухорӣ ғамнаме.
----------------------------
** Манораи ҳазорсолаи Бухоро.*
*1988*

## НИЁИШ

Мурғакон бигзор умре дар қафас ноланд,
Чӯҷаи озодро озод хоҳад кушт.
Аз гадое, ки замоне подшаҳ будаст,
Ақли раҳзанро
набошад
фазл андар мушт.

Баски Рахши * ёди ман дар галлаи бод аст,
Бар Самандам** зини тиллойӣ намехоҳам.
Аз забони сактадори сарвари бесар,
Ришваи таърифу лолойӣ намехоҳам.

Хоҳам аз даврон фурӯғи бедурӯғеро,
То начӯям шабчароғе рӯзи афтобӣ.
Ку чароғе, ки маро аз ман ниҳон созад,
Дар шаби девофару танҳои бехобӣ?!
-------------------------------------------------
** Аспи Рустам.*
*** Аспи Сӯҳроб. ( Шоҳнома)*
*Душанбе.*
*1987*

## ЭЪҶОЗИ ҲУНАР

*Барои ҳунарманди мумтоз*
*Барно Исҳоқова.*

Барно чу барноӣ кунад,
пиронасар гардад ҷавон,
Меҳроб созад ишқро
пайғамбари охирзамон.

Нозаш ғазалхонӣ кунад,
розаш масалхонӣ кунад,
Созаш гулафшонӣ кунад,
сӯзаш дилафшонӣ кунад.

Бо рози эъҷози хунар,
бо нози ҷонбози ҳунар,
Огоҳи дил,
аз роҳи дил,
аз дил ба дил дорад сафар.

Дилдодаву дилшодаву дилзодаву зебои дил,
Дил медиҳад, дил мебарад,
дилофари яктои дил.

Аз роҳи дил

то гоҳи дил
тасхири дунё мекунад,
Сеҳри Масеҳо мекунад,
шӯри Накисо мекунад.

Дар ҳанҷара
чун шаршара
дорад паёми Борбад,
Шаҳди мақоми Борбад,
заҳри қиёми Борбад.

Рӯҳи ниёгон пар кашад
аз пардаи овози ӯ,
Аз сеҳру аз эъҷози ӯ,
аз ишқи инсонсози ӯ.

Дар базми " Наврӯзи Аҷам"
" Чӯли Ироқ"- аш мекушад,
« Насри Ҳиҷоз »-аш мекушад,
назми фироқаш мекушад.

Ғамхора асту ғамадо,
шодифурӯши ғамгадо,
Моро, ки худбегонаем
охир шиносонад ба мо!
*Душанбе.*
*1987*

**ФИҒОНИ ХАЗОНРЕЗ**

Хабар дорам, зимистон гул намекорад,
Хазон ҳусни арӯси навбаҳорон нест.
Нигоҳи пири барҷомонда аз равзан,
Шарарбахшандаи ишқи нигорон нест.

Хабар дорам зи ҳузни лонаи холӣ,
Зи оташгоҳи сарди хонаи холӣ.
Хаёлам, ки замин аз шарм мемирад,
Биафтад бар дилаш як донаи холӣ.

Хабар дорам зи рамзи марги тадриҷӣ,
Зи ҳар санге
ба ҳар ранге ҳамемирам.
Аз ин дунёи ҷоҳилпарвари оқил,
Ба ҷуз оҳе,
пари коҳе намегирам.

Хабар дорам, мабодо ошиқон донанд,
Ки ишқи зиндагонӣ миннати марг аст.
Хазони марқади ёрон фиғон дорад,
Ки ҳусни гулъзорон зиннати марг аст.
*Душанбе.*
*1987*

**ХУДШИНОС**

Бандае дар маъбади вайронаам,

Сахт даъвои худой мекунад.
Хандае бо гиряҳои зори  ман,
Талху ширин ҳамсадой мекунад.

Ман на он ҳастам, ки будам то ба худ,
Кандаам аз хеш чун торе зи пуд.
Аз шуури ман шиоре мондааст,
Аз ғурурам,
                    қиссаи  буду набуд.

Корвони умри ман бигзашту рафт,
Орзуҳоям тайи дил мондаанд.
Устодони ҳунаромӯзи ман,
Ҷабри ҷоҳил дида
                          коҳил мондаанд.

Каҳрабой шуд гули рухсораам,
Дасти ман ҷуз ғӯза гулбарге начид.
Тоҷири ганҷам гадоям карду рафт,
Тоҷи ман лаъли Бадахшонро надид.

Чун  гадо  бар даргаҳи олипаноҳ,
Ман магар баҳри палосе омадам?
Ман ба ин дунёи гавҳарношинос,
Аз барои худшиносӣ омадам!
*Душанбе.*
  *1987*

**ТАРОНАИ  ҲУЗН**

Имрӯз ҳам гузашт,
                           монанди як нафас.
Наврӯзи ман гузашт,
                           бе ишқи ҳеч кас.

Гирёни хандарез,
                          хушрӯи бебақо,
Ман ғам намехӯрам,
                          ғам мехӯрад маро!

Сад қитъа тай шуда,
                        дар ҷустуҷӯйи худ,
Сад раҳ кушодаам,
                        ҷуз раҳ ба сӯйи худ.

Худрӯйи худшукуф,
                          худҷӯйи худпаноҳ,
Ман ғам намехӯрам,
                        ғам мехӯрад маро!

Дар хидмати фиреб,
                      афсар набудаам.
Дар дасти ҳокимон,
                      соғар набудаам,

Бар дӯши хастаам,
                    бори гуноҳи шоҳ,
Ман ғам намехӯрам,

ғам мехӯрад маро!

Овораи хато,
бечораи худо,
Чун соя бо худам
ҳамроҳаму ҷудо.

Масрури бефараҳ,
танҳои бовафо,
Ман ғам намехӯрам,
ғам мехӯрад маро!
***Душанбе.***
***1987***

**БАХШАНДА**

Аз кӯчаи муродам,
Роҳи гузар надорам.
Аз худ фирор кардам,
То ту сафар надорам.
Дар базми разми ҳастӣ,
Бе ту сипар надорам.

Дузде маро наҷӯяд,
Аз симу зар халосам.
Аз раҳзани дилу дин,
Аз хеш меҳаросам.
Бе чашми ростгӯят,
Худро намешиносам.

Гумкардаам гарон аст,
Дар зери чархи гардон.
Дар гирди хеш гардам,
Чун санги оси вайрон.
Осудаи пурармон,
Н-осудаи пушаймон.

Аз хорзори ҳастӣ,
Гул чида метавонам.
Бо дидаи паси сар,
Ман дида метавонам,
Бе узру тавба баргард,
Бахшида метавонам!
*Душанбе.*
*1987*

**МЕҲРГОНӢ**

Дар гардиши чарх иллате ҳаст,
К- аз дидаи додгар ниҳон аст.
Чархе, ки туро ба ман наовард,
Бадхоҳи қирони ахтарон аст.

Ду ахтари саъд аз ду кайҳон,
Дардо, натавон расид бо ҳам.
Аз чашмаи чашми худ хӯрам об,
Бас ташнаи меҳру меҳрҷонам.

Эй тозатарин таронаи ишқ,
Эй пойбасар фасонаи ишқ.
Эй бар дили сарди ман расида,
Аз ту фари шодиёнаи ишқ,

Гулбуни хазону ғунчаи барф,
Бӯйи асали баҳорӣ дорад.
Парвонаи чашми оташинат,
Мерақсаду бeқарорӣ дорад.

Аммо чӣ кунам, ки чархаи чарх,
Хушкардаи осмони ман нест.
Эй нахли пур аз ҷавонаи ишқ,
Наврӯзи ту меҳргони ман нест.
*Душанбе.*
*1987*

**БАЗМИ ТАНҲОӢ**

Зиҳӣ, макри ҳарифону ҳароси марги танҳоӣ,
Зиҳӣ, осоиши вораста аз даҳ панҷаи коҳӣ.
Хушо, захре, ки ширин асту ширинкуш,
Хурӯшамро ба оби оташине мекунам хомӯш,
Паси девори ғампӯшам,
барои хеш менӯшам!

Барои он ки умре душмани осоишаш буда,
Чу ханҷар дар гулӯи хоҳишаш буда.
Барои он ки умре ҳосид андар коҳишаш буда,
Ва санги номуродӣ болишаш буда,
Паси девори ғампӯшам,
барои хеш менӯшам!

Шароб андар булӯри санг хушранг аст,
Нанӯшидан гунаҳ бошад
чунин заҳри гувороро.
Қабо аз хори абрешим напӯшидан таманно нест,
Нахандидан ба ҳоли хеш бераҳмист танҳоро,
Паси девори ғампӯшам,
барои хеш менӯшам!

Шабистони сиёҳидудаву маҳзун,
Хаёлеву ғамеву инқилоби хун...
Ба гирди шамъи ман
парвонаеро пар намесӯзад,
Зи пири панди ман
тифле нахоҳад фанди афсона,
Дари ду дидаи худро
ба рӯйи сад ҷаҳон бастам,
Дари пӯшидаи ман
сад балоро кард бехона,
Паси девори ғампӯшам,
барои хеш менӯшам!

Барои бомдоде, ки сияҳгун аст,
Барои базми масруре, ки ғам дорад.
Барои он ки тавлидаш дурӯғин асту
маргаш рост хоҳад буд,

Барои чашмаи таркандае,
ки чашми нам дорад,
Паси девори ғампӯшам,
барои хеш менӯшам!
*Душанбе.*
*1987*

**НАСИБИ БЕНАСИБОН**

Зи барфи хашми инсон дорам оташ,
Зи барқи чашми шайтон дорам оташ,

Зи сӯзи бенасибон дорам оташ,
Зи сози андалебон дорам оташ,

Зи оташгоҳи суғдон дорам оташ-
Зи дуди оҳи суғдон дорам оташ.

Зи таҳсӯзи асирон дорам оташ,

Зи кадбонуи кайвон дорам оташ,
Ба ҷон аз ҳафт кайҳон дорам оташ!..

Аз ин худсӯз суди ман зиён аст,
Муҳаббат мазҳаби бемазҳабон аст.
***
Гунаҳкорист асли бегуноҳӣ,
Сияҳзод аст анвори сабоҳӣ.

Азоби ҷон савоби орифон аст,
Асорат зодаи озодагон аст.

Ҳавои васлу ҳиҷрон кӯчиям кард,
Хаёли бахти осон кӯчиям кард,

Ба даҳре, ки сарои лӯлиён аст,
Ба шаҳре, ки барои лӯлиён аст.

Дари ҷони маро ҳиҷрон бикӯбад,
Дари марди маро тӯфон бикӯбад,

Калиди бахти ман дар осмон аст,
Ятими ишқи ман дар остон аст!..
!
*Душанбе.*
*1987*

**ТАНҲОӢ**

Ҷуғзе даруни синаам фарёд мезанад,
Фарёди бекасӣ.
Ғам тоқа-тоқа мехӯрад ҷамъи парешро,
Чун боди * бекасӣ.

Дар домани сиёҳи шаб печида панҷае,
Сайду дарандае.
Исёни рақси духтари гесӯпареши шаб,
Дорад шиканҷае.

Оҳи бадарду кӯтаҳи инсони оҷиз аст,
Гӯётар аз сухан.
Якумр гиря мекунад танҳоии ғариб,
Дар байни анҷуман,
дар хандаҳои ман…

-------------------------
*Навъе саратон.*
*Рим.*
*1987*

**АЛО, МАРДЕ!**

**( Муноҷот )**

Ало, марде!
Шароре аз гили оташгаҳи сарде,
Дили ман ошиёни оташини дарди ҳиҷрон аст,
Умеди ман, ба сони турнаи аз села монда
сӯйи ту танҳо парафшон аст,
Туро танҳоии ман
аз замину осмони ишқ пурсон аст.
***
Ту бояд рӯ занӣ
чун ахгар аз бунёди хокистар,
Ту бояд бишкуфӣ
дар осмони ишқ чун ахтар,
Ту бояд ҳоли сармобурдаро донӣ,
Чун оташзод,
чун озар.
***
Ало, марде!
Ало пайғоми нури дур
аз дунёи дилсардӣ,
Ту дунёӣ, ки дар дунёи ман, дардо, нагунҷидӣ,
Ман аз ҷамъияти беранги танҳоён
Ба сӯйи ёди ту-
бар кунҷи танҳоӣ гурезонам,
Ба сони зарра сарсонам,
миёни осмону остони дарду бедардӣ.
***
Ало, марде!
Туро ман мешиносам!
Туро ман пештар аз зодрӯзи нозанинат дида будам
дар нигоҳи бегуноҳи ғунчаи бодом.
Ҳазорон акси зебои туро
дар мардуми аҳли башар
ҳар рӯз мебинам,
Ҳамечинам бароят
аз ҳама гулҳои олам
накҳати пайғом.
***
Ало, марде!
Маро ҳам оқибат бишнос,

андар сурати пиру ҷавону оқилу нодон,
Маро ҳам оқибат бишнос
аз таркандаи хомӯш,
аз гиряндаи хандон.
Маро бишнос охир
аз хамӯшии фиғони рӯҳи захминам,
Маро бишнос
аз урёнии оҳи нигоҳи розифшоям.
Маро аз хобҳои рангаат бишнос,
Маро аз гиряи гулхандаат бишнос,
Маро аз ҳар дили бар хоки раҳ афкандаат бишнос,

Маро бишнос
аз берангии дунёи ғамгинам.
Маро бишнос охир
аз сари бесарпаноҳу ҷони танҳоям!

***

Ало, марде!
Баҳори васли ман
ҳаҷри туро бигрист
айёми гулафшонӣ,
Ба ранги лолаву ёси кӯҳистонӣ.
Ту қадри лаҳзаро
дар ларзаи барги хазон бишнохтӣ, аммо,
Китоби васлу ҳиҷронро
чаро аз оҳи як зан хонда натвонӣ?!

***

Ало, марде!
Зи ҳамҷинсони худ, алҳақ,
надорам шикваву озор
Чу номардона меразманд,
маро разм аст бо мардон.

***

Ало, марде!
Ба мардиҳои як зан
мисли тундар ханда кардан
гиряи ночории мард аст,
Зи номардии як сад мард
пеши пайкари номӯс
мардона ибодат кун.
На аз кайҳон,
на аз шайтон,
на аз хасми башар,
эй мард,
Маро аз ҷаҳли номардон
ҳимоят кун!

*Душанбе.*
*1986*

## МАРЗИ ТАШНАСӮЗОН

Дар ин даҳре, ки танҳоӣ фиғон дорад,
забон дорад,
Зи дуди дидагони анҷуман
дар шевани мастӣ.
Зи садбарге, ки хандон аст
сӯйи марги худ гирён,

Зи минбарҳои меъёри баландишон буда пастӣ,
Туро мекобаму худро намеёбам,
худои ман!

Зи баҳси бенизому нотамоми ҷоҳилу оқил,
Зи набзи пешгӯйи хеш,
аз фанди муроди дил,
Зи чархи чархаи даврон,
Зи нархи қиммату арзон,
Зи марзи ташнасӯзон,
аз ғубори кишти беҳосил,
Туро мекобаму худро намеёбам,
худои ман!

Зи лаҳни ростиҳои замон,
к - озору андӯҳ аст,
Зи давроне, ки гирди мизи амнаш
меҳр маҷрӯҳ аст,
Зи покии зане,
ки баҳри нопокиза макрӯҳ аст,
Зи авҷи хандае,
ки зодаи озору андӯҳ аст,
Туро мекобаму худро наеёбам,
худои ман!

*Душанбе.*
*1986*

**ТАРОНАИ ФИРОРӢ**

Аз бандаҳову банди дор,
Аз чашмҳои пармадор,
Сӯйи сафои рӯдбор,
Доманкашон
бигрехтам.

Аз фозилони фазлкӯр,
Аз косибони кисабур,
Аз шоирони бешуур,
Аз ҳосидон,
бигрехтам.

Аз хусравони пастрӯҳ,
Аз шӯҳраҳои бешукӯҳ,
То шонаи пуршони кӯҳ,
То шаъну шон,
бигрехтам.

Аз теғи макри сарварон,
Аз санги ҷайби доварон,
Аз айбу шайби ёварон,
Аз як ҷаҳон,
бигрехтам.

Бо кӯҳу дарё ҳамнафас,
Бе қалъа,
бе дому қафас,
Бе ҳич кас,
бо ҳеч кас

Бо ҷовидон омехтам!
*Такоб.*
*1986*

**БӮЙИ СИТОРА**

Ояд фиғони дарё
аз рӯдбори беоб,
Гӯри куҳан ба ҳастӣ
дорад нигоҳи бехоб.

Дорад шукӯҳи пастӣ
қасри харобгашта.
Ояд хурӯши мастӣ
аз кӯзаи шикаста.

Шаҳдест заҳролуд
афсонаи шикебо,
Бӯйи ситора дорад
оҳи зани фиребо.
*1986*

**ФАРЁДИ СУКУТ**

*Мурдаҳоро дӯстдорӣ кори осон аст,*
*Зиндаҳоро сахту мушкил дӯст бояд дошт…*

*( Муноҷоти марги фоҷиавии нависанда*
*Фазлиддини Муҳаммадӣ )*

Пири мотам, тири ин ғам қотил аст,
Нешаш андар ҷони ҷон бинҳуфта аст.
Достони ин ситам нашниданист,
Шоҳбайти ин алам ногуфта аст.
***
Пири мотам, воизи варзидакор,
Эй саногӯйи хамӯшони мазор,
Кай ба қадри зиндаи мо мерасӣ,
Мурдаи моро, аё миннатгузор?!
***

Мотаморо, эй шуур андар шиор,
Эй забони дар муҳаббат сактадор.
Баъди ӯ дар остини айби худ,
Боядат умре гиристан зор-зор.

Аз нисори миннати эҳсони ту,
Шарм ояд сангҳои сардро.
Ларза гирад аз ниёзу назри ту,
Набзи сӯзону дили пурдардро.

Меҳри деру шевану афсӯси ту,
Дар сари тобӯти мо савдогарист.
Ҳеч насле мисли мо дар зиндагӣ,
Пайкари хунгаштаи пайкор нест!
***
Ту чӣ донӣ ҳарбу зарби ақлу ҷаҳл,

Эй надида кӯчаи танги “ Шараф”.*
Баъди маргаш низ нашносӣ варо,
Эй набуда афсари нанги шараф!
***
Ҷон ба лаб,
хасрат ба дил,
ҳақ дар забон,
Хандагирён,
гиряхандон
зинда буд.
Бо аҷал андар набарди ҷовидон,
Зиндадори ишқу имон
зинда буд.

Адли одил
аз ҷаҳолат хаста шуд.
Фазли фозил
аз разолат хаста шуд,
Ғӯраи сабраш нашуд ҳалвои тар,
Сабрзоди ғам
зи тоқат хаста шуд.

Хастаҷон пӯшид чашми ҳақназар,
Ҳақнабарди аз ҳақи ҳақ бенасиб.
Дил, дили аз зиндагӣ носери ӯ,
Зиндадори зиндагонӣ метапид...

Гӯиё мегуфт ҳар зарби бадард,
“ Зиндагӣ зебост, хоҳам зистан.
Ҳамраҳи қавми бузургу содаам,
Хоҳаме хандидану бигристан…»
***
Аз раҳи мардонагӣ танҳо, гузашт,
Ғамфиреби олами ғамзо, гузашт.
Ченаки инсофро бо худ бибурд,
Аз раҳи номӯси мо бе мо гузашт…
***
Мӯсафеде рӯсиёҳӣ гар кунад,
Покии ӯро хуморӣ мешавем.
Дар замину дар замони қоғазӣ,
Нахли худрӯро хуморӣ мешавем...

Чун равад марди ҳунар аз дори даҳр,
Беҳунар фарофари минбар шавад.
Аз фурӯши ҷоху гоҳи фозилон,
Фаршу бому косааш аз зар шавад.
***
То куҷо шоҳи хирад, бори гуноҳ -
Миннати ҷаҳли гадоро мекашад?
Миллате андар гулӯи тифли худ,
То ба кай авҷи садоро мекушад?

Пештозии хачиру маркаб аст
Пеш- пеши пойгаҳ,
марги саманд.
То ба кай охир барои зиндаҳо,
Қиммати мо
баъди мо гардад баланд?!”...
***

Гулбуне аз ташнагӣ пажмурда аст,
Булбуле танҳо бинолад ин баҳор.
Кай ба қадри зиндаи мо мерасӣ,
Мотаморо,
эй шуур андар шиор?!
-----------------------------------
** Нависанда дар кӯчаи " Шараф", дар остонаи дараш ҳадафи теғи нохалафон гардид.*
*Душанбе.*
*1986*

**ОШӮБИ ШИКЕБО**

Шуморо кӣ гуфт, ки ман хамӯш метаркам,
Шуморо кӣ гуфт, ки ман носуруда мемирам?
Ман аз забони дарози шумо,
ки ақли кӯтаҳи шон аст,
То ҳастаму ҳастед,
панҷа барнамегирам.

Шуморо кӣ гуфт, ки ман ҷаҳли ҷаҳлкӯронам,
Ба ҷуз васиқаву фармон ҳикмате намедонам?
Шуморо кӣ хонд, ки ман зиндаи бурун аз хок,
Баҳои хуни шаҳидон гарон намедонам?

Мане, ки бо ҳама кӯрӣ ҳанӯз биноям,
Асири завқи кӯри шумо нахоҳам шуд.
Муғаннии савлату зӯри шумо нахоҳам шуд.
Шиори бешуурии шумо нахоҳам шуд!

Зи хишти диҗҳои ба хок яксонам,
Ҳазор мушт ба фарқи сарам сазоворам.
Ду дасти модари зорам зи хок берун аст,
Барои марзу забонаш, ки хор медорам.

Зи хокистари миллати сӯхта,
Самандаре зинда гашту болу пар бикшод.
Зи решае, ки кандаед бо теша,
Ҳазор навдаи дигар нумӯ намуд озод.

Шуморо кӣ гуфт, ки ман тираруҳ хоҳам мурд?
Чароғи дидаву дилро
шиҳоб хоҳам кард.
Шуморо кӣ гуфт, ки ман хамӯш метаркам?
Барои нуру зиё
инқилоб хоҳам кард!-
На як бор,
на як умр,
на як қарн!
*Душанбе.*
*1986*

**ВОРИС**

Тоҷикистон, ҷуз ту нашносад касе,
Дар ғурури ман кӯҳистони маро.
Дар каломи содаам,
дар лаҳҷаам,
Зарби исён,

рӯҳи урёни маро.

Зарраи хуршеди сӯзони туам,
Лолае дар марзи домони туам.
Эй Ватан,
эй рӯх,
эй модархудо,
Духтари барқи кӯҳистони туам.

Хоксории ниёям хокӣ нест,
Аз баландии шукӯҳи миллат аст.
Ченаки номуси ман дар зиндагӣ,
Қуллае аз кӯҳи рӯҳи миллат аст.

Қисмати пуршӯри ман сар мезанад,
Чашмасон аз синаи харсанги ту.
Рӯдакӣ ҳаргиз намебахшад маро,
Дар бисоти ман набуд чизе, нагӯ!

Ёфтам бунёди осори туро,
Аз алифбои “ Авесто”-и сухан.
Гарчи то ман пора-пора омадӣ,
Зинда бош,
эй ҷони афгорам, Ватан!

Эй Ватан, эй офтоби нанги ман,
Сӯхтан дар оташи ишқат кам аст.
Аз сари китфат ба олам бингарам,
Ҳар тани соҳибватан
як олам аст.

Неши хоре мекашам аз чашми худ,
То бубинам хандаи гулзори ту.
Вориси нанги туву санги туам,
Рӯйи дил аз захм унвондори ту.

Тоҷикистон, ҷуз ту нашносад касе,
Дар хуруши ман забони Вахшро.
Дар талоши ҳақшиносии манат,
Дарси покии занони Яхчро.

Дуд аз сӯзи шарар сар мезанад,
Нанг аз гарди Ватан сар мешавад.
Шеър тифли рӯҳи исёнзода аст,
Шоир аз дарди Ватан сар мешавад!
*Душанбе.*
*1986*

**МИНБАРИ САБЗ**

Нони ман аз навъи Гулрухсории гандум бувад,
Ман варо дар киштаи имони худ сабзондаам.
Хӯса кардам хешро,
ҳуснам намебахшад маро,
Аз сари ин кишта то гунҷишкҳоро рондаам.

Гиряи борони найсон

ханда корад бар замин,
Ранҷро деҳқон кашад,
ганҷи варо болонишин.
Дар ҷабинам панҷаи андеша ҷӯйи нав кашад,
Сабз гардад киштаам
аз оташи покофарин.

Гарчи қарни оҳанинам оҳанинам зодааст,
Ҷойи дил дар синаи ман лек оҳанпора нест.
Ман ба ин дунё барои хобу роҳат н- омадам,
Истгоҳи охирини ман дар ин сайёра нест!

Ман ба гӯши дӯстон ҳазён намегӯям дигар,
Ҳақшиносу ҳақнамову ҳақсадоям дафтар аст.
Бетаассуф минбари худро ба мардон додаам,
Баҳри ман ҳар пуштаи сабзи кӯҳистон минбар аст.

Сар диҳам овози даролудаам дар кӯҳсор,
Бо умеди акси овои хушоҳанги дигар.
Шеърҳои бо муросо гуфтаро оташ занам,
Зиндагӣ рӯҳи дигар мехоҳаду нанги дигар!

Ман барои серҳои гушна дорам хушхабар:
Нони ман аз навъи Гулрухсории гандум бувад.
Қисмати гардунписандам зодаи анҷум бувад,
Шеъри ман шодии ғампарвардаи мардум бувад!
*Душанбе.*
*1986*

**САҲНА**

Зиндагиро саҳни бозӣ дида бозигар шудам,
Гоҳ ахтар,
гоҳ ахгар,
гоҳ хокистар шудам.
Хушк берун омадам гоҳе зи баҳри гиряҳо,
Гоҳ андар ашки хушки хандаи худ тар шудам.

Аз фиреби нақши ман
худро биҷӯянд одамон,
Қиммати ман пеши мардум з - ин сабаб афзун бувад.
Зарра - зарра рӯйи саҳна об гардам ҳамчу ях,
Он ки донад, марги бозӣ
Мисли ман дилхун бувад.

Гоҳ шоҳу гаҳ гадоям,
то набошам мисли худ.
Гоҳ ину гоҳ онам,
то набошам ҳич кас.
Ман аз он бо сози дигарҳо ғазалхонӣ кунам,
Ки ҳаме танҳоии худро шавам фарёдрас.

Нақши ман монад ниҳон дар чашмҳои нимхоб,
Чун биёбам роҳати рӯҳонӣ аз хоби гарон.
Ман ба рӯйи саҳна мирам
дар талоши зиндагӣ,
Дар лаб оҳи дигарон,
дар сар кулоҳи дигарон...
*Душанбе.*

*1986*

**ДУОИ ДИДА**

Таги долони ободе
    парасту лона месозад,
Ду қасри сарду холиро,
    худоё, нури эҳсоне.
Ба раҳгумкардае,
    роҳи фарозу тахту осоне,
Ба сармобурдае
    оташ,
Ба ғамафсурдае
    шодии дидори гулафшоне…

Таги долони ободе
    парасту лона месозад,
Ба боми қасри мо
    тарбод дорад жолаафшонӣ...
Ту чун лаъли бадахшонӣ,
Зи ман ҳастиву аз ман не!
*1986*

**МИЗОН**

Набошад дилкушоӣ даркушоӣ,
Ба тифле раҳнамову меҳрбон шав.
Дар ин дунё зи номардони ҷоҳил,
Занеро - махзанеро посбон шав.

Аҷал аз зиндагонӣ қарздор аст,
Ситон қарзат зи маргу ҷовидон бош.
Зи оташ поксӯзиро биомӯз,
Ба сони чашма ҷони ташнагон бош.

Маро бинвоз бо лафзи ҳақиқат,
Макун назди гунаҳ кӯтаҳзабонам.
Маро мебин бо чашми муҳаббат,
Ки беишқу ҳавас безори ҷонам.

Ман андар чашмаи чашми ту, эй мард,
Бубинам оламеро поку зебо.
Ба мизони баду некат гузорам,
Мани сода баду неки ҷаҳонро.
*Душанбе.*
*1985*

**БАРФИ КУҲНА**

Макони бемуҳаббат чун биёбон аст,
На гул хандад дар он,
    на чашма гирён аст.
Ба рӯйи остона сояе лағзад,
Мусофир гӯиё дар зери борон аст.

Бирав аз хонае, ки нестӣ хонаш,
Зи меҳри ман наёбӣ ҳеч осоре.
Насӯзонад маро на барф,
                    на оташ,
На макру фитна,
              на ҳазёни бозорӣ.

Баҳори ман гузашту кашф бинмудам,
Нашояд себрову бедро пайванд.
Гуселат мекунам..,
Ин гуна дар наврӯз
Зи рӯйи бом барфи кӯҳнаро рӯбанд.
*1985*

**ЗИНИ ФУРӮШӢ**

- Зини заркӯб аст, зеби Дулдул аст,
Пушту рӯяш зарнигору заргул аст…

Пирмарди содадил бо илтифот,
Мекунад моли касодашро сифот.

Нест дигар ҷерану чобуксавор,
Бар пиёда зин намеояд бакор.

Аспи қиммат, ки зи по афтидааст,
Зини арзон рӯйи раҳ хобидааст.

Гарчи зини бесавору бесаманд,
Як ваҷаб аз хок ҷо дорад баланд,

Бехаридор аст моли пири кор,
Зини холӣ интизори шаҳсавор…
*1985*

**ХОКСОРИИ НОЧОР**

Таги ин чархи гирёнрӯйи боронӣ,
Зи ман суроваре
              пайдо нахоҳӣ кард.
Ту дар базми висоли ошиқон
                         аз ҳаҷр,
Зи ман хунёгаре
              пайдо нахоҳӣ кард.

Бихоҳӣ лӯъбати нодону зебое?
Зи ман зебову нодоне нахоҳӣ ёфт!
Бихоҳӣ оқила?
             Бо ҳила битвонам,
Зи риши кӯсаи шайтон ҷамолак бофт!

Ба як мижгон задан
                 як баҳр мегирям,
Бубахшо ҳотамона ҷурми нозамро.
Яхи ҷони туро бо меҳр созам об,
Шунав аз сӯзи чашмам сози розамро.

Чаро санги сукутат з-осмон омад,
Чаро оҳи ту дорад шевани падруд?
Зане, ки орзуи туст,
гар хокист,
Зи ман девонаву оқил нахоҳад буд!
*1985*

**ДАРЁӢ**

Ба дарё мезанам худро зи танҳоӣ,
Сарам аз гардиши дунё биосояд,
Дилам аз шеваи шево биосояд,
Дар оғӯши гувору поки дарёбод,
Танам аз хоҳиши кимхо биосояд,
Ба дарё мезанам худро чу савдоӣ!

Даруни чашми ман
дарё хурӯшон аст,
Хурӯши хашми ман
дар қатра тӯфон аст.
Бихандам, мисли ман қаҳ-қаҳ занад амвоҷ,
Бигирям, мисли ман ҳар қатра гирён аст,
Ту гӯӣ афсари имону исён аст.

Зи барқи чашмҳову хашмҳо сӯзон,
Гурезам сӯйи дарё
з-олами ашё.
Хурӯшу покии ҳар қатраро ҷӯё,
На аз хокам,
на аз афлоку аз маймун,
Ҳазорон сол аз ин пештар,
рӯзе,
Бурун рафтам ман аз оғӯши ин дарё!
*1985*

**ОЛАМЕ ДАР ОДАМЕ**

Дар сукути ту фиғони дард нест,
Дар сукути ту намегиряд умед.
Дар сукути ту намирад парзанон,
Дур аз ҳамболи худ қуйи сафед.

Дарди исён, рақси печони маро,
Дида чашми рӯҳи ту дорад сукут.
Наъраи ҷони маро дунё шунид,
Пайкари чун кӯҳи ту дорад сукут.

Дар сукути хаставу ночори ман,
Оламе дар одаме исён кунад.
Ишқи ман чун тармаи лағзон зи кӯҳ,
Киштаи осоишат вайрон кунад.

Мазраъи армони танҳо киштаам,
Дар хумори офтоби зиндагист.
Об нӯшад ҳусни зан аз чашми мард,
Ҳусни ман бе ту расову зинда нест.

Дар сукути сангият баҳри савоб,
Ту маро, эй зиндагӣ, ово бикун.
Мурдаҳоро хок парво мекунад,
Ту, маро,то зиндаам,
парво бикун!
*1985*

**СУРУДИ КӮҲНАЭҶОД**

Ҳаво имрӯз абру офтоб аст,
Само имрӯз механдад гириста.
Кабӯтар мепарад бо боли захмин,
Ба минқораш хати бо хун нависта:
«Ту аз ман будиву ман аз ту будам!»

Ба монанди табибе сӯйи бемор,
Ту меоӣ зи роҳи дур хаста.
Зи роҳи шеъри ман пурдарду сода,
Ба мисли қосиди худ паршикаста,
«Ту аз ман будиву ман аз ту будам!»

Биороям барои роҳати ту,
Яке тахти равон аз санги хора.
Дили санги маро санге бубояд,
Ки аз ҳар ду парад охир шарора,
«Ту аз ман будиву ман аз ту будам!»…
*1985*

**ИСТИҚБОЛ**

Ман дигар танҳо наям
байни замину осмон,
Ман дигар маҳзун наям
бо хандаҳои ғамаён,
Ман дигар нозир наям
дар роҳи холии ҷаҳон,
Ҷони ман, сад сол гар дер омадӣ,
хуш омадӣ!

Гар нагаштам ғарқ
дар гирдоби чашми таҳкашат,
Гар намурдам лаҳзаи дидор аз рӯйи хушат,
Зинда гаштам, балки аз хокистари беоташат,
Гарчи то ман хаставу пир омадӣ,
хуш омадӣ!

Аз ҷаҳонгардӣ муродам
дидани рӯйи ту буд,
Шеъри ман чун орзуҳоям
дуогӯйи ту буд,
Чашми ман аз чор сӯйи зиндагӣ
сӯйи ту буд,
То ба боғи хушки ҷон, борони ман,
хуш омадӣ!

Ҳеч кас чун ман наменозад

таманнои туро,
Ҳеч кас чун ман намебахшад
гунаҳҳои туро,
Ҳеч кас, ҳаргиз, нагирад дар ҷаҳон ҷойи туро,
Ҷони ман, то ҳузну исён, роздон,
хуш омадӣ!

Бас тасаллои фиребо мубтало пардохтам,
Ошиқона,
сад тарона
аз фасона бофтам,
Хештанро кардаам гум
то туро ман ёфтам,
Ҷони ман, аз осмон то остон,
хуш омадӣ!

*1985*

**ЧАШМОНИ ГӮЁ**

Ба чашмам бишнавам фарёди чашматро,
Забони чашми мастат ларзабунёд аст.
Ман аз шодии дидорат чӣ сон мирам,
Сарам дар китфи ту аз бахт беёд аст.

Ҷаҳонро бо нигаҳ паймудаам, аммо,
Нигоҳе ҷуз нигоҳи ту ба ёдам нест.
Умеди зиндагонӣ фанди ширин аст,
Хаёле бе хумори ту муродам нест.

Ба ҳар ҷое бирафтам дар паёми худ,
Ба ғайру ошно арзи туро бурдам.
Ту дар ин даҳр будастиву ман ҷонро,
Чаро бо пармаи танҳоӣ озурдам?

Ба мисли қулла будам сарду сарафроз,
Набудам интизори кошифе дигар.
Ғурурам чораи бечорагиям буд,
Зи ҳузнам хандаи талхам ҳимоятгар.

Даме ки ҳаҷри ту ҷони маро месӯхт,
Сиришки ту зи нокомӣ намеҷӯшид?
Сурурат ҷомаи ҳасрат намепӯшид?
Дилат аз чашмаи чашмат наменӯшид?

Чу нисфи умри ман бе ту фирорӣ шуд,
Ба ҷойи васл ҳаҷрат ёдгорӣ шуд,
Дилам, чашмам, вуҷудам, рӯзу шабҳоям,
Туро пазмону талбону хуморӣ шуд;

Туро бишнохтам аз шеъри набзи худ,
Туро бишнохтам аз ларзаи ҷонам.
Маро бишнохтӣ аз ҳузни чашмонам,
Маро бишнохтӣ аз лафзи исёнам.

Бигӯ, эй шоҳмарди яккаву сарсон,
Худи ту то кунун чун зистӣ бе ман?
Даме ки ханда мекардӣ ба ҳоли худ,
Миёни хандаат бигристӣ бе ман?!

*Бразавил.( Конго)*
*1985*

**МАЛИКАИ САНГӢ**

Жола аз замин рӯид,
Сабза з-осмон омад.
Ман, ки кар шудам, э вой,
Лол бар забон омад.

Рӯбарӯйи садрӯе,
Чашми кӯри дил во шуд.
Умри рафта афғон кард,
Ҷони хаста ово шуд:

Бар ту, эй гунаҳолӯд,
Ман ҷазо намехоҳам.
Дар баҳои бахти худ,
Хунбаҳо намехоҳам.

Ҳар чӣ доштам, бе ту,
Рафт ҷовидон аз даст.
Бе ту қисмати сахтам,
Ҷабри сад ҷаҳонпайваст.

Чун маликаи сангӣ,
Санг бастаам дар худ.
Оҳи боду боронҳо,
Мекунад маро нобуд.
*Хонақоҳи кӯҳӣ.*
*1985*

**ОЗОДИИ МАРД**

Зи чашми ман,
зи хашми ман,
зи ман вайронаи обод мехоҳӣ,
Ало, саркардаи асри асоратҳо
зи як зан хешро озод мехоҳӣ?!

Аз оне, ки зи фахри қуллаи китфи баланди ту,
Дар ин дунёи пастизо
сарафроз асту пирӯз аст?
Аз оне, ки зи фанди доми ту
сад бандро барканд,
Барои он ки хушсӯзи ту бошад
шамъи худсӯз аст,
Зи ман озодӣ мехоҳӣ?

Аз оне, ки ғурураш ном дорад мард.
Ҳама ҳузуну сурураш ном дорад мард.
Аз оне, ки аҷалро бо салоботи ту тарсонад,
Ҳама озодиву ободии худро зи ту донад,
Зи ман озодӣ мехоҳӣ?

Ало, гардунпарасти ҷоҳу гоҳу чавкиву минбар,
Ту то ман низ
асири хештан будиву хеши хеш,
Асири чор девори зи акси ёди ман холӣ.

Туро озод кардан бар мани озода мушкил буд,
Зи худбинив у худхоҳӣ,
зи худёриву худҳолӣ.

Муҳаббат доми озодист,
ман доми туро хоҳам,
Зи истиқлоли худ сарсон,
зи исёни ту ҳайронам.
Бурун аз ошёни ман
гарам озоду дилшодӣ,
Ҳама деворҳои хонаи худро биафтонам!

Зи ишқи ман,
зи бахти ман,
зи ман озодӣ мехоҳӣ?
Ту, эй марди сипаҳсолор,
зи зан озодӣ мехоҳӣ?!
*1985*

## ПИРАЗАН

Баҳораш тарк бинмуда чу ёраш,
Надорад гул хазони рӯзгораш.
Зи нури чашму нури ҳусну афсун,
Чароғи барқ монда ёдгораш.

Ба рӯяш чанги чанги солиён аст,
Дили пираш зи умеде ҷавон аст.
Танӯраш бӯйи нони гарм дорад,
Равона интизори меҳмон аст.

Ба тоқи хона аз антиқаи умр,
Варо чандест осори қадима.
Тапад аз ёдҳои талх,
ширин,
Дилаш беҳолу беболу ҳалима.

Самои рӯзгораш абргун аст,
Зи чашмонаш намерахшад ситора.
Вале чун гулхани хомӯш дорад,
Тайи хокистари хотир шарора.
*1985*

## ВАТАНДОР

Дар замоне ки замин бе такя аст,
Такядорӣ навбати ман омада.
Доварӣ дар бозии тифлони пир,
Ҳақгусорӣ навбати ман омада:
Такядору ҳақгусори ман, Ватан,
Довари ойинадори ман, Ватан!
***
Санги кӯҳат
заршиносам кардааст,
Ишқи ту
пири сипосам кардааст.
Бефаноии ту дар даҳри фано,

Аз ғами мурдан халосам кардааст:
Эй Ватан, марзи садоқаткиштаам,
Эй Ватан, «Шаҳнома»-и нанвиштаам!
***
Бингарам ҳайрон ба савдои ҷаҳон,
Гӯшкар аз шӯру ғавғои ҷаҳон.
Сар ба дӯши кӯҳсорон мениҳам,
То наларзам ҳамчу авзои ҷаҳон:
Арчасон хоҳам, ки бошам бехазон,
Кӯҳсон хоҳам, ки бошам ҷовидон.
***
Носеҳонам нуктагирӣ мекунанд,
Деҳаи худро агар гӯям, Ватан.
Мекунад таҳрири каҷ,
таҳлили каҷ,
Каҷкулоҳе меҳру шеъру ҳарфи ман:
Мазраву деҳу диёри ман, Ватан,
Эй канори беканори ман, Ватан!
***
Носеҳо, фарёди дардолуди ҷон,
Нашнавӣ гар аз хамӯшиҳои ман,
Аз забонам
чашми ман гӯётар аст,
Чашми ман
бо тоҷикӣ гӯяд сухан:
Аз забони ман агар бебаҳраӣ,
Аз ғаму шодии ман чун огаҳӣ?
***
Дӯстдории Ватан бошад вубол,
Ку савобе, ки бақои олам аст?
Дар ғарибӣ кашф кардам, ки Ватан,
Мазҳабу дини нахусти одам аст:
Хуни Ҳурмузд аст
дар шарёни ман,
Мазҳаби Зардуштии ман, эй Ватан!
***
Дар садоқат нест сарборе гарон,
Ҷуз муҳаббат нест суде безиён.
Бо ҳама болоияш,
Помирро,
Хоҳаме болои сар бидҳам макон:
То расад «Боми Ҷаҳон» то осмон,
То ҷаҳон бинад варо
ҳамчун ҷаҳон!
***
Дар нигоҳи нусхагири беҳунар,
Гар Гули рухсори ҷурму иллатам,
Бо сари сабзу забони сурхи худ,
Духтари исёнпарасти миллатам:
Дарди ман бо тоҷикӣ
гирён шавад,
Шодиям бо тоҷикӣ
хандон шавад.

Эй Ватан, марзи садоқаткиштаам,
Эй Ватан, «Шаҳнома»-и нанвиштаам!
*1984*

**АФСОНА**

Ҷони ман, афсона гӯ, афсона гӯ, афсона гӯ,
Аз ҳақиқат,
аз тариқат,
аз насиҳат хастаам!
Растаам, аз ҳалқаву банди асорат растаам,
Лек дар доми фиребу макри ту побастаам.
Аз ҳақиқат, ёри ман,
афсона гӯ, афсона гӯ!

То ки бар афсуни ту
мастона ман бовар кунам,
То ки бар бемаргии Мастура*
ман бовар кунам.
То ки бар гулчинии кӯру санохонии лол,
То ки бар пурганҷии Майхӯра**
ман бовар кунам.
Лаҳзае аз ростиҳо
бе дурӯғ афсона гӯ!

Гӯй, дар ин хок то фарҳанги ту
фарҳанг буд,
Ганҷу дороии кӯҳистонӣ
ному нанг буд.
Дошт соҳибхоки ман дасту дилу рӯйи кушод,
Гарчи худ умре муқими дарраҳои танг буд,
Ҷони ман, аз обу хоку сангу кӯҳ афсона гӯ!

Ёд кардам Ҳофизу " Шаҳнома"- хониҳои ту,
Нақшҳои зиндаи Беҳзоду Мониҳои ту.
Сангҷонӣ,
сахтҷонӣ,
кӯҳсониҳои ту,
Ларза мегирад маро
аз безабониҳои ту,
Аз шукӯх,
бахши мани ларзандарӯҳ афсона гӯ!
***
Бори имонро ба мизон
баркашидан мушкил аст,
Ашки ман олудаву полудаи хоку гил аст.
Шеъри ман фарзанди ғампарвардаи моми дил аст,
Аср дармонбахши мо на,
вақт моро қотил аст,
Бар ҳама панди тасалло,
баҳри ман афсона гӯ!

Аз мадоро хастаам,
з- ин иллати урёни худ,
Аз забони теғдору ҳарзаи печони худ,
Хастаам, з- афсонаи маҳзуну хунгирёни худ,
То напӯшам чашми имон
аз фари яздони худ,
Аз ҳақиқат
ҳар нафас
фарёдрас афсона гӯ!

---

** Номи модари шоир, ки хеле ҷавон фавтида.*
*** Коне, ки ганҷаш тамом шуда.*

*1984*

**БАҲОРИЯ**

Оби равон хонад ғазал,
дар пардаи ҷӯборҳо.
Гул ҳусни худ созад гиреҳ,
дар панҷаи гулхорҳо.
***
Гум карда роҳи хешро
хун дар раги шарёни ман.
Оташ забона мезанад,
дар тобаи чашмони ман.
***
Дар маҳди ҷон хобонда аст,
дил ақлро чун тифли худ.
Набзи маро афшурда аст,
дасти ҳавасҳои вуҷуд.
***
Ман меравам берун зи худ,
аз худ ба худ,
то ҳеҷ кас.
Сар медиҳам дар кӯчаҳо
мурғи ҳавасро аз қафас.
***
Бо кӯдакони шодҷон,
хандам суруди қаҳ-қаҳа.
Чун оби тарма вақти дав,
аз раҳ гурезам бераҳа.
***
Бӯсам зи рӯйи хасми худ,
бо рамзи ихлосу халос.
Бахти ками худро диҳам,
бо як ҷаҳон шодӣ қиёс.
***
Гул мехарам аз баҳри худ,
аз номи як номеҳрубон.
Худро бибӯсам ҷойи ӯ,
сӯзандалаб,
сӯзандаҷон.
***
Сарсон кунам як шаҳрро,
дар саркашиву бесарӣ.
Ҳайрон кунам шоҳи парӣ,
бо сеҳру бо ҷодугарӣ.
***
Дар пардаи ҷӯборҳо,
ашки ҳамал хонад ғазал,
Дар найчаи шарёни ман,
хуни ҳамал дорад мағал.
***
Пар мекашам то осмон,
бо Зӯҳра гардам ҳамнишин.
Ку шаҳпаре,
ку ҳампаре,
к-орад маро сӯйи замин?!
***
Аз олами рӯъёиям
то ман кӣ меорад маро?

Танҳоии базми баҳор,
бо ханда озорад маро.
***
Хандам қатори турнаҳо,
бар ҳоли мурғи хонагӣ.
Бигрезам аз ҳушёрҳо,
то мастиву девонагӣ.
*1984*

**ЗОДАНИ ИНСОН**

Хонае ду дар дорад,
аждаре ду сар дорад,
Марг мекашад ханҷар,
зиндагӣ сипар дорад.

Модаре сафархоҳ аст,
раҳгушои ду роҳ аст,
Дар талоши ду ҷон аст
ҳар ду ҷон сари оҳ аст.

Наъра мекашад аждар,
сӯйи кӯдаку модар,
Марди мардро бингар,
музтару тамошогар…
***
Модаре писар дорад,
зиндагӣ хатар дорад,
Мард дар паноҳи зан
ду сипар ба бар дорад.
*1984*

**ЭЙ САНГҲОИ КАР!..**

Эй сангҳои кар
магар байти маро нашнидаед?-
Байте, ки афғони дил аст,
Фарёди ларзони дил аст,
Байти чӣ,
исёни дил аст,
Исёни тӯфони дил аст!

Эй бас хаёли хастаҷон
Талх омада дар оҳи ман,
Дар хирмани бебодгар
Хуфтаст дону коҳи ман,
Дил мекашад,
по меравад,
Ман меравам,
аммо куҷост,
Он манзили дилхоҳи ман,
Он ёри дилогоҳи ман?!

Ман бемадорам,
зистан бо худ
мадоро будааст,
Дунёи бепарвои ман
ҳай-ҳай чӣ дунё будааст.
Ҷуз меҳр ҳар чӣ доштаст
дар махзани бебаркашаш,

Холӣ зи дилҳо будааст,
анбори анво будааст…

Эй сангҳои кар
магар аз қаҳ –қаҳам тарсидаед,
К- ин гуна сарду бесадо
дар роҳи ман афтидаед?!
*1984*

**ШАКАРУ ТАБАР**

Сангро бо пахта натвонам шикаст,
Қарни оҳан медиҳад панди дигар.
Оқили коҳил ба ҳукми қотил аст,
Гар набандад роҳи ҷаҳли бадгуҳар.
Ҳайф, ҳайфи ҳикмати Нӯшинравон,
Несташ гӯши ниюшидан дигар!

Аждареро, ки маро дар мекашид,
Бо пари садбарги тар куштам,
намурд.
Талхкоми заҳри андарзи қадим,
Душманамро бо шакар куштам,
намурд.
Содагӣ дар қарни ман марг аст, марг,
Душманамро бо табар куштам,
намурд!
*1984*

**КАЛИД**

Калиди хонаамро кардаам гум,
Ситода пушти дар хотирпарешон.
Даруни кулбае буд олами ман,
Бурун з-ин оламам саргуму сарсон.

Ба рӯйи хеш пӯшида дарамро,
Паси дар мондаам бечора, музтар.
Калиде ҳокими ин хона будаст,
На ман,
на ишқи ман,
на қуфл,
на дар!

Зи шоха мурғаки бедармаконе,
Ба сӯям бингарад ҳайрону масъуд.
Нигоҳи содааш гӯйӣ бигӯяд:
Калиду қуфлро худ сохтӣ, худ!..
*1984*

**МЕҲМОНИ НОХОНДА**

Ин хона зебо будааст,
Бо хандаи тилони худ.
Аммо, вале..,
бояст рафт,
З- ин нурхона мисли дуд.

Ин хона гарму равшан аст,
Аз ишқи зан,

аз сеҳри зан.
Бигзор равшантар шавад,
Аз офтоби меҳри зан.

Шаб тира аст,
берун марав,
Аз манзили пурнури худ.
Ман меравам сӯйи ҷазо,
Бинои дигар,
кӯри худ.

Ман меравам ношоди ту,
Аз манзили ободи ту,
Бехайрбоду хайрмон,
Бо ёди худ,
бе ёди ту,

Чашми туро аз чашми ман,
Бӯсад нигоҳи дилбарат.
Бо дасти ларзони фироқ,
Аз пушти худ пӯшам дарат.

Ин хона як дар доштаст,
Як шаҳсутуни бобақо.
Ин кулба боло будааст,
Аз тахти бахту ишқи мо!
*1984*

**ЧОРСӮ**

Дар чорсӯи зиндагӣ
бо чор айбам музтарам;
Ман содаам,
озодаам,
дилдодам,
худбоварам.

Дар чорсӯи зиндагӣ,
бо чор чашми дигарам,
Бегонасон бар сӯйи худ
рӯшоду пинҳон бингарам.

Ку ҷаннати ман сохта,
ку шаҳпарам?
мушти парам!
Ку аз шарори ҷони ман
хокистари хокистарам?!

Дар чорсӯи зиндагӣ,
дармондаи дармони худ
Бо чашми ҳайрат бингарам,
бар чор Гулрухсори худ.
*1984*